# Ирфони Ҳофиз

**Силсиласуханрониҳои Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ**

***Фароҳамоваранда:***

***Сайидюнуси Истаравшанӣ***

# Ба номи Худованди Маннон

**Роҳҳои шинохти Ҳофиз**

Мавзӯи баҳс “Ирфони Ҳофиз” аст. Девони Ҳофиз аз қадимулайём як девони ирфонӣ талаққӣ шудааст. Албатта девонҳои ирфонӣ дар шеъри форсӣ зиёд аст, вале на хеле зиёд, ва онҳое, ки воқеан ирфон шинохта шудааст, ба маънии ин ки талаққии дигарон ин будааст, ки гӯянда воқеан марди орифе будааст ва идрокот ва эҳсосоти орифонаи худашро дар шеъраш мунъакис карда ва ворид дар ирфон будааст. Чунин девонҳое дар забони форсӣ зиёд нест, ғолибан муқаллиданд, на ориф. Вале албатта ҳаст, девони Аттор мусаллам девонест ирфонӣ, ашъори Ироқӣ ашъорест ирфонӣ, девони Мағрибӣ девонест ирфонӣ, ва аз ҳама маъруфтар ва шохистар ду девон аст: девони Маснавӣ ва девони Ҳофиз.

Мо агар бихоҳем дар бораи ирфони Ҳофиз баҳс кунем, аввал бояд ба ин нукта таваҷҷӯҳ кунем, ки ирфон ду қисмат аст: ирфони назарӣ ва ирфони амалӣ. Аввал ирфони амалиро зикр мекунем.

**Ирфони амалӣ**

Ирфони амалӣ иборат аст аз сайру сулуки инсон, ё баёни сайру сулуки инсон илаллоҳ, ва ба иборати дигар: баёни ҳолот ва мақомоти инсон дар сайр ба сӯйи Ҳақ; аз аввалин манзиле, ки урафо онро “манзили яқза” ном мениҳанд, яъне манзили бедорӣ, то охирин манзил, ки манзили вусул ба Ҳақ аст ва онҳо онро таъбир ба “тавҳид” мекунанд. Яъне аз назари ориф, тавҳиди ҳақиқӣ ҷуз бо вусул ба Ҳақ ҳосил намешавад. Ориф тавҳидҳои қабл аз ин марҳиларо тавҳиди воқеӣ намедонад. Шумо агар “*Манозилус-соририн*”-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро мулоҳиза карда бошед — ва ин китоб ахиран ба форсӣ ҳам тарҷума шудааст — мебинед, ки манозили сулукро ба сурати сад манзил баён карда ва даҳ манзил-даҳ манзил кардааст, аз бидоёт шурӯъ ва ба ниҳоёт мунтаҳӣ мешавад.

Аз назари урафо, ин масъала як масъалаи таҷрибӣ ва озмоишист. Дар миёни улуме, ки мо дар гузашта доштаем, беш аз ҳар илми дигаре, шабеҳ ба улуми имрӯзӣ аз назари муттакӣ будан ба навъе озмоиши амалӣ, аз ҳама наздиктар ҳамин ирфони амалӣ аст ва аҳёнан фарангиҳо ҳам инҳоро ба унвони “таҷрибиёти дарунӣ” таъбир мекунанд. Дар ҳамин

баҳсҳои оқои дуктур Абдурраҳмон Бадвӣ (файласуфи мисрӣ) ҳам, ки таъбироти эшон ғолибан таъбироти фарангӣ буд, ё таъбироте, ки Иқболи Лоҳурӣ дорад, ки боз таъбиротест, ки аз фарангиҳо гирифтааст, дар мавриди ин сайру сулуки маънавӣ таъбир ба "таҷрибаи дарунӣ" мекунанд. Ва ин аз назар, равоншиносӣ як водии ношинохтаест, ва ҳар равоншиносе наметавонад равоншиносии ирфониро дарк кунад, зеро то касе амалан ба дунёи руҳ ворид набошад, чиро мехоҳад озмоиш кунад? Танҳо як олими равоншиноси орифи солик метавонад иддаъо кунад, ки ман равоншиносии ирфониро метавонам баён кунам ва тавзеҳ бидиҳам.

Дар миёни равоншиносони ҷадид як нафар аст, ки то ҳадде иттилоот ва мутолеоте дар ҳамин замина дорад (шояд беш аз як нафар бошад, ман ин як нафарро мешиносам) ва ӯ файласуф ва равоншиноси маъруфи омрикоӣ Вилём Ҷеймз аст, ки қариб ба замони мо ҳам буда ва китобе ҳам навиштааст, ки номи аслии он гӯё "Озмоишҳои ирфонӣ" будааст. Қисмате аз ин китобро ба забони форсӣ тарҷума кардаанд ба номи "*Дин ва равон*" ва ин мард шахсан мазҳабӣ ва орифмашраб буда ва рӯйи мурочеакунандагони худаш бештар, аз назар ирфонӣ мутолеа карда ва сахт ҳам ба ҳолоти равонии ирфонӣ мӯътақид аст.

Ба ҳар ҳол, ин як масъалаи фавқулъода азимест. Масъалаи ирфони амалӣ масъалаи инсон ва шинохти инсон аст; инсон аз аввалин марҳилаи хокӣ будан то он марҳилае, ки Қуръони Карим онро "*лиқоуллоҳ*" меномад…

Агар касе бихоҳад дар бораи ирфони Ҳофиз баҳс кунад, як қисмат ин аст, ки Ҳофиз дар ин водӣ, ки алъон мо ба "водии ношинохта" таъбир кардем, дар водии сайру сулук, чӣ гомҳое бардоштааст ва чӣ ҳолот ва мақомоте аз ирфонро дар шеъри худаш мунъакис кардааст, яъне дар ашъори Ҳофиз аз мақомоти сайру сулук чӣ чизҳое пайдо мешавад, ки инҳоро бояд инсон дақиқан ибтидо бо он чӣ, ки урафо дар китобҳое, ки дар ин мавзӯъ сареҳ баён кардаанд татбиқ кунад, баъд бибинад, ки дар ҳар ҷое Ҳофиз чӣ мегӯяд. Инҳо истилоҳоти хоссе доранд, калимоти хоссе ба кор мебаранд ва Ҳофиз ҳам бидуни шак тобеъи ҳамон истилоҳот ва таъбирот ва алфоз аст. Ва бахше аз арзиши Ҳофиз ба ин дарк мешавад, ки ин ҳолоти маънавиро чӣ гуна тавонистааст дар ашъораш мунъакис кунад. Ин як қисмати баҳс аст.

**Ирфони назарӣ**

Қисмати дуввум ирфони назарӣ аст. Ирфони назарӣ яъне ҷаҳонбинии ирфонӣ, биниши ирфонӣ, яъне он назаре, ки ориф ва ирфон дар бораи ҷаҳон ва ҳастӣ дорад, ки ба таври мусаллам бо назари ҳар файласуфе мухталиф ва мутабойин аст, то чӣ расад ба ғайри филсуф. Яъне табақаи урафо як ҷаҳонбинии хоссе доранд, ки бо соири ҷаҳонбиниҳо мутафовит аст. Ин бахш аз ирфон, назар аст дар бораи Худо, ҳастӣ, асмо ва сифоти Ҳақ ва дар бораи инсон.

Аз ҷанбаи назарӣ изҳори назар кардан, дар воқеъ ин аст, ки Худо дар назари ориф чӣ гуна тавсиф ва шинохта мешавад ва инсон дар назари ориф чӣ гуна аст, ориф дар инсон чӣ мебинад ва инсонро чӣ ташхис медиҳад.

Поягузори биниши ирфонӣ — ки баъзе аз он ба "ирфони фалсафӣ" таъбир мекунанд — яъне он ки ирфонро ба сурати як фалсафа ва як баён ва як биниш дар бораи ҳастӣ ва вуҷуд дароварад, албатта ба таври пароканда дар калимоти урафо каму беш аз садри ислом пайдо мешавад, вале он касе, ки ирфонро ба сурати як илм даровард ва ба истилоҳ фалсафа кард ва ба сурати як мактаб даровард ва дар муқобили фалосифа арза дошт ва фалосифаро дар воқеъ таҳқир ва кучак кард ва рӯйи фалсафа асар гузошт ва фалосифае, ки баъд аз ӯ омаданд чорае надоштанд ҷуз ин ки ба назарҳои ӯ боэътино бошанд, бидуни шак Муҳйиддини Арабӣ аст. Падари ирфони назарии исломӣ Муҳйиддини Арабӣ он уъҷубаи аҷиби рӯзгор аст.

Муҳйиддин дар ирфони амалӣ низ қадами росих доштааст, яъне аслан аз аввали умраш як марде буда, ки аҳли риёзат ва муҷоҳида будааст. (Албатта мо алъон дорем тавсиф мекунем ва кор надорем, ки Муҳйиддин ё Ҳофиз ҳарфашон дуруст аст ва маъсуманд ё ҷоизулхато ҳастанд. Мусалламан ин ҳарфҳо матраҳ нест, мо дорем баён мекунем, ки инҳо чӣ доранд мегӯянд.) Муҳйиддин аввал касест, ки ирфонро мутафалсаф кард, яъне ба сурати як мактаби муназзам даровард. Ва аслан ин масъалаи "ваҳдати вуҷуд", ки меҳвари ирфон аст — ва ҳатто дар ирфони амалӣ ҳам ҳамин тавр аст, ки ҳоло як баҳсе дар бораи он ҳаст, чун он тавҳиде, ки ориф охираш ба он мерасад, ҳамон ваҳдати вуҷуд аст дар ирфони амалӣ — ва ин ваҳдати вуҷуде, ки дар ирфони назарӣ баён шуд, аввал бор тавассути Муҳйиддини Арабӣ баён гардид ва ӯ буд, ки шогирдҳои азим ва бузурге тарбият кард ва ҳар кас ҳам, ки

аз он замон ба баъд омадааст, резахори Муҳйиддин аст бидуни шак, ва аслан ин мард як шӯру ғавғои ирфонӣ дар ҷаҳони ислом бапо кард.

Ин мард аз назари нажод араб аст, яъне Тоии Андалусӣ аст. Ба ӯ мегӯянд "Муҳйиддини Арабии Тоии Ҳотамии Андалусӣ". "Арабӣ" мегӯянд чун араб аст, "Тоӣ" мегӯянд чун аз қабилаи "Тай" аст, "Ҳотамӣ" мегӯянд чун аз авлоди Адий ибни Ҳотам аст, наслаш ба Ҳотами Тоӣ мерасад, ва "Андалусӣ" мегӯянд чун сокин дар Андалус буд. Дар он вақт Андалус Андалуси исломӣ буд ва ин Андалуси исломӣ чӣ маркази бузурге будааст барои тамаддун ва фарҳанги исломӣ дар ҳар қисмате, чӣ адабиёт, чӣ фалсафа, чӣ ирфон, чӣ тиб, чӣ риёзиёт. Ва чӣ ашхоси бисёр бузурге ба вуҷуд оварда ва чӣ сарнавишти ғамангезе ҳам дорад, ки аҷиб аст. Ва ба чӣ ҷабре масеҳиҳо омаданд онҷоро эҳтилол карданд ва аз он ба баъд ҳам дигар ин Испониё рӯйи саодат надид, ки алъон ҳам диктотуритарин марказҳои дунё ҳамин Испониёи ҷаноби Фронку аст.

Ин мард (Муҳйиддини Арабӣ) мусофиратҳои зиёде ба дунёи ислом кард. Аввалан солҳои зиёд муҷовири Макка буда. Ва муҷовирати Макка ва Байтуллоҳилҳаром ва муҷовирати қабри муқаддаси Пайғамбари Акрам (с), ҷузъи чизҳое буда, ки урафо барои худашон лозим медонистаанд, ки як муддате дар ин маконҳо бошанд ва муҷовир бошанд ва барои муҷовирати ин макон як осори хоссе қоил буданд. На танҳо урафо, ғайри урафо ҳам ҳамин ҷур. Шумо мебинед Замахшарӣ аҳли Мовароуннаҳр аст, аҳли шимоли Эрони қадим, яъне аҳли сарзамини Шӯравии феълӣ, сарзамини бисёр сардсер. Аз онҷо ҳаракат мекунад меояд солҳои зиёд муҷовири сарзамини доғи Макка мешавад, ки ман таъаҷҷуб мекунам як одаме, ки одаташ буда, ки дар сарзаминҳои сард зиндагӣ кунад, ин чӣ имоне буда ва ин чӣ шӯре буда, ки солиёни дароз ин мардро муҷовири Байтуллоҳилҳаром мекунад, ки мулаққаб мешавад ба "Ҷоруллоҳ" ва дар тафсири "Кашшоф" дар яке аз оёти сураи Анкабут мегӯяд, шумо асари маконҳоро ғофил набошед ва ҳар касе, ки солҳо муҷовири хонаи Каъба бошад, мефаҳмад, ки як осори маънавӣ дар ин муҷовират ҳаст, ки дар ғайри онҷо нест. Ё ҳамин Маҷдуддини Фирӯзободии Шерозӣ, соҳиби "Қомус", солҳо муҷовири Макка буда.

Ғаразам ин аст, ки ихтисос ба урафо надорад ва ғайри урафо ҳам аз удабо, фуқаҳо ва… (чунин будаанд.) Шумо мебинед Амини Астарободӣ солҳо меравад дар Макка ва Мадина

муҷовир мешавад ва “*Фавоидул-мадания*” менависад. Баҳрулулум солҳо муҷовир дар Макка будааст.

Муҳйиддин ҳам солҳо дар Макка муҷовир буда ва “Футуҳот”-и худашро — ки аз як назар бузургтарин китоби ирфонист — дар Макка навиштааст ва ба ҳамин муносибат “Футуҳот”-и ӯ “*Футуҳоти Маккия*” номида мешавад. Бо Сухравардии маъруф (яъне Шайх Шаҳобуддини Суҳравардии мақтул, соҳиби “*Ҳикматул-ишроқ*”, ки инҳо муосир ҳастанд) дар Макка мулоқот кардааст ва мегӯянд, ки инҳо соатҳо бо якдигар дар хонаи Каъба мулоқот доштанд ва ба эҳтимоли бисёр қавӣ — ки ин ҷиҳат бештар мавриди ғафлат аст — ҷаноби Сухравардӣ ҳикмати завқӣ ва ишроқиро бештар таҳти таъсири Муҳйиддини Арабӣ будааст, то дигарон. Ғараз ин ки Муҳйиддин ҳатто дар ҳикмати ишроқии исломӣ ҳам асари фаровон дошта. Мегӯянд, вақте аз ҳам ҷудо шуданд, аз Шайхи Ишроқ пурсиданд, ин мардро чӣ гуна дидӣ? Гуфт: дарёе бепоён. Аз Муҳйиддин пурсиданд, Суҳравардиро чӣ гуна дидӣ? Гуфт: марди солеҳе буд.

Муҳйиддин шогирдони зиёде доштааст, ки ин китобҳои ирфонии илмиро инҳо навиштаанд, аз қабили Садруддини Қунавӣ. Садруддини Қунавӣ зимнан (писархондааш ) яъне писари занаш ҳам ҳаст. Бо модари ӯ издивоҷ кард ва ӯ шогирд ва муриди фавқулъодаи вай буда ва дар воқеъ шореҳи гуфтаҳои Муҳйиддин, Садруддини Қунавӣ аст.

(Ва ё) Ибни Форизи Мисрӣ дар миёни шуарои араб назири Ҳофизи мост. Яъне девони Ибни Фориз дар шеъри арабӣ назири девони Ҳофиз аст, бо як тафовут, ки онҳое, ки аҳли фаннанд муддаъӣ ҳастанд, ки Ҳофиз аз назари лутф ва зарофат болотар аст аз Ибни Фориз, вале Ибни Фориз аз назари мақомоти ирфонӣ болотар аст аз Ҳофиз. Яъне чизҳоеро аз мақомоти ирфонӣ ӯ мунъакис кардааст, ки Ҳофиз дар он мавзӯъот сукут карда ва дар Ҳофиз чизе мунъакис нест. Ибни Фориз хеле фавқулъода аст, умри зиёде ҳам накарда. Он тавр, ки таърих менависад, 56 сол бештар аз умраш нагузашта, ки фавт кардааст. Ӯ ҳам гоҳе дар Макка буда ва гоҳе дар Миср. Дар кӯҳҳои Макка мерафт гардиш мекард, танҳо ва таҳти таъсири ҳолоти ирфонии худаш буд, ва дар Миср ҳамин тавр. Ва мегӯянд, дар Макка буд бо Миср мағозила мекард. Дар Миср буд бо Макка мағозила мекард. Ӯ ҳам одами аҷибест, аз аҷоиби дунёи ислом аст. Қасидае дорад, “Тоияи Ибни Фориз”, дар ҳудуди ҳазор шеър аст, ки ҳамаи онҳо ба “т” хатм мешавад, шеърҳои маъруфест, ки ин шеърҳо аз ӯст:

**وَاِنّی وَاِنْ کُنْتُ ابْنَ ادَمَ صورَةً**

**وَلکِنْ فیهِ شاهِدٌ بِاُبُوَّةٍ**

Ва мегӯянд, тамоми ин шеърҳоро дар ҳолати бехудӣ ба истилоҳ гуфта ва дигарон навиштаанд.

Довуди Қайсарӣ, шореҳи "Фусус", аз ин табақа аст. Яъне аз табақаи эҳёшудаҳо ва зиндашудаҳои Муҳйиддин аст. Абдурразоқ Кошонӣ шореҳи дигар аст. Мавлавии Балхии Румӣ муосир буд бо Садруддини Қунавӣ ва дар Қуния бо Садруддин нишасту бархост дошт. Фавти Муллои Румӣ дар ҳудуди чиҳил сол баъд аз фавти Муҳйиддин аст. Яъне Муҳйиддин дар ҳудуди соли 635 фавт мекунад ва Муллои Румӣ дар 672, ки соли фавти Муллои Румӣ ва Хоҷа Насируддини Тӯсӣ як сол аст.

Баъд аз ӯ ҳам касоне, ки омаданд, мисли Маҳмуди Шабистарӣ, соҳиби "Гулшани роз", Ҷомӣ, ки аз шореҳони "*Фусусул-ҳикам*"-и Муҳйиддин аст, ҳама сахт таҳти таъсири Муҳйиддини Арабӣ ҳастанд ва дар ашъори Шабистарӣ инсон калимоти Муҳйиддинро комилан метавонад бибинад.

Ғараз ин аст, ки Муҳйиддин таъсири аҷибе рӯйи урафои баъд аз худаш гузоштааст ва дигарон ба ин матлаб эътироф кардаанд. Дар миёни нависандагони форсизабон касе, ки агар дар ин масоил изҳори назар мекунад ва то андозае рӯйи мутолеот аст ва беҳисоб ҳарф намезанад, оқои дуктур Зарринкӯб аст. Вай дар китобе, ки ба номи "*Арзиши мероси Сӯфия*" навишта, ин ҳарфро эътироф мекунад, мегӯяд: "*Муҳаққиқони сӯфия баъд аз Муҳйиддин, алалхусус шуарои сӯфияи Эрон, аз он баҳраи бисёр ёфтаанд*."

Муҳйиддин шеър ҳам мегуфта, албатта шеърҳояш дар ҳадди шеърҳои Ибни Фориз дар арабӣ ё Ҳофиз дар форсӣ нест, вале шеъри зиёд гуфта ва аслан шеър барои ӯ ҳолати шеърӣ надорад, дар воқеъ мавҷ аст. Ва баъзе шеърҳояш ҳам дар он ҳадди аълое аз зебоист, ки гоҳе дар "*Асфор*" шеърҳояшро нақл мекунад. Ду се то шеър дар ҳафтаи гузашта оқои дуктур Бадвӣ хонд, гӯӣ ин ки эшон ин шеърҳоро хонд ба эътибори шеъри охираш ва хуб ҳам тавҷеҳ накард…

**لقد صار قلبی قابلاً کلَّ صورة**

**فمرعی لغزلان ودیر لرهبان**

**وبیت لاوثان وکعبة طائف**

**والواح توراة ومصحف قرآن**

ادین بدین الحب انّی توجهت
ركائبه فالدین دینی وایمانی

Шеърҳои аҷибе дорад, ва аз касоне, ки сахт дар муқобили Муҳйиддин хозеъ ва фурӯтан ва кучак аст, Садрулмутааллиҳин (Мулло Садро) аст.

Ғараз ин аст, ки падари ирфони назарӣ Муҳйиддин аст. Ва агар мо дар бораи ирфони назарии Ҳофиз бихоҳем баҳс кунем, чорае надорем ҷуз ин ки ҳамон мактаберо, ки Муҳйиддин таъсис кардааст мутолеа кунем ва бибинем, ки инҳо чӣ гуна баён кардаанд ва оё Ҳофиз дар ин замина чизе дорад ва ё надорад. Вале инсон вақте ки вориди баҳс дар бораи ирфони Ҳофиз мешавад, мебинад, ки хеле доманаи дарозе дорад, ва ман ҳайфам омад, ки як қисматҳоеро инҷо баён накунам.

**Оё Ҳофиз ориф буда?**

Баҳс дар бораи "Ирфони Ҳофиз", ки мо унвон кардаем, мафҳумаш ин аст, ки мо ҳатман Ҳофизро як марди ориф фарз кардаем, он гоҳ дар чигунагии ирфони Ҳофиз баҳс мекунем, ки ирфони амалии Ҳофиз дар чӣ ҳадду мартиба аст ва ирфони назарии Ҳофиз чӣ гуна аст. Вале дар асри мо як матлаби ҷадиде ба вуҷуд омада ва худи мо эрониҳо инро ба вуҷуд овардаем. Ва он ин аст, ки аслан оё Ҳофиз воқеан ориф буда ё ориф набуда? Ин аввали ҳарф аст барои эрониҳои имрӯз. Шумо агар аксари қариб ба иттифоқи мақолоте, ки имрӯз дар ҷароид, маҷаллот, рӯзномаҳои явмия ва ғайри явмия дар бораи Ҳофиз менависанд ва ҳатто китобҳое, ки ахиран дар бораи Ҳофиз навиштаанд, бихонед ва инҳоро миқёси шиносоии Ҳофиз қарор бидиҳед, мебинед Ҳофиз ба ҳар чизе шабеҳ аст ҷуз як ориф. Инро ҳам намешавад сарсарӣ гирифт ва гуфт бехуд гуфтаанд. Шояд ҳам воқеан ин ҷур бошад ва Ҳофиз воқеан ориф набуда ва бехуд бо як силсила таъвилот омадаанд ӯро ба сурати як ориф ҷилва додаанд.

Воқеъ матлаб чист? Оё Ҳофиз як марди орифе буда ё набуда? Имрӯз ағлаб Ҳофизро ба сурате мунъакис мекунанд, ки ҳеч намешавад номи ориф рӯйи ӯ гузошт. Ирфон ҳам, ки як амри ихтироъии имрӯзӣ нест, (балки) як ҷараёнест, ки беш аз ҳазор сол дар ҳамон давраи исломӣ аз он мегузарад. Оё Ҳофиз аз типи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ масалан буда ё набудааст?

Иддае асосан ин матлабро сахт инкор доранд ва лоақал қабул надоранд ё машкук медонанд, ки мо Ҳофизро як марди орифи воқеӣ бидонем. Ҳоло мо бояд бибинем, ки Ҳофиз кист? Аввал бояд бифаҳмем Ҳофиз кист? Оё метавонем Ҳофизро аз аввал ба сурати як ориф қабул кунем? Агар натавонистем, дар ҳамин марҳила таваққуф мекунем. Агар тавонистем, он гоҳ меравем бибинем ирфонаш чӣ гуна ирфонест.

Барои шинохтани Ҳофиз, мо ду манбаъ дорем, ки ин ду манбаъ метавонанд кӯмаки якдигар бошанд. Яке торих аст. Торихи Ҳофиз Ҳофизро чӣ гуна муаррифӣ мекунад? Яъне он миқдоре, ки Ҳофиз дар торихҳои муосири худаш омадааст ва ба забони мардуме, ки дар он замон ё наздик ба он замон будаанд (чун ҳар касе дар замони наздик ба худаш ҳам беҳтар шинохтааст, то касе ки 700 ё 800 сол аз ӯ гузаштааст) Ҳофиз чӣ гуна шинохта мешудааст ва чӣ гуна шахсе буда ва чӣ шахсияте доштааст.

Ва дуввум, худи девонаш; аз роҳи девонаш бибинем Ҳофиз чӣ гуна будааст. Мардро аз роҳи суханаш мешиносанд: "*Алмаръу махбуъун таҳта лисониҳи*." Каломи Амирул-муъминин аст: "*Инсон дар зери забонаш пинҳон аст*." Инсон ҳар кор бихоҳад бикунад, ки худашро махфӣ кунад ва парда рӯйи забони худаш бикашад, хиёл намекунам сад дар сад битавонад. Ба ҳар ҳол як манбаи дигар, девон аст.

Ин ҳар ду, манбаи хубест барои шиносоии Ҳофиз. Дар баъзе қисматҳо, мумкин аст ҳар ду тавофуқ дошта бошанд. Дар баъзе қисматҳо, аз торихи Ҳофиз як чизҳое — ки албатта бештар марбут ба ҷузъиёти зиндагии ӯст — мешавад фаҳмид, ки аз девонаш намешавад фаҳмид. Як чизҳоеро ҳам аз девонаш мешавад фаҳмид, ки аз торихаш намешавад фаҳмид. Масалан, авҷи ирфони Ҳофизро дигар торих наметавонад баён кунад. Яъне, касе ки "шарҳи ҳолнавис" буда, наметавонад авҷи ирфони Ҳофизро баён кунад ва қаҳран торих ҳам дар ин қисмат сукут кардааст.

**Ҳофиз аз нигоҳи торих**

Ҳофизро дар замони худаш чӣ гуна шахсе мешинохтаанд? Иттифоқан, Ҳофиз дар замони худаш ба гунае шинохта мешудааст, ки ҷанбаҳои дигараш, ҳам бар ҷанбаи шоириаш ғалаба доштааст, ҳам бар ҷанбаи ориф будан ва дарвеш будан. Яъне ӯро ба сурати як шоири ҳирфаӣ намешинохтаанд ва Ҳофиз ҳам зиёд шеър нагуфтааст.

Шеърҳое, ки воқеан аз Ҳофиз аст ва мешавад собит кард, ки аз ӯст, бар айёми умри Ҳофиз, ки тақсим кардаанд — як вақте оқои Муҳити Таботабоӣ инро баён мекард — шояд дар моҳ як ғазал гуфта бошад. Ӯ ғайр аз шоирҳои дигаре мисли Низомӣ ё Фирдавсӣ ва ҳатто Мавлавӣ аст. Инҳо ба шоир будан дар замони худашон бештар шинохта мешудаанд. Албатта шеъри Ҳофиз бо ҳамаи камӣ, дар ҳамон замони худаш шӯҳрат пайдо карда ва на танҳо аз дарвозаҳои Шероз берун рафта, балки аз дарвозаҳои Эрон берун рафтааст. Вале ба ҳар ҳол, шеъри зиёд нагуфта ва дар замони худаш ҳам ба номи як шоир маъруф набуда, ҳамчунон ки дар замони худаш ба унвони як дарвеш ва як сӯфии ҳирфаӣ ҳам маъруф набудааст.

Мутасаввифа мардуми пинҳоне набудаанд, силсилаҳо ва риштаҳо доштаанд, устодҳояшон ҳама мушаххас буда, ин шайхаш он буда, он шайхаш он дигаре буда, ки силсилаҳои сӯфияро навиштаанд. Ва ба илова, шумо мебинед, ки инҳо ағлаб дар либос ва дар “зий” (ҳамон либос) бо дигарон тафовут доштаанд; кулоҳашон кулоҳи махсусе буда ва дар асрҳои ахир кашкул ва табарзин ва ин ҷур чизҳо буда, сар наметарошидаанд, ба қавли худи Ҳофиз “*На ҳар ки сар битарошад, қаландарӣ донад*.” Зоҳиран Ҳофиз ҳатто зийи тасаввуф ҳам надошта; агарчи гоҳе дар таъбироти худаш масалан мегӯяд: “*Ҳофиз, ин хирқаи пашмина бияндозу бирав!*”, вале инҳо далел намешавад, ки воқеан Ҳофиз амалан ҳам хирқаи пашмина мепӯшидааст. Ин “хирқаи пашмина” ҳам, ки лафзаш омада, мисли хеле алфози дигари Ҳофиз аст, ки баъд рӯйи он баҳс мекунем. Инро ман сад дар сад нафй намекунам, ки Ҳофиз дар зийи аҳли тасаввуф буда, вале то онҷо, ки мутолеа кардаам, қаринае ба даст наомадааст, ки дар зийи аҳли тасаввуф буда ва балки қароин бар хилоф аст. Ва ҳатто бо ин ки ин мард дар девони худаш такяи зиёд дорад, ки бе “далели роҳ” — яъне бе мураббӣ, он ки мутасаввифа ӯро “муршид” ва аҳёнан “шайх” ва “устод” мегӯянд — (набояд тайи тариқ кард ва) такяи аҷиб дорад, ки касе бидуни устод ва мураббӣ маҳол аст, ки ин роҳро битавонад тай кунад:

*Қатъ ин марҳила бе ҳамраҳии Хизр макун,*
*Зулумот аст битарс аз хатари гумроҳӣ.*

… бо ин ҳама такяе, ки ин мард рӯйи ин амр дорад, як нафар ҳанӯз натавониста нишон диҳад, ки муршиди ӯ чӣ касе буда. Мусаллам муршид дошта, вале (мушаххас ) нест.

Маълум аст, ки мураббии ӯ аз ин тип машойихи маъруфи сӯфия ва аз ин силсилаҳои маъруфи мутасаввифа набуда. Ва ба таври куллӣ, тасаввуфи шиъӣ аз тасаввуфи суннӣ ин имтиёзро дорад, ки ин силсилаҳо ва ин ташрифот бештар моли мутасаввифаи аҳли тасаннун аст ва мутасаввифаи шиъа, ҳам амиқтар аз мутасаввифаи аҳли тасаннунанд ва ҳам камтар аҳли ин ҳарфҳо ҳастанд, ки шайх ва устод матраҳ бошад ва устодашонро нишон бидиҳанд. Басо ҳаст, ки инҳоро дар замони худашон ҳеч кас намешинохтааст, ки дорои олитарин мақомоти ирфон ҳастанд; ҳатто ҳамсояи хонааш, занаш, баччааш, шогирдонаш намедонистаанд, ки ин болотарин мақомоти ирфонро дорад. Вале воқеан дошта, фақат ҳамон муаллими хоссаш ӯро мешинохта, аз ғайри ӯ ҳамеша пинҳон буда. Ва ман як қаринае ҳам пайдо кардаам, ки баъдан иншоаллоҳ хоҳам гуфт.

Ҳофиз як муддате кӯшиш карда, ки ба эҳтимоми худаш, яъне бидуни устод ва муаллим ва мураббӣ ин роҳро тай кунад. Баъд, ки солҳо заҳмат мекашад ва хуни ҷигар мехӯрад ва ҳатто ба як силсила мукошафот ноил мешавад, мерасад ба онҷо, ки на, бидуни “далели роҳ” имкон надорад. Мегӯяд, ки чунин кардем ва нашуд, чунон кардем нашуд, охираш мегӯяд, ки бидуни далели роҳ эҳтимом кардем ва нашуд. Маълум мешавад, муддате ин ҷур буда, вале баъд мусаллам далели роҳ пайдо кардааст.

Хуб, ин ҳам худаш як қаринае аст, ки Ҳофиз агар як касе мебуд, ки дар замони худаш хирқае дошт ва кулоҳи туркӣ ва аз ин ҳарфҳо, мусаллам шайхаш ҳам маъруф ва шинохта буд ва мегуфтанд (ӯ шогирди фалон шайх будааст.)

Касоне, ки Ҳофизро дар замони худаш ё наздик ба замони худаш тавсиф карда ва алқобе барояш зикр кардаанд, на лақаби шоирӣ ба ӯ додаанд ва на лақаби ирфонӣ, балки гӯӣ аслан як фақеҳеро, як ҳакимеро, як адиберо доранд таъриф мекунанд. Тамоми ановин ҳаст ҷуз ин гуна ановин.

Албатта ин нуктаро дигарон таваҷҷӯҳ кардаанд. Марҳум Шайх Муҳаммадхони Қазвинӣ дар муқаддимае, ки бар девони Ҳофиз навишта ин нуктаро зикр кардааст. Медонед, ки девони Ҳофизро аввал бор шахсе аз муосирон (-и Ҳофиз) ва зоҳиран аз ҳамшогирдҳои Ҳофиз — ки назди устодҳое ҳамин дуруси зоҳирӣ яъне ҳикмат, калом, мантиқ ва тафсирро мехондаанд — баъд аз вафоти Ҳофиз ҷамъ карда. Исмашро дар баъзе аз чопҳо ба номи Муҳаммади Гуландом навиштаанд, вале Қазвинӣ ва дигарон мегӯянд, ин исм дар нусхаҳои

мутааххиртар изофа шуда ва дар он нусхаҳои хеле қадимӣ исми Муҳаммади Гуландом нест. Вале маълум аст, ки яке аз муосирони Ҳофиз аст. Ва он муосир мегӯяд: ғолибан устоди мо Қивомуддин Абдуллоҳ (яке аз устодҳояшон) ба Ҳофиз исрор мекард, ки ин шеърҳоро ҷамъ кун, ҳайф аст ин шеърҳо аз байн биравад! Ва Ҳофиз таъаллул мекард (мисли ин ки як ҳолати ирфонӣ ба ӯ иҷоза намедода инҳоро ҷамъ кунад), то дар соли 792 вафот ёфт. Баъд аз вафоташ, мо омадем шеърҳоро ҷамъ кардем. Ин мард, ки ҳамшогирдии Ҳофиз будааст, вақте ки аз Ҳофиз ном мебарад, ба ин ановин ном мебарад:

"*Зоти мулки сифот, мавлоно ал-аъзам, ас-саъид, ал-марҳум, аш-шаҳид (мақсуд, шаҳиди ирфон ва ишқ аст), мафхарул-уламо, устоду наҳоририл-удабо, маъдинул-латоиф ар-руҳия, махзанул-маъориф ас-субҳония, шамсул-миллати вад-дин, Муҳаммад ал-Ҳофиз аш-Широзӣ.*"

На як унвони ирфонӣ дорад, на як унвони шеърӣ. Баъд ҳам мегӯяд: "*Тайябаллоҳу турбатаҳу ва рафаъа фи оламил-қудси рутбатаҳу!*" Гӯӣ як фақеҳеро дорад тавсиф мекунад.

Боз марҳум Қазвинӣ мегӯяд, ки як нусха аз девони Ҳофиз, ки як котибе, ки ё хеле наздик ба замони Ҳофиз буда ва ё муосираш буда истинсох кардааст. Дар охир, ки аз ин мард ёд карда, ба ин ановин ёд кардааст:

"*Тамма дивонул-мавло ал-олим ал-фозил, маликул-қурро ва афзалул-мутааххирин, шамсул-миллати вад-дин, мавлоно Муҳаммад ал-Ҳофиз равваҳаллоҳу руҳа ва авсала футуҳаҳу ва наввара марқадаҳ!*"

Марҳум Қазвинӣ мегӯяд:

Аз алқоб ва нуъуте (сифоте), ки ин котиби бисёр наздик ба асри Хоҷа ва шояд муосири Хоҷа дар ҳаққи ӯ нигошта, бидуни ин ки ҳеч иборате дигар долл бар ин ки вай аз машоҳири урафо ва сӯфияи асри худ буда — аз қабили қутбус-соликин, фахрул-мутааллиҳин, зухрул-авлиё, шамсул-урафо, орифи маъорифи лорайбӣ, воқифи мавоқифи асрори ғайбӣ ва амсоли золик, ки дар нусхаҳои ҷадида маъмулан бар исми ӯ меафзоянд — дар ҳаққи ӯ истеъмол карда бошад, шояд битавон истинбот кард, ки Хоҷа дар асри худ бештар аз зумраи уламо ва фузало ва донишмандон ба қалам мерафта, то аз фирқаи урафо ва сӯфия. Яъне ҷанбаи илм ва фазл ва адаби ӯ бар ҷанбаи ирфон ва тасаввуфи ӯ ғалаба дошта. Ва илова бар ин, аз наъти "маликул-қурро", ки котиб дар ҳаққи ӯ истеъмол карда, ба наҳви

вузуҳ маълум мешавад, ки Хоҷа аз машоҳири қориёни асри худ маҳсуб мешуда ва ба ҳамин симат махсусан дар замони худ машҳур буда ва ин байти ӯ, ки гӯяд:

*Ишқат расад ба фарёд, ар худ ба сони Ҳофиз,*

*Қуръон зи бар бихонӣ бо чордаҳ ривоят.*

... дар ҳаққи ӯ содиқ ва ба ҳеч ваҷҳ ин гуна тасреҳоти ӯ аз қабили иғроқ ва муболиғаи шоирона набудааст ва тахаллуси "Ҳофиз" (яъне ҳофизи Қуръон) ба куллӣ исми бо мусаммо ва сифати боризи ӯ будааст.

Ман аз девони Ҳофиз ду нусха бештар надорам. Яке нусхаи марҳум Қазвинӣ, ва дигар нусхае, ки оқои Сайид Абулқосими Анҷавии Шерозӣ ахиран чоп карда ва ҷузъи нусхаҳои хуби Ҳофиз аст. Албатта ин ду метавонанд ҷомеъ бошанд, аз назари ин ки марҳум Қазвинӣ такяаш бештар бар нусхаҳои қадим аст ва ба завқу ин ҳарфҳо ҳеч эътимод надорад, ва оқои Анҷавии Шерозӣ ва типаш афроде ҳастанд, ки хеле ба нусхаҳои қадима эътиное надоранд, мегӯянд мо ҳар шеъре ҳам, ки дар девонҳое мансуб бошад, агар бибинем ба типи шеъри Ҳофиз мехӯрад, қабул мекунем.

Ҳофиз муаллими расмӣ ҳам зиёд дошта. Яке аз устодҳояш Мир Сайид Шарифи Ҷурҷонии маъруф аст.

Дар муқаддимаи Ҳофизи Анҷавӣ аз "Ҳофизи ширинсухан"-и марҳум дуктур Муъин нақл мекунад:

*"Ҳар гоҳ дар маҷлиси дарси Мир Сайид Шариф — Алломаи Гургонӣ, шеър хонда мешуд, мегуфт, ба ивази ин турраҳот, ба фалсафа ва ҳикмат бипардозед, аммо чун Шамсуддин Муҳаммад мерасид, Алломаи Гургонӣ мепурсид, бар шумо чӣ илҳом шудааст? Ғазали худро бихонед. Шогирдони Аллома ба вай эътироз мекарданд, ин чӣ розест, ки моро аз сурудани шеър манъ мекунӣ, вале ба шунидани шеъри Ҳофиз рағбат нишон медиҳӣ? Устод дар посух мегуфт: шеъри Ҳофиз ҳама илҳомот ва ҳадиси қудсӣ ва латоифи ҳикамӣ ва нукоти қуръонӣ аст."*

"Латоифи ҳикамӣ бо нукоти қуръонӣ" таъбири худи Ҳофиз аст, ки мегӯяд, он чӣ ман мегӯям, латоифи ҳикамӣ аст бо нукоти қуръонӣ. Ин ҷумлаи Мир Сайид Шариф дар воқеъ аз худи Ҳофиз гирифта шуда.

Маълум мешавад, ки ҳатто дар замоне ки Ҳофиз ҳанӯз ҷавон ва шогирди Мир Сайид Шариф буда, талаққии афроде назири Мир Сайид Шариф аз Ҳофиз дар ин ҳадд будааст.

Ёдам нест ман дар куҷо хондам, ки ин лақаби “лисонулғайб”-ро, ки ба Ҳофиз додаанд, моли асрҳои мутааххир нест, аз ҳамон замонҳои қадим ба ӯ “лисонулғайб” мегӯянд.
Агар ин ҳарф дуруст бошад, қаринаи дигарест, ки ин мард аз ҳамон замони худаш ба унвони як марди орифи аҳли маъно (шинохта мешуда), ба тавре ки асосан ӯро забони ғайб медонистаанд. Яъне ин ҷур фикр мекарданд, ки ин шеърҳоро, ки ӯ суруда, ӯ набуда ба унвони як башар, ки бисарояд, балки аз ғайб ба забони ӯ ҷорӣ мешудааст. Чунин эътиқоде доштанд.
Аз торихи Ҳофиз, ҳар чӣ ки мо мутолеа кунем, ин матлаб равшан мешавад, ки Ҳофиз як марде буда дар зийи уламо ва албатта дар айни ин ки як ориф буда (наздиконаш ӯро ба сурати як ориф мешинохтаанд, аммо на ба сурати як дарвеш ва сӯфии ҳирфаӣ, балки) бештар ба унвони як олим маъруф будааст. Он Муҳаммади Гуландом ҳам вақте мехоҳад узр биёварад барои ин ки Ҳофиз худаш фурсат накард ва нахост (девонашро ҷамъ кунад), мегӯяд: “*Ин қадр машгули мутолеаи кутуби давовини араб ва Кашшоф ва Мифтоҳ ва Мисбоҳ ва… буд, ки фурсат надошт.*” Гӯӣ касе (мисли) марҳум Мирзо Муҳаммадтақии Шерозиро васф мекунад. Марҳум Мирзо Муҳаммадтақии Шерозӣ – аълаллоҳу мақомаҳ! — муҷтаҳид ва марҷаъи тақлид, аз шуарои бисёр забардаст аст, хеле ҳам хуб шеър мегӯяд, вале хеле кам шеър гуфта. Ҳоло касе бигӯяд оқои Мирзо Муҳаммадтақӣ девонашонро ҷамъ кардаанд ё на? Одам мегӯяд, эшон он қадр машғала дошт, ки дигар намерасид биёяд девонашро ҷамъ кунад. Дар бораи Ҳофиз ин ҷур фикр мекарданд, ки ин қадр машғалаи илмӣ дошт, ки худаш дигар намерасид биёяд шеърҳояшро ҷамъ кунад.
Пас чеҳраи Ҳофиз дар торих ба ин шакл мунъакис аст.

**Ҳофиз аз нигоҳи девонаш**

Аммо биёем суроғи манбаи дуввуми шинохти Ҳофиз яъне девони Ҳофиз. Дар замони мо бештар мехоҳанд Ҳофизро аз рӯйи девон ва ашъор ва гуфтаҳояш бишносанд. Ин ҳам албатта роҳи дурустест, худаш як роҳи шиносоӣ аст, вале назар ба ин ки дар миёни ҳамаи шуаро — ба назари ман аъам аз форсӣ ва арабӣ (ва шояд Ибни Фориз ҳам мисли Ҳофиз набошад) — ҳеч кас мисли Ҳофиз ин ҷур нест, ки дар шеъраш як дугонагии зоҳирӣ машҳуд бошад. (Аз ин рӯ шинохти Ҳофиз аз роҳи девонаш холӣ аз душворӣ нест.)

Дар баъзе аз ашъораш, як ҳолати лоуболигарӣ ва фисқу фуҷур ва пушти по задан ба ҳамаи сунан ва муқаддасот ва дам ғанимат шумурдан ва беэътино ба ҳама чиз будан мунъакис аст. Ва аз он тараф ҳам, ашъоре дорад, ки бидуни ҳеч гуна тавҷеҳ ва таъвиле, муххи ирфон ва муххи ахлоқ аст ва нақизи инҳо (лоуболигариҳо) яъне дуруст наҳйи инҳо. Як чунин дугонагӣ дар ашъори Ҳофиз машҳуд аст.

Ва ҳамин ҷиҳат сабаб шуда, ки Ҳофиз дар замони мо ба шакле даромадааст, ки он одами лаззатҷӯи лаззатпарасти майхорае, ки сару кораш ҷуз бо шаробу рубобу чангу ин ҳарфҳо нест, яъне як одами ба истилоҳи имрӯзиҳо эпикурӣ, дар кори худаш аз Ҳофиз мадад мегирад ва дар бисёре аз маҷолис ва базмҳо девони Ҳофиз севвуми шаробу рубоб аст, ки мебинед. Ва аз тарафи дигар, ҳамин девони Ҳофиз дар маҳофили дигаре ҳамеша буда ва ҳанӯз ҳам ҳаст; дар маҳофиле, ки афроде меоянд менишинанд, ҳолати таҷарруд ба худашон мегиранд, гуноҳони худашонро ёд мекунанд, ибодат мекунанд, ҳолати зикр ба худашон мегиранд, шеърҳои Ҳофизро мехонанд, ашк мерезанд ва мегирянд. Афроди хеле бузурге Ҳофиз аз саҷҷодаашон ҷудо намешавад. Яъне дар базми онҳо севвуми шаробу рубоб аст, ва дар маҳфили илоҳӣ ва руҳонии инҳо севвуми Қуръону Саҳифаи Саҷҷодия аст… ва ман чунин ашхосеро суроғ дорам. Афроде назири марҳуми Файз масалан, ба Ҳофиз ба ин чашму дида нигоҳ мекарданд. Ҳоло ин чӣ гуна аст?

Ва воқеан ҳам агар мо ба ашъори Ҳофиз нигоҳ кунем, лоақал дар назари ибтидоӣ, ин дугонагӣ ва дугунагиро дар он мебинем. Пас Ҳофиз кист? Ҳоло мо ҳастему мехоҳем аз ҳамин шеърҳояш ӯро бишносем. Феълан мо ба торихаш кор надорем. Ҳофиз кист? Аз ин шеърҳояш мехоҳем бифаҳмем, ки ӯ кист?!

Шинохти як нафар аз рӯйи асараш (ва) девонаш, корест мантиқӣ, яъне девонашро бояд таҳлил кард. Ҳоло мумкин ҳам ҳаст аҳёнан касе бирасад ба ҷойе, ки охираш натавонад ӯро бишносад, вале билохира иқдом ба ин кор, корест амалӣ, баъд бибинем ба натиҷа мерасем ё намерасем. Агар нарасидем, ки нарасидем. Вале агар расидем, роҳ роҳи саҳеҳест, роҳи таҳлили девон ва асари як шоир.

Дар мавриди Ҳофиз фарзияҳои зиёде ҳаст. Мо бояд ин фарзияҳоро як-як баён кунем, баъд ҳар як аз онҳоро бо қароини мавҷуд татбиқ бидиҳем (ва) бибинем девони Ҳофиз бо он татбиқ мекунад ё татбиқ намекунад? Ва аҳёнан қароини торихӣ ҳам мумкин аст дар баъзе

маворид ба кӯмаки мо биёяд; дуруст мисли ҳамин, ки уламои имрӯзӣ дар масоили табиӣ аввал як фарзияе дар зеҳнашон барқ мезанад, ба истилоҳ ин марҳилаи теурӣ аст, баъд меоваранд дар марҳилаи амал, бибинанд ин фарзия бо воқеъ интибоқ пайдо мекунад ё намекунад.

**Фарзияи аввал дар бораи Ҳофиз: Ҳофиз сирфан як ҳунарманд аст**

Аввалин фарзия дар бораи девони Ҳофиз ин аст, ки Ҳофиз дар девонаш сирфан як шоир аст ба тамоми маънои калимаи шеъру шоир. Яъне як ҳунарманд аст. Ҳофиз дар девони худаш ҳеч ҳадафе надошта ҷуз ин ки мехостааст як шоҳкори ҳунарӣ ба вуҷуд биёварад. Ҳунарманд вақте ки мехоҳад як шоҳкори ҳунарӣ ба вуҷуд биёварад, тамоми ҳимматаш ин аст, ки аз чӣ моводде ва барои чӣ ҳадафе як шоҳкори беҳтар мешавад ба вуҷуд оварад. Ӯ дигар лозим нест ба он модда эътиқод дошта бошад, (балки нигоҳ мекунад) чӣ ба дарди кораш мехӯрад. Як муҷассамасоз ҳадафаш ин аст, ки як муҷассамаи олӣ бисозад, он гоҳ дунболи сужа (сюжет) мегардад. Чӣ барои сужа хуб аст? Ва аз чӣ моддае мешавад сохт? Бо гаҷ беҳтар мешавад сохт ё бо филиз ва ё бо санг? Дар мадрасаи Сипаҳсолор шахсе ба номи Баҳлул ҳаст, Баҳлули маъруф. Барои ин наққошҳо беҳтарин сужа ин ҷаноби Баҳлул аст. Хеле қиёфаи хубест, ки наққошиашро бихоҳанд бикашанд ё муҷассамаашро бихоҳанд бирезанд. Ҳоло агар касе биёяд муҷассамаи Баҳлулро бирезад, оё ин аломати иродати фавқулъодае аст, ки ба Баҳлул дорад? На. Ҳунарманд дунболи сужа ва мавзӯъ мегардад, ки ҳунари худашро ба беҳтарин ваҷҳе зоҳир кунад.

Шеър, худаш ҳунар аст. Арасту ҳам шеърро аввал ҷузъи мантиқ нашумурда буд, хитоба ва шеър аз “синоъоти хамс”-ро ҷузъи фунун яъне ҷузъи ҳунарҳо овард, мунтаҳо баъд гуфтанд, ҳамаи инҳо ҷузъи ҳунарҳост, ҳам илм аст, ҳам ҳунар, ва аз ин рӯ исми “синоъоти хамс” (рӯяш) гузоштанд. Инҳо санъат аст ва ҳунар. Дар ин ки Ҳофиз фавқулъода ҳунарманд аст ва шоир ба тамоми маънои калима, яъне аз назари ҳунарӣ, ба тамоми маънои калима шоир аст ва як ҳунарманди фавқулъода муқтадир аст, аҳаде баҳс надорад.

Ин фарзия мегӯяд, Ҳофиз як ҳунарманд аст ва девони шеъри ӯро ҳам аз назари муҳтаво набояд ҷиддӣ гирифт, ҳеч ҷояшро, на он ҷойе, ки дам аз маю маъшуқу ин ҳарфҳо мезанад ва на он ҷойе, ки дам аз Худою ирфону сулук мезанад, ҳар ду барои Ҳофиз сужа ҳастанду

бас. Ӯ бобое буда ҳунарманд, ва ҳунарманд ошиқи ҳунараш аст ва дунболи сужа мегардад, хусусан, ки аз қадим гуфтаанд:

اَحْسَنُ الشِّعْرِ اَكْذَبُهُ

(*Беҳтарини шеърҳо дурӯғтарини онҳост.*) Аслан, шеър бо дурӯғ дуруст шуда. Он шеъре ҳам, ки Қуръон наҳй мекунад ва Пайғамбар (с) фармуд:

لَئنْ يُمْلاَ بَطْنُ الرَّجُلِ قَيْحاً خَيْرٌ مِنْ اَنْ يُمْلاَ شِعْراً

(*Агар шиками одамизод аз чирк пур бишавад, беҳтар аз ин аст, ки бо шеър пур бишавад.*)

… ҳамин шеърест, ки муҳтавояш тахайюли маҳз бошад. Баъд ҳам (ҳазрати Паёмбар (с)) фармуд:

اِنَّ مِنَ الشِّعْرِ لَحِكْمَةً

"*Баъзе ашъор ҳам ҳикмат аст.*"

Вале асоси шеър (тахайюл аст.) Дар мантиқ ҳам шеърро ба унвони як мавзӯи тахайюл ва як амри тахайюлӣ (мешиносанд,) яъне ба назм кор надоранд, ки ҳоло худаш таърифи хоссе дорад.

Агар ин ҷур бошад, аз девони Ҳофиз чизе роҷеъ ба шахсияти Ҳофиз намешавад истинбот кард.

Достоне нақл мекунанд, ки Фараздақ як вақте дар зимни ашъораш ин шеърро гуфт:

فَبِتْنَ بِجانِبَيِّ مُصَرَّعاتٌ

وَ بِتُّ اَفَضُّ اَغْلاقَ الْخِتامِ

Дорад васф мекунад як идда занҳоеро, ки (Фараздақ) бо онҳо ба сар мебурда. Халифаи вақт гуфт: ту дар ин шеърҳо иқрор ба зино кардаӣ, бояд ҳадд бар ту ҷорӣ шавад. (Чун мегӯяд, "*Ин ҷамоати нисвон дар ду тарафи ман роҳат хобида буданд, кори ман ҳам то субҳ ҷуз қуфли баста боз кардан чизи дигаре набуд.*") Фараздақ гуфт:

اِنَّ كِتابَ اللهِ يَدْرَءُ عَنَّا الْحَدَّ

"*Қуръон ҳаддро аз ман бардошта.*" Гуфт: чӣ тавр? Гуфт: Худованди Мутаъол мефармояд:

وَالشُّعَراءُ يَتَّبِعُهُمُ اَلْغاوُونَ. أَلَمْ تَرَ أَنَّهُمْ فِى كُلِّ وادٍ يَهِيمُونَ .وَأَنَّهُمْ يَقُولُونَ ما لا يَفْعَلُونَ

("*Ва шоиронро гумроҳон пайравӣ мекунанд. Оё надидаӣ, ки онон дар ҳар водие саргардонанд? Ва ононанд, ки чизҳое мегӯянд, ки анҷом намедиҳанд?*" (*Сураи Шуаро, оятҳои 224-226*)) Кори шоир ин аст, ки кори накардаро тавсиф кунад. Ба худи Ҳофиз ҳам чунин эътирозоте кардаанд. Мегӯянд, Ҳофиз гуфт:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*

*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.*

Ин фақат дар мантиқи як шеър дуруст аст, ки як шоир чунин бигӯяд: “*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.*” Амир Темур ба ӯ гуфт: ин ҳарфҳо чист, ки мегӯӣ? Ман ин ҳама ҷон кандаам, то Самарқанду Бухороро фатҳ кардаам, ту ба як холи сиёҳ мебахшӣ? Гуфт: ин ҳама бахшиш кардаам, ки ҳоло чизе надорам ва ин ҷур ҷулунбур (касе, ки либоси кӯҳнаи пора-пора пӯшида) ҳастам! Албатта ин афсона аст, ки ба ӯ нисбат медиҳанд. Мегӯянд, бо Амир Темур мулоқот накарда.

Забон, забони шеър аст ва забон, забони ҳунарманд аст.

Як достони воқеӣ Мутеъуддавлаи Ҳиҷозӣ дар китоби “*Ойина*” нақл мекунад, ки як бечорае, ки осори шоири белжикиро (зоҳиран, Мурис Метерлинг аст) хонда буд ва маҷзуби тахайюлоти латиф ва инсонӣ ва ахлоқии ӯ шуда буд, аз фалон кишвар бори сафар баст, ки биравад ба мулоқоти ӯ. Рафт мулоқот кунад, як хонуми муншӣ дошт, гуфт: ӯ мулоқот намедиҳад. Гуфт: ман аз роҳи дур омадаам, чандин кишварро тай кардаам, мехоҳам чанд дақиқа устодро зиёрат кунам. Ҳарчӣ ин зан гуфт, (ки) оқо баргард, вақт надорад, (вале) дид намешавад. (Он зан медонист, чӣ хабар аст). То охир аз бас ӯ исрор кард, ҳар ҷур буд, як вақте барояш гирифт. Он шахс мегӯяд, ки рафтам, то дари утоқро боз кардам, як вақт дидам, як одами бадтаркиби бадҳайкале бо ахмҳои дарҳам кашида омад берун ва гуфт: аз ҷони ман чӣ мехоҳӣ? Бирав гум шав!.. ва аз ин ҳарфҳо. Баръакси тамоми он чизҳое, ки ман дар осораш хонда будам. Моту мабҳут мондам. Баъд омадам ба он зан гуфтам: ин ҳамон аст, ки ин ҳама осор менависад? Гуфт: бале. Гуфтам: ҳамон аст, ки ин ҳама чизҳои хубу зебо навиштааст? Гуфт: бале. Гуфтам: ман, ки бовар намекунам. Он зан ангуштарашро даровард, гуфт: ин ангуштари ман чӣ гуна ангуштарест, хеле зебост? Гуфтам: бале. Гуфт: оё чун ин хеле зебост, далел бар ин аст, ки ангуштарсоз ҳам хеле зебост? Гуфтам: на. Гуфт: охир ин ҳунар аст, мумкин аст ӯ хеле одами бадтаркиби бадахлоқе бошад аз ҳар ҷиҳат, вале ин ҳунарро ҳам дорад, ки ангуштари зебо месозад.

Нависанда фақат ҳунарманд аст. Ҳунараш ин аст, ки як асари зебо халқ кунад. Инки далел намешавад, ки худаш зебо бошад. Ту иштибоҳ кардаӣ.

Иддае дар бораи Ҳофиз чунин эътиқоде доранд. (Яъне, ӯро фақат як ҳунарманд ва шоир медонанд.)

Ин матлабро намешавад бо далел ва бурҳон рад кард. Маъноят ин аст, ки зоҳири каломи Ҳофиз дар ҳеч мақулае ҳуҷҷат нест. Инро намешавад қабул кард, албатта намешавад ҳам рад кард. Бо далел ва бурҳон намешавад рад кард, вале касе ҳам, ки ошно бо девони Ҳофиз бошад, наметавонад ин ҳарфро қабул кунад, ки он ашъори ирфонии Ҳофизро як шоир, ки сирфан ҳунарманд буда ва асосан воқиф ба румузи ирфон ва сайру сулук ва маънавият ва инҳо набуда (сурудааст) ва ӯ тавониста чунин асари ҷовидоне халқ кунад, ки баъд аз 700 сол ашкҳоро дар хилватҳои шаб ҷорӣ кунад.

Арз кардам, ин бурҳон нест, вале барои худи ман шахсан ҳеч вақт чунин чизе қобили қабул нест. Далелаш ҳам ин аст, ки имрӯз чаро Ҳофизе ба вуҷуд намеояд? Оё дигар қареҳаҳо хушк шуд, ки Ҳофизе набошад, Саъдие набошад, Ҷомие набошад?! Далел надорад қареҳаҳо хушк шуда бошад. Руҳҳо дар масири дигарест. Яъне руҳи Ҳофиз дигар вуҷуд надорад, ки асаре мисли Ҳофиз ва ҳатто мисли Ҷомӣ ба вуҷуд намеояд. Ин дигар як амри шахсист ва "*Алмаръу махбуъун таҳта лисониҳи*" (*Мард таҳти забонаш пинҳон аст*) дар инҷо комилан машҳуд аст. Ҳамон тавр ки худи Қуръони Карим асари худашро дар дунё, рӯйи зебоиаш дорад, вале як зебоие, ки аз як уфуқи мофавқи башарӣ бархоста ва чӣ қадр Қуръон рӯйи ин мавзӯъ такя мекунад! Эъҷози Қуръон ин аст.

**وَإِذا سَمِعُوا ما أُنْزِلَ إِلَى اَلرَّسُولِ تَرى أَعْيُنَهُمْ تَفِيضُ مِنَ اَلدَّمْعِ مِمّا عَرَفُوا مِنَ اَلْحَقِّ**

*"Ва чун он чиро ба сӯйи ин Паёмбар нозил шуда бишнаванд, мебинӣ бар асари он ҳақиқате, ки шинохтаанд, ашк аз чашмҳояшон сарозер мешавад…"* (*Сураи Моида, ояти* 83)

**إِنَّمَا اَلْمُؤْمِنُونَ اَلَّذِينَ إِذا ذُكِرَ اَللّهُ وَجِلَتْ قُلُوبُهُمْ وَإِذا تُلِيَتْ عَلَيْهِمْ آياتُهُ زادَتْهُمْ إِيماناً وَعَلى رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ**

*"Мӯъминон ҳамон касонеанд, ки чун Худо ёд шавад, дилҳояшон битарсад, ва чун оятҳои ӯ бар онон хонда шавад, бар имонашон биафзояд ва бар Парвардигорашон таваккул мекунанд."* (*Сураи Анфол, ояти* 2)

**وإِذا ذُكِرَ اَللّهُ وَحْدَهُ اِشْمَأَزَّتْ قُلُوبُ اَلَّذِينَ لا يُؤْمِنُونَ بِالْآخِرَةِ**

*"Ва чун Худо ба танҳоӣ ёд шавад, дилҳои касоне, ки ба охират имон надоранд, мунзаҷир мегардад…"* (*Сураи Зумар, ояти* 45)

**اَللّهُ نَزَّلَ أَحْسَنَ اَلْحَدِيثِ كِتاباً مُتَشابِهاً مَثانِيَ تَقْشَعِرُّ مِنْهُ جُلُودُ اَلَّذِينَ يَخْشَوْنَ رَبَّهُمْ**

*“Худо зеботарин суханро (ба сурати) китобе муташобеҳ мутазаммини ваъду ваъид нозил кардааст, онон ки аз Парвардигорашон меҳаросанд, пӯсти баданашон аз он ба ларза меафтад…” (Сураи Зумар, ояти 23*)

Ин дигар як амри сохтагӣ набуд. Пайғамбар агар як ҳунарманд мебуд, наметавонист чунин кореро халқ кунад. Имом Зайнулобидин агар фақат як ҳунарманд мебуд, маҳол буд асари ҷовиде мисли Саҳифаи Саҷҷодия халқ кунад. Як ҳунарманд ҳарчӣ фасеҳ бошад, ҳарчӣ балеғ бошад, маҳол аст битавонад дуои Кумайл халқ кунад. Ба ақидаи ман, як одаме, ки руҳаш руҳи сӯхта ва ирфон набошад, худаш мутаассир набошад, имкон надорад, ки як чунин одаме бехоссият — намехоҳам бигӯям як одами фосиқи фоҷир, на, як одами оддӣ, як муллои маъмулӣ, як мударрис ва устоди “Кашшоф” ва аз ин ҳарфҳо — ғазале дар ин ҳадд бигӯяд:

*Туфайли ҳастии ишқанд одамиву парӣ,*

*Иродате бинамо, то саодате бибарӣ.*

*Бикӯш, хоҷаву аз ишқ бенасиб мабош,*

*Ки бандаро нахарад кас ба айби беҳунарӣ.*

*Майи сабуҳу шакархоби субҳдам то чанд?*

*Ба узри нимишабӣ кӯшу гиряи саҳарӣ…*

… то охираш, ки яке аз он барозандатарин ғазалиёти Ҳофиз аст. Чунин чизе имкон надорад… Вале арз кардам, касе бихоҳад бо далел ва бурҳон бигӯяд чунин чизе нест, (мушкил аст.) Ба илова, бо ин ҳама сароҳате, ки ин мард дорад мегӯяд, дигар намешавад коре кард. Ин як фарзия.

Хушбахтона ин фарзия имрӯз дар замони мо тарафдор надорад, ки мо хеле бихоҳем яқа барои он пора кунем. Имрӯз намегӯянд, ки Ҳофиз як ҳунарманди маҳз буда. Аз баъзе гуфтаҳои ҳамин оқои Анҷавии Шерозӣ ин ҳарф бармеояд, ки Ҳофиз як марде буд, ки аз замони худаш ранҷида буд ва чун аз асри худаш ва мардум ва муҳиташ ранҷида буд, ба ҳунари худаш паноҳ оварда буд. Вале ӯ ҳам ба ин шиддат намехоҳад ин ҳарфро бизанад.

**Фарзияи дуввум: Ҳофиз ашъори худро дар ҳолоти мухталиф гуфтааст**

Фарзияи дуввум — ки ин ҳам фарзияи аҷибест- ин аст, ки Ҳофиз ин ҳарфҳои зидду нақизро — ки хеле ҳам зидду нақиз аст ва мо баъд дар бораи таноқузҳои зоҳирии Ҳофиз баҳс хоҳем кард — таҳти таъсири ҳолоти мухталиф гуфта. Он ҷойе, ки дар ҳадди аълои эпикурӣ гуфта, дар он вақт ҳолаташ ҳам ҳолати эпикурӣ буда ва хулоса аз ҳеч чиз намегузашт агар гираш меомад. Ва он ҷойе ҳам, ки дар авҷи ирфон гуфта, дар он вақт ҳолати ирфонӣ дошта. Яъне ин навасоне, ки шумо дар девони Ҳофиз мебинед, мунъакискунандаи навасони руҳии худи Ҳофиз аст, дар ин ҳадд, ки байнал-машриқи вал-мағриб аст. То ин ҳадд руҳи Ҳофиз дар навасон буда. Мегӯем, чӣ тавр чунин чизе мешавад?

Эдворд Броун назараш ин аст. Ӯ китобаш "*Таърихи адабиёти Эрон*"-ро ба англисӣ навишта. Дар ҷилди севвумаш — ки аз Саъдӣ то Ҷомӣ аст ва Алиасғари Ҳикмат тарҷума карда – мегӯяд: Ҳофиз он ҷойе, ки роҷеъ ба майхорагӣ гуфта, мақсудаш ҳамин майхорагӣ буда. Он ҷойе ҳам, ки роҷеъ ба муххи ирфон гуфта, воқеан дар он вақт ориф буда. Баъд ба англисиҳо мегӯяд: шумо мумкин аст таъаҷҷуб кунед, ки магар мешавад як нафар ин тавр бошад? Мегӯяд: эрониҳоро нашинохтаед, эронӣ як чунин ҷинс одамист…

**Ҳофиз, гуле аз бӯстони маъорифи исломӣ**

Баҳси мо расид ба инҷо, ки Ҳофиз худаш дар лаҳни ашъораш тавре ҳаст, ки ин имконро ба афрод дода, ки ба ашколи гуногуне тафсир шавад. Як навъ тафсири ӯ ба истилоҳ тафсири моддии Ҳофиз аст. Яъне он чизҳоеро, ки дар забони Ҳофиз омадааст, аз маю маъшуқу шакку ҳайрату дам ғанимат шумурдану амсоли инҳо — ки ба қавли фарангиҳо, Ҳофизро як шоири эпикурӣ муаррифӣ мекунад — ба ҳамин зоҳираш ҳамл кунем ва бигӯем, мақсудаш ҳам ҳамин аст.

Дар ҷаласаи пеш гуфтем, ки бисёре Ҳофизро ҳамин ҷур тафсир мекунанд, вале онҳо ҳам ба амд ва бо таваҷҷӯҳ, ё бидуни амд ва таваҷҷӯҳ, қисмате аз ашъори Ҳофиз дар ин заминаро ба ҳисоб меоваранд; ҳамон ашъори моддӣ ба истилоҳ, ки мафҳуме ин гуна дорад, ва қисмати дигарро (маскут мегузоранд.) Дар воқеъ он миқдор аз мафоҳими моддапарастии Ҳофиз оварда мешавад, ки худи ин нависандагонро битавонад тавҷеҳ кунад. Яъне чизҳое, ки ҳозиранд ба худашон нисбат бидиҳанд ва на бештар. Ва аммо дар ҳудуде, ки ҳатто

худашон ҳам ибо доранд, ки ба худашон чунин нисбатҳое бидиҳанд, дар он ашъори Ҳофиз сукут мекунанд, ва мо гуфтем ҳоло бибинем, чӣ аз об дармеояд. Ва даровардем, ки агар Ҳофизро ин ҷур тафсир кунем, барои Ҳофиз ҷуз ҳамон ҳунари шоирӣ чизе боқӣ намемонад, балки як инҳитоти ахлоқии руҳӣ дар мунтаҳо дараҷа, мунтаҳо бо ҳунари фавқулъода шеърӣ. Ин як гуна тафсир.

Албатта инҷо мумкин аст касе бигӯяд, ки чӣ монеъе дорад? Магар мо қавл додаем, ки Ҳофиз ин ҷур набошад? Мо бояд бибинем, Ҳофиз дар воқеъ чӣ гуна будааст. Сухани мо ҳам ҳамин аст. Ин тарзи фикр, яъне тарзи фикри инчунин моддӣ барои як шоир ва ҳунарманд, дар ҷаҳони ислом собиқа дорад ва будаанд шуарое, ки шеъру адабу ҳунарашон дар ҳамин заминаҳо буда ва бе парда ва макшуф ин муддаъои худашонро баён кардаанд. Фарангиҳо ин ҷур афродро "эпикурист" меноманд. Албатта худашон — яъне торихи фалсафанависҳо – мегӯянд, рӯйи як нисбати ғалатест, ки ба Эпикур медиҳанд, ва илло худи Эпикур ҳам ба ин маъно лаззатпараст набудааст, вале истилоҳе шуда.

**Язидигарӣ**

Дар ҷаҳони ислом аввал касе, ки дар шеъри худаш мафоҳими маънавӣ ва мазҳабӣ ва ахлоқиро ба масхара гирифт ва бе парда дам аз лаззату айшу шаробу шоҳиду инҳо зад ва мақсуди ӯ ҳам ҷуз ҳамин умури зоҳирӣ набуд, Язид ибни Муовия аст. Ва он чӣ ки урупоиҳо онро "эпикуризм" меноманд, мусалламин бояд "язидигарӣ" биноманд, чун аввал касе, ки ин бобро дар ҷаҳони ислом фатҳ кард, Язид буд. Албатта медонед, ки Язид шоире фавқулъода забардаст буда, хеле шоири балиғе буда ва девонаш ҳам шунидаам чоп шуда. Ва маъруф аст, ки Қозӣ Ибни Халлакони маъруф, ки аз уламои бузурги ислом ва муаррихи бузургест ва китобаш ҷузъи асноди торихии дунёи ислом аст ва худаш марди адибе ҳам ҳаст, шефтаи фавқулъодаи шеъри Язид буда. Ба худи Язид иродате надошта, вале ба шеъри Язид фавқулъода иродатманд буда. Ва дар ашъори Язид ҳамин мазомини таҳқири ҳар чӣ маъно ва ахлоқ ва маъонии дину мазҳаб аст, дар қиболи лаззот ва баҳрагирӣ аз табиат, дар камоли сароҳат омадааст, мисли ин ашъораш, ки мегӯяд:

مَعْشَرَ النِّدمان قوموا

وَاسْمَعوا صَوْتَ الْاَغانى

وَاشْرَبوا كَأْسَ مُدامٍ
وَاتْرُكوا ذِكْرَ الْمَعانى

Махсусан вақте ки ба ин умур даъват мекунад, тавъам мекунад бо нафйи маъонӣ:

شَغَلَتْنى نَغْمَةُ الْعيدانِ
عَنْ صَوْتِ الْاَذانِ
وَتَعَوَّضْتُ عَنِ الْحورِ
عَجوزاً فِى الدِّنانِ

Ашхосе, ки ба арабӣ огоҳ ҳастанд, медонанд чӣ дорад мегӯяд. Ҳоло андаке аз онро тарҷума мекунам. Мегӯяд: “*Дӯстон, надимон! Бапо хезед, садои мусиқиро, угнияҳоро гӯш кунед, ҷоми май дамодам бинӯшед ва зикри маъонӣ ва он ҳарфҳои ахлоқиро раҳо кунед.*” “*Ман шахсан касе ҳастам, ки овози удҳо маро аз шунидани овози азон боздоштааст, ва ба ҷойи ҳурулъайн, ки дар биҳишт ваъда медиҳанд, ин пиразанеро, ки дар дохили хум аст интихоб кардаам.*” Калимаи “аҷуз” дар забони арабӣ киноя аз хамри кӯҳна оварда мешавад. Ё масалан мегӯяд:

شُمَيْسَةُ كَرْمٍ بُرْجُها قَعْرُ دِنِّها
وَمَشْرِقُهَا السّاقى وَمَغْرِبُها فَمى (1)
اِذا نَزَلَتْ مِنْ دِنِّها فى زُجاجَة (2)
حَكَتْ نَفَراً بَيْنَ الْحَطيمِ وَزَمْزَم (3)
فَاِنْ حَرُمَتْ يَوْماً عَلى دينِ اَحْمَد
فَخُذْها عَلى دينِ الْمَسيحِ بْنِ مَرْيَم (4)

Ё роҷеъ ба масоҷид мегӯяд:

دَعِ الْمَساجِدَ لِلعُبّادِ تَسْكُنُها
وَاجْلِسْ عَلى دَكَّةِ الْخَمّارِ وَاسْقينا
اِنَّ الَّذى شَرِبا فى سُكْرِهِ طَرِبا
وَلِلْمُصَلّينَ لا دنيا ولا دينا
ما قالَ رَبُّكَ وَيْلٌ لِلَّذى شَرِبا
لكِنَّهُ قالَ وَيْلٌ لِلْمُصَلّينا

Ҳамин мазомине, ки мо мебинем дар калимоти урафои худамон таъна задан ба ибодат ва масҷид ва ин ҷур ҳарфҳо зиёд пайдо мешавад дар муқобили айшу нӯше, ки худи онҳо мегӯянд ва дар калимоташон ҳаст.

Ё масалан бедардӣ нисбат ба иҷтимоъ, ки гӯри падари иҷтимоъ, ҳарчӣ буд буд: “Вазифа гар бирасад масрафаш гул асту набид” пуле бирасад ва мо биравем онҷо, гуле ва набиде ва аз ин ҳарфҳо, дигар гӯри падари дунё, ҳарчӣ мехоҳад бар дунё бигзарад.

Дар асари ин корҳое, ки Язид мекард, чун номзади хилофат буд, Муовия, ки дар сиёсат марди пухтае буд, хеле нороҳат буд. Медид, инҳо заминаи хилофати ӯро ба куллӣ хароб мекунад, хусусан ин бедардӣ ва беалоқагиаш. Барои ин ки ӯро алоқаманд ба сиёсат ва умури низомӣ бикунад, дар яке аз ҷангҳое, ки бо румиҳо доштанд, махсусан фармондеҳии сипоҳро ба ӯ дод. Сипоҳ рафтанд ва Язид дилаш намехост биравад, билохира худаш чанд манзил баъд аз сипоҳ ҳаракат мекард, то расид ба яке аз дайрҳо. (5) Баъд аз муддате, ки лашкар дар ҷойе утроқ карда буд, ба ӯ хабар доданд, ки як бемории хеле сахте афтода миёни сипоҳиён ва инҳоро мисли барги хазон ба замин мерезад. Ӯ дар дайр зане ба номи Умми Кулсум пайдо карда буд ва бо ӯ машғули айшу нӯш буд, аслан хиёлаш аз ин ҳарфҳо набуд. Як вақте ки сараш гарм шуд, ин шеърҳоро дар бедардӣ нисбат ба мардум гуфт:

**ما اَنْ اُبالى بِما لاقَتْ جُموعُهم**

**بالْقَذْقَذونَةِ (6)مِنْ حُمّى وَمِنْ موم**

**اِذَا اتَّكَأَتْ عَلَى الْاَنماطِ مُرْتَفِقا**

**بِدِيْرِ مُرّانَ عِنْدى اُمُّ كُلْثوم**

Албатта, баъд ҳам шоирҳои дигаре ба ҳамин ҳол даромаданд. Абунувос, ки як шоири аҳвозиюласл аст ва шоири бисёр тавоноест, дар арабӣ як чунин шоирест.

Инҳо баъдҳо ба истилоҳ ҷузъи уммоли шаҳвату хилвати хулафо шуданд. Яъне ҷузъи васоил ва абзорҳои айшу нӯши хулафо ва ашроф ва аъён ва риҷол гардиданд, ки вақте мехостанд дастгоҳи айшу нӯш дошта бошанд, аз ҷумлаи касоне, ки ба онҳо эҳтиёҷ доштанд, надимҳо, базлагӯҳо, шоирҳо ва касоне буданд, ки мазмунҳои олӣ ва латиф мегӯянд, барои ин ки айши онҳоро мукаммал кунанд.

Он мактабе, ки Ҳофизро ба наҳви моддӣ тафсир мекунад, мутобиқи он, аз Ҳофиз чунин шахсияте берун меояд ва истифода мешавад. Иттифоқан, дар Ҳофиз як баргае ҳаст, ки ин барга ҳам ин бечора Ҳофизро бештар муттаҳам мекунад. Ва он ин аст, ки дар яке аз ғазалҳояш, ки дар тартиби ин девон (девони Қазвинӣ) аввалин ғазали ӯ қарор гирифтааст, балки ҳамон аввалин байте, ки Ҳофиз бо он шурӯъ мешавад, як мисроъаш аз Язид аст:

*Ало ё айюҳас-соқӣ! Адир каъсан ва новилҳо,*

*Ки ишқ осон нумуд аввал, вале уфтод мушкилҳо.*

Мисроъи аввал, мегӯянд аз Язид аст, мунтаҳо мисроъи ӯ ин ҷур буда: *"Адир каъсан ва новилҳо ало ё айюҳас-соқӣ!"* ва шеъраш чунин аст:

**انا المسموم ما عندی بترياق ولاراق**

**ادر كأساً وناولها الا يا ايها الساقی**

Инҷо як баргаи язидигарӣ алайҳи Ҳофизи бечора дуруст мешавад ва аз ин рӯ баъдҳо шуаро омадаанд (ва) баъзе узр хостаанд, баъзеи дигар ба Ҳофиз эрод гирифтаанд, ки ту чаро ин шеърро аз Язид гирифтаӣ? Дар ин шарҳе, ки "Судӣ" бар Ҳофиз навишта (7), мегӯяд, ки як аҳли Шероз хоста барои ин амр узре аз Ҳофиз биёварад. Мегӯяд:

*Хоҷа Ҳофизро шабе дидам ба хоб,*

*Гуфтам: эй дар фазлу дониш беҳамол!* (8)

*Аз чӣ бастӣ бар худ ин шеъри Язид,*

*Бо вуҷуди ин ҳама фазлу камол?*

*Гуфт: воқиф нестӣ з-ин масъала,*

*Моли кофир ҳаст бар мӯъмин ҳалол?*

Вале Котибии Нишопурӣ ин ҳарфро қабул накарда ва ба гунаи дигаре дар воқеъ бар Ҳофиз нақд кардааст. Мегӯяд:

*Аҷаб дар ҳайратам аз Хоҷа Ҳофиз,*

*Ба навъе к-иш хирад з-он оҷиз ояд.*

*Чӣ ҳикмат дид дар шеъри Язид ӯ,*

*Ки дар девон нахуст аз вай сарояд?*

*Агарчи моли кофир бар мусалмон,*

*Ҳалол асту дар ӯ ҷиле нашояд.*

*Вале аз шер айбе бас азим аст,*

*Ки луқма аз даҳони саг рубояд.*

Билохира ин як шеър ҳам баргае шуда барои язидигарӣ дар Ҳофиз.

Ҳоло мо биравем бибинем, ки матлаб чист? Оё воқеан ҳамин ҷур аст? Девони Ҳофиз ҳамин тавр бояд тафсир шавад? Агар девони Ҳофиз якнавохт мебуд ва ҳамаи ашъори Ҳофиз

ҳамон ҷурҳое буд, ки мо намунаҳояшро дар қисматҳои мухталиф додаем, мегуфтем, бале, чӣ монеъе дорад, ки бигӯем Ҳофиз ин ҷур буда? Ҳоло аз Ҳофиз барои мо як “лисонулғайб” ва як марди хеле олӣ ва қиддис сохтаанд, хуб иштибоҳ кардаанд, чун торих, ки чизеро нишон намедиҳад, авом ин ҳарфро мезананд, девонаш ҳам, ки саросар ин аст, пас Ҳофиз асосан ҳамин ҳам ҳаст, беш аз ин ҳам чизе набуда.

Вале ин тавр нест ва ҳамаи ашъори Ҳофиз он ҷурҳо нест. Агар мо ин тавр дар бораи Ҳофиз қазоват кунем ва Ҳофизе пайдо шавад бихоҳад моро ба муҳокима бикашад, ҷавобе дар баробараш надорем. Агар касе бихоҳад дар бораи Ҳофиз аз рӯйи девонаш қазоват кунад (ки баҳси мо феълан дар ин аст, мо торихи Ҳофизро қаблан баҳс кардем) мисли ҳар шоири дигаре бояд тамоми ин девонро аз аввал то ба охир дар назар бигирад, чун било ташбеҳ дар бораи Қуръони Карим мо дорем, ки:

**اَلْقُرْانُ يُفَسِّرُ بَعْضُهُ بَعْضاً**

(*Баъзе аз Қуръон муфассири баъзе ҳаст*) ва худи Қуръон барои худаш “метудулужӣ” баён карда:

**هُوَ اَلَّذِى أَنْزَلَ عَلَيْكَ اَلْكِتابَ مِنْهُ آياتٌ مُحْكَماتٌ هُنَّ أُمُّ اَلْكِتابِ وَأُخَرُ مُتَشابِهاتٌ فَأَمَّا اَلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِمْ زَيْغٌ فَيَتَّبِعُونَ ما تَشابَهَ مِنْهُ اِبْتِغاءَ اَلْفِتْنَةِ وَاِبْتِغاءَ تَأْوِيلِهِ**

*(Ӯст касе, ки ин китоб (Қуръон)-ро ба ту фурӯ фиристод; пораe аз он оятҳои муҳкам (сареҳ ва равшан) аст, онҳо асоси китобанд, ва пораe дигар муташобеҳотанд (ки таъвилпазиранд). Аммо касоне, ки дар дилҳояшон инҳироф аст, барои фитнаҷӯйӣ ва талаби таъвили он, (ба дилхоҳи худ) аз муташобеҳи он пайравӣ мекунанд, бо он ки таъвилашро ҷуз Худо ва росихон дар дониш намедонанд…” (Сураи Оли Имрон, ояти 7*)

… ва худи Қуръон ин бобро барои аввалин бор боз карда; боби муташобеҳгӯӣ ва муҳкамгӯӣ ва ин ки он муҳкамот уммул-китоб бошад, яъне марҷаъи ҳамаи китоб бошад ва миқёсе бошад барои мутaшобеҳот. Мо дар бораи Қуръон ҳам агар бихоҳем баъзе аз оёти онро истихроҷ кунем ва баъд ҳамонҳоро миқёс қарор бидиҳем, чизе дармеояд ғайр аз он чӣ ки худи Қуръон мехоҳад. Ва ағлаб китобҳои муҳим ҳамин тавр аст, ки намешавад инсон қисмате аз онро, баъзе аз онро бигирад ва тафсир кунад.

Ҳофиз дар китоби худаш як калид ба дасти мо додааст, ва он калид ин аст, ки калимоте ба кор мебарад, ки он калимот ҳама нишон медиҳад, ки мехоҳад бигӯяд, ман марде аз ин

типам; мисли калимаи “ориф”, калимаи “сӯфӣ”. (9) Калимоти муқаддас дар Ҳофиз аз қабили “солик”, “ориф”, “тариқ”, тариқат”, “раванда”, “муршид”, “пир”. Инҳо нишон медиҳад, ки ин девон аз типи девонҳоест, ки урафо танзим кардаанд, дар забони арабӣ ва дар забони форсӣ.

Мо аввал бояд биравем суроғи урафо ба таври куллӣ. Ҳофизро мо наметавонем аз урафо ҷудо кунем ва тафсир кунем, чунин чизе маҳол аст. Мавлавиро мо наметавонем аз урафо ҷудо кунем ва тафсир кунем. Тафсири Ҳофиз бояд тафсире бошад дар зимни тафсири урафо, хубиҳо ё бадиҳояш дар ҳама бояд санҷида шавад. Пас мо бояд як назари куллӣ ба ҳамаи урафо бикунем, бибинем аслан дар миёни урафо ин гуна ҳарф задан буда ё набуда? Мо мебинем ба истилоҳи имрӯз самбулик ҳарф задан — яъне бо алфоз ва калимоте, ки ҳар кадом рамзи як маъност сухан гуфтан — амре буда, ки қарнҳо қабл аз Ҳофиз дар миёни урафои исломӣ, аъамм аз арабигӯй ва форсигӯй, роиҷ буда, ихтисос ба Ҳофиз надорад, қарнҳо қабл аз Ҳофиз буда ва худашон ҳам дар ҷоҳои дигар тасреҳ мекардаанд, ки ин калимот рамз ва истилоҳ аст ва мо аз инҳо як маъонии хоссе дар назар дорем. Ин на ба Ҳофиз ихтисос дорад, на ба қарни Ҳофиз ва на ба забони форсӣ, ки агар мо бихоҳем дунболи ин матлабро бигирем, хеле дунбола пайдо мекунад. Ман ҳамон қадр, ки шумо бидонед, ин матлаб ба Ҳофиз ва қарни Ҳофиз ва забони форсӣ ихтисос надорад, барои шумо арз мекунам, то матлаб бароятон қатъӣ ва яқинӣ бишавад.

* * *

***Поваракӣ:***

*(1) Шаробро мегӯяд. (Ин масхара карданаш умури динӣ ва мазҳабиро ва ба бод сухрия гирифтани инҳо ҳамеша дар ашъораш ҳаст.)*

*(2) Онҷо, ки аз зарфи худаш қилқилкунон, замзамакунон мерезад дар шиша.*

*(3) Гӯӣ ҳуҷҷоҷ ҳастанд, ки миёни Ҳатим ва замзам доранд ҳаракат мекунанд.*

*(4) Адён яке аст, фарқ намекунад, агар ба дини Аҳмад ҳаром аст, ба дини Масеҳ бинӯш.*

*(5) Шуюъи шаробхорӣ ва фаҳшо дар миёни муслимин аз дайрҳои масеҳият огоз шуд, чун масъалаи ифофи исломӣ ва ҳиҷоби исломӣ ва мамнӯияти шурби хамр, айёширо иҷоза намедод. Масеҳиҳо дар савмаъаҳо ва дайрҳои худашон роҳибаҳо ба унвони занҳои торики дунё доштанд, шароб ҳам доштанд, ҳамонҷоҳоро маркази айшу нӯш карда буданд, ва Шом ҳам муҷовири Кустантиния ва дар марз буд (он вақт Туркия ҷузъи масеҳият буд) ва дар худи Шом ҳам — махсусан дар деҳоти атрофи Шом — масеҳӣ зиёд буд.*

*(6) Зоҳиран исми маҳал Қазқазуна ё Фарқадуна буда.*

*(7) "Судӣ" як марди туркзабоне буда, ки бо адабиёти форсӣ ошно буда, девони Ҳофизро ба форсӣ шарҳ карда, вале шарҳаш шарҳи луғавӣ ва адабӣ аст, шарҳи ирфонӣ нест, ба мақосиди Ҳофиз ҳеч коре надорад, фақат барои туркҳое, ки бо форсӣ ошно бошанд, дар воқеъ таркиб мекунад: ин мубтадост, ин хабар аст…*

*(8) Ӯ "бе ҳисоб" навишта, вале мусаллам "бе ҳамол" аст, ғалат аз Судӣ аст.*

*(9) Албатта "сӯфӣ"-ро хеле авқот нақд ҳам мекунад. Баъзе аз инҳоро нақд карда, вале баъзеро нақд накардааст.*

* * *

## Муҳйиддини Арабӣ, падари ирфони исломӣ

Қаблан ҳам арз кардем, ки яке аз урафое, ки илҳомдиҳандаи ҳамаи навобиғи ирфонӣ аст, ки аз қарни 7-ум ба баъд омадаанд, Муҳйиддини Арабӣ аст. Муҳйиддини Арабӣ хоҳ нохоҳ падари ирфони исломӣ аст ва ӯ буд, ки таҳаввули азим дар ирфони исломӣ ба вуҷуд овард. (Дар яке аз баҳсҳои оянда, дар ирфони назарӣ, ки баҳс мекунем, қисмате аз онҳоро арз хоҳем кард).

Урафои баъд аз ӯ ҳама аз ӯ илҳом гирифтаанд. Мавлавӣ, Ҳофиз, Шабистарӣ ва амсоли инҳо шогирдони мактаби Муҳйиддинанд бидуни шак. Муҳйиддин шеър ҳам мегуфта ва баъзе шеърҳояш ҳам хеле олӣ аст, на ҳама. Аслан ӯ як одамест, ки ҳамон тавр ки мо Мавлавиро мегӯем (ки) дар қолиби шеър намегунҷад, ӯ боз бештар дар қолиби шеър намегунҷад. Якчунин одами аҷибе аст. Аз ҷумла як китобе, як идда ашъоре дорад ба номи "*Тарҷумонул-ашвоқ*", ки худаш ҳамонҳоро шарҳ карда ба номи "*Захоирул-аълоқ*" ва чоп шуда ва дар даст аст. Ин ашъор ҳама ашъори ошиқона аст ва бо ин ки худаш тасреҳ мекунад, ки ӯ бархӯрде ҳам бо як хонуми орифае дар Макка дошта — ки достонашро дар муқаддимаи он китоб ва дар шарҳи ҳоли ӯ нақл кардаанд — ва он зан шогирдаш буда ва худаш ҳам дар ибтидо тасреҳ мекунад, ки ин калимоте, ки ман меоварам, аз ҳамон зан киноя меоварам, яъне мафҳуми лафз ва зоҳире, ки ман дорам мегӯям, ҳамин занро дорам мегӯям:

**فكل اسم اذكره فى هذا الجزء فمنها اكنّى وكل دار اندبها فدارها اعنى**

"*Ман ҳар исме агар бибарам (Суъод бигӯям, Ҳинд бигӯям…), мақсуд ӯст, ва ҳар дореро, ки ман нудба кунам, дори ӯро қасд кардаам*", вале дар айни ҳол, маънои шеъри самбулик ин нест, ки масалан вақте мегӯяд шароб, аз шароб (чизи дигар ирода шуда бошад), мисли ин ки мо

мегӯем: “Раъяту асадан” (шереро дидам) ва аз “асад” (шер) мустақиман раҷули шуҷоъ ирода шуда бошад. На! Аз шароб шароб ирода мешавад, вале шаробро вақте ки тавсиф мекунад, ҳадафаш аз тавсифи шароб чизи дигар аст, на ин ки лафзи “шароб”, ки мегӯяд, маҷозан мегӯяд ва ба ҷойи лафзи “шароб” бояд як чизи дигар бигузорем. (Чунин нест.)

Дар маҷозоте, ки удабо ба кор мебаранд ин тавр аст, ки лафзеро ба ҷойи лафзи дигар ба кор мебаранд, ки агар лафзи аслиро бигузорем, маъно тағйир намекунад. Вале дар баёни самбулик чизи дигар аст. Ва он ин аст, ки дар бораи як маъно баҳс мекунад, ин матлаби ӯ зоҳире дорад, ки зоҳираш ҳам дуруст аст, яъне як маъное дорад, вале руҳаш (чизи дигарест ва) як ботини дигаре дар кор аст. Ин айни иқтибос аз ҳамон кори Қуръон аст: зоҳир ва ботин. ”Зоҳиру ботин” маънояш ин нест, ки лафзи Қуръон вазъ шуда барои маънои ботинӣ ва маънои зоҳирӣ маҷоз аст, (на), балки ба ин маъност, ки дар они воҳид бутуни мутаъаддида дорад. Як зоҳир дорад ва як ботин. Аҳли зоҳир зоҳирашро мефаҳманд ва аҳли ботин ботинашро. Баъд мегӯяд:

**ولم ازل فيما نظمتها فى هذا الجزء على الايماء على الواردات الالهية والتنزلات الروحانية والمناسبات العلويّة جريا على طريقتنا المثلى فانّ الاخرة خير لها من الاولى**

Ва баъд мегӯяд, худи он хонум ҳам медонист:

**ولعلمها (رضى الله عنها) بما اليه اشير ولا ينبّهك مثل خبير والله يعصم قارئ هذا الديوان من سبق خاطره الى ما لايليق بالنفوس الابيّة**

“*Ӯ худаш ҳам медонист ва мабодо касе, ки ин девонро мехонад, хиёл кунад, ки мақсуди мо фақат ҳамин маънои зоҳирӣ буда.*”

Баъд мегӯяд, девони ман, ки мунташир шуд, баъзе аз уламо нақд карданд, эрод гирифтанд, шояд баъзе аз фуқаҳо тафсиқ ва такфир(-ам) карданд. Вақте ки мақсуди аслиро барои ӯ шарҳ додам, ӯ тавба кард:

**فلما سمعه ذلك المنكر تاب الى الله سبحانه تعالى ورجع عن الانكار على الفقراء**

“*Вақте ки он мункир шарҳи маро шунид, тавба кард аз ин ки бар фуқаро инкор кунад.*”

**وما يأتون به فى اقاويلهم من الغزل والتشبيب**

Инки онҳо дар ғазалиёташон ташбиб мекунанд, куллият дорад. “Ташбиб” яъне матлаби худашонро ба номи як маъшуқ ва як маҳбуб оғоз мекунанд, вале ҳадаф чизи дигарест. Масалан, “*Қасидаи Бурда*”, ки аз Бусирӣ аст ва аз олитарин ва пурсӯзтарин ва боихлостарини қасоиде аст, ки дар ислом гуфта шуда, чӣ гуна шурӯъ мешавад? Бо ғазал шурӯъ мешавад. Як муқаддамоте дорад, ҳафт-ҳашт қисмат аст ва баъд вориди мадҳи

Расули Акрам (с) мешавад ва хеле қасидаи олӣ ва аҷибе ҳам ҳаст, вале чӣ гуна шурӯъ мекунад:

أمِنْ تَذْكُرُ جيرانَ بِذى سَلَم

مَزَجْتُ دَمْعاً جَرى مِنْ مُقْلَةٍ بِدَمِ

أمْ هَبَّتِ الرّيحُ مِنْ تِلْقاءِ كاظِمَة

وَاَوْمَضَ الْبَرْقُ فِى الظَّلْماءِ مِنْ اِضَمِ

… мисли касе, ки дар бораи як маъшуқи зоҳирӣ дорад ҳарф мезанад. Ҳамин шуарои худамон, ки баъдҳо мадҳи ҳазрати Амир ва ҳазрати Имом Ҳусайн ва ғайраро гуфтаанд, аввал аз зулфу руху ин ҳарфҳо мегӯянд, баъд вориди мадҳи Алӣ мешаванд. Маълум мешавад ҳамон вақт роиҷ буда, ки урафо ғазал мегуфтаанд ва ташбиб мекардаанд, вале мақсудашон чизи дигар буда. Баъд худаш ин шеърро мегӯяд (ва мегӯяд барои ин ки аз мақсуди мо огоҳ бишаванд):

كُلَّما اَذْكُرُهُ مِنْ طَلَلٍ (1)

اَوْ رُبوعٍ اَوْ مَقامٍ (2)كُلَّما

وَكَذا اِنْ قُلْتُ هى اَوْ قُلْتُ هُو

اَوْ هُمُ اَوْ هُنَّ جَمْعاً اَوْ هُما (3)

وَكَذا اِنْ قُلْتُ قَدْ اَ نْجَدَنى

قَدَرٌ فى شِعْرِنا اَوْ اَتْهَما (4)

وَكَذا السُّحْبُ اِذا قُلْتُ بَكَتْ

وَكَذَا الزَّهْرُ اِذا مَا ابْتَسَما (5)

اَوْ نِساءٌ كاعِباتٌ نَهَدَتْ

طالِعاتٍ كَشُموسٍ اَوْ دُمى (6)

كُلَّما اَذْكُرُهُ مِمّا جَرى

ذِكْرُهُ اَوْ مِثْلُهُ اِنْ تَفْهَما

مِنْهُ اَسْرارٌ وَاَنْوارٌ جَلَتْ

اَوْ عَلَتْ جاءَ بِها رَبُّ السَّما (7)

لِفُؤادى اَوْ فُؤادِ مَنْ لَهُ (8)

مِثْلُ مايى مِنْ شُرودِ الْعُلَما (9)

صِفةٌ قُدْسِيَّةٌ عِلْوِيَّةٌ

اِعْلَمَتْ اَنَّ لِصِدْقى قَدَما

فَاصْرِفِ الْخاطِرَ عَنْ ظاهِرِها

وَاطْلُبِ الْباطِنَ حَتّى تَعْلَما

**Мавлавӣ**

Мавлавии худамон бо ин ки дар Маснавӣ тағаззул надорад ва бо забони дигаре ҳарф мезанад, вале ба ин матлаб таваҷҷӯҳ дорад ва мегӯяд: мабодо ту ҳарферо, ки аз ориф мешунавӣ, ба зоҳираш ҳамл кунӣ. Ташбеҳи хубе мекунад (ва) мегӯяд, онҳо мурғи Ҳаққанд. Мисли ин ки дар калимаи "Мурғи Ҳақ" ишора дорад ба "*Мантиқут-тайр*"-и Аттор ва достони ин ки мурғон ҳама ҷамъ шуданд ба раҳбарии ҳудҳуд (ва ҳудҳуд рамзи пири муршид аст ва мурғҳои дигар солик), рафтанд барои ин ки симурғро ба подшоҳӣ интихоб кунанд (ки достонашро агар бихоҳам шарҳ кунам, як вақти дигар дар ҷойи худаш бояд шарҳ кунам). Ин аст, ки соликонро ташбеҳ ба мурғон мекунанд, ки ҳаракат мекунанд барои рафтан ба хонаи симурғ. Мавлавӣ мегӯяд:

*Чун сафире бишнавӣ аз мурғи Ҳақ,*

*Зоҳирашро ёд гирӣ чун сабақ.*

*В-он гаҳе аз худ қиёсоте кунӣ,*

*Мар хаёли маҳзро зоте кунӣ.* (10)

*Истилоҳотест мар абдолро,*

*Ки набошад з-он хабар ғаффолро.*

Бо ин тасреҳот, мо чӣ метавонем бигӯем?

**Шайх Маҳмуди Шабистарӣ**

Маҳмуди Шабистарӣ дар манзумаи худаш, ки аз олитарин қатаъоти ирфони исломист — ва афсӯс, ки маъонии инҳо ба куллӣ дорад фаромӯш мешавад — (ин истилоҳотро тавзеҳ медиҳад.) Медонед суолоте аз Хуросон кардаанд ва он вақт ҳам зоҳиран ӯ дар Озарбойҷон буда ва он суолотро ҷавоб дода ва он тавр ки худаш мегӯяд, дар як шаб ҳам ҷавоб дода, ва ин хеле аҷиб аст:

*Расуле бо ҳазорон лутфу эҳсон*

*Расид аз хидмати аҳли Хуросон.*

Ҷузъи суолоти он одам яке ин суол аст:

*Чӣ хоҳад марди маънӣ з-он иборат,*

*Ки дорад сӯйи чашму лаб ишорат?*

*Чӣ ҷӯяд аз руху зулфу хату хол*

*Касе, к-андар мақомот асту аҳвол?*

Маълум аст, ки барои инҳо матраҳ буда, ки мақсуди урафо аз ин таъбирот чӣ буда? Муфассал дар ин заминаҳо баҳс мекунад, шояд дар ҳудуди сад шеър дошта бошад. Он вақт ин ҷур ҷавоб медиҳад. (Ман чанд тояшро бароятон мехонам:)

*Ҳар он чизе, ки дар олам аён аст,*

*Чу аксе з-офтоби он ҷаҳон аст.*

*Ҷаҳон чун зулфу хатту холу абрӯст,*

*Ки ҳар чизе ба ҷойи хеш некӯст.*

*Таҷаллӣ, гаҳ ҷамолу гаҳ ҷалол аст,*

*Руху зулф он маъониро мисол аст.*

*Сифоти Ҳақ Таъоло лутфу қаҳр аст,*

*Руху зулфи бутонро з-он ду баҳраст.*

*Чу маҳсус омад ин алфози масмуъ,*

*Нахуст аз баҳри маҳсусанд мавзӯъ.* (11)

*Надорад олами маънӣ ниҳоят,*

*Куҷо бинад мар ӯро чашм гоят.*

*Ҳар он маъно, ки шуд аз завқ пайдо,* (12)

*Куҷо таъбири лафзӣ ёбад ӯро.* (13)

*Чу аҳли дил кунад тафсири маънӣ,*

*Ба монандӣ кунад таъбири маънӣ.* (14)

*Ки маҳсусот аз он олам чу соят,*

*Ки ин чун тифлу он монанди доят.*

Баъд ба шарҳ мепардозад, хеле шарҳ мекунад, ки зулф яъне чӣ, рух яъне чӣ ва…

Баъд соил мегӯяд:

*Шаробу шамъу шоҳидро чӣ маъност?*

*Хароботӣ шудан охир чӣ даъвост?*

Ҷавоб медиҳад:

*Шаробу шамъ, завқу нури ирфон,*

*Бибин шоҳид, ки аз кас нест пинҳон.*

Он гоҳ вориди баҳси муфассале дар ин замина мешавад.

**Мағрибӣ**

Яке дигар аз шуарои бисёр забардасти ирфонӣ, ки албатта лутфи Ҳофизро надорад, вале аз назари маъонии ирфонӣ, яъне расидан ба умқи ирфон, иддае ӯро аз Ҳофиз ҷилавтар медонанд — арз кардам на аз назари шеърӣ ва адабӣ ва ҳунарӣ, балки аз назари расидан ба умқи ирфон — шоирест ба номи Мағрибӣ, ки девонаш ҳам чоп шуда. Мағрибӣ дар аввали девонаш (шеърҳое дар ин замина дорад) — ки ман дар китоби "*Хадамоти мутақобили ислом ва Эрон*" ин шеърҳоро аз онҷо нақл кардаам. Баъзе аз ин ашъорро мехонам (чун хеле муфассал аст), мегӯяд:

*Агар бинӣ дар ин девони ашъор*

*Хароботу хароботию хаммор*

*Буту зуннору тасбеҳу чалипо*

*Мугу тарсову габру дайру Мино*

*Шаробу шоҳиду шамъу шабистон*

*Хурӯши барбату овози мастон*

*Маю майхонаву ринди харобот*

*Ҳарифу соқиву нарду муноҷот*

*Навои аргануну нолаи най*

*Сабуҳу маҷлису ҷоми паёпай*

*Хуму ҷому сабӯи майфурӯшӣ*

*Ҳарифӣ кардан андар боданӯшӣ*

*Зи масҷид сӯйи майхона давидан*

*Дар онҷо муддате чанд орамидан*

*Гарав кардан пиёлай хештанро*

*Ниҳодан бар сари май ҷону танро*

*Гулу гулзору сарву богу лола*

*Ҳадиси шабнаму борону жола*

*Хату холу қаду болову абрӯ*

*Узору оризу рухсору гесӯ*

*Лабу дандону чашми шӯху сармаст*

*Сару пою миёну панҷаву даст*

*Машав зинҳор аз ин гуфтор дар тоб*

*Бирав мақсуд аз он гуфтор дарёб.*

*Мапеч андар сару пойи иборат,*

*Агар ҳастӣ зи арбоби ишорат.*

*Назарро нагз кун, то нагз бинӣ,*

*Гузар аз пӯст кун, то магз бинӣ.*

*Назар гар барнадорӣ аз завоҳир,*

*Куҷо гардӣ зи арбоби сароир?*

*Чу ҳар якро аз ин алфоз ҷонест,*

*Ба зери ҳар як аз инҳо ҷаҳонест.*

*Ту ҷонашро талаб, аз ҷисм бигзар,*

*Мусаммоҷӯй бош аз исм бигзар.*

*Фурӯ магзор чизе аз дақоиқ,*

*Ки то бошӣ зи асҳоби ҳақоиқ.*

**Ҳотифи Исфаҳонӣ**

Ё масалан Ҳотиф дар он тарҷеъбанди маъруфаш, ки бо ин байт оғоз мешавад:

*Эй фидои ту ҳам дилу ҳам ҷон*

*В-эй нисори раҳат ҳам ину ҳам он*

Дар яке аз он тарҷеъбандҳояш махсусан тасреҳ мекунад:

*Ҳотиф, арбоби маърифат, ки гаҳе*

*Маст хонандашону гаҳ ҳушёр.*

*Аз маю ҷому мутрибу соқӣ,*

*Аз мугу дайру шоҳиду зуннор,*

*Қасди ишон нуҳуфта асрорест,*

*Ки ба имо кунанд гаҳ изҳор.*

**Шайх Баҳоӣ**

Ва ба илова, мо мебинем афроде дар ин заминаҳо шеър гуфтаанд, ки дар бораи ҳар ки бишавад эҳтимол дод, дар бораи онҳо дигар намешавад эҳтимоли ин ҳарфҳоро дод. Масалан Шайх Баҳоӣ, фақеҳи аср ва шайхулисломи замони худаш, аз ин ҳарфҳои риндӣ ба истилоҳ, он қадре ки дар калимоти Ҳофиз омада, дар калимоти ӯ ҳам омада, камтар наёмада, мисли ин шеърҳои маъруфаш, ки мегӯяд:

*Дину дил ба як дидан бохтему хурсандем, (15)*

*Дар қимори ишқ, эй дил, кай бувад пушаймонӣ?!*

*Саҷда бар буте дорам, роҳи масҷидам манмо,*

*Кофари раҳи ишқам, ман куҷо мусалмонӣ?!*

*Мо зи дӯст гайр аз дӯст мақсаде намехоҳем,*

*Ҳуру ҷаннат, эй зоҳид, бар ту бод арзонӣ. (16)*

*Зоҳиде ба майхона сурхрӯ зи май дидам,*

*Гуфтамаш: муборак бод арманӣ мусалмонӣ!*

*Хонаи дили моро аз карам иморат кун,*

*Пеш аз он ки ин хона рӯ ниҳад ба вайронӣ.*

**Ашъоре аз Аллома Таботабоӣ**

Агар шеърҳое, ки муҷтаҳидҳо ва фуқаҳои замон ва мароҷеи тақлиди замон дар ин заминаҳо гуфтаанд, ҳамонҳоро бихоҳем ҷамъ кунем, мисли шеърҳои марҳум Мирзо Муҳаммадтақии Шерозӣ ва шеърҳои марҳум Нароқӣ (17), худаш як достоне дорад, ки дигар хеле муатталатон намекунам, вале хушам меояд, ки шеърҳое аз устоди худамон Аллома Таботабоӣ (Салламаҳуллоҳу Таъоло!)-ро барои шумо бихонам, бибинед, ки ин муфассирини моддии Ҳофиз инҷо чӣ мегӯянд. Эшон мегӯяд:

*Ҳаме гӯяму гуфтаам борҳо,*

*Бувад кеши ман меҳри дилдорҳо. (18)*

*Парастиш ба мастист дар кеши меҳр,*

*Бурунанд з-ин ҷирга ҳушёрҳо.*

*Ба шодиву осоишу хобу хӯр*

*Надоранд коре дилафгорҳо.*

*Ба ҷуз ашки чашму ба ҷуз доги дил,*

*Набошад ба дасти гирифторҳо.*

*Кашиданд дар кӯи дилдодагон*

*Миёни дилу ком деворҳо.*

*Чӣ Фарҳодҳо мурда дар кӯҳҳо,*

*Чӣ Ҳаллоҷҳо рафта бар дорҳо.*

*Чӣ дорад ҷаҳон ҷуз дилу меҳри ёр,*

*Магар тӯдаҳое зи пиндорҳо.*

*Вале родмардону ворастагон,*

*Наёзанд ҳаргиз ба мурдорҳо.*

*Маҳини меҳрварзон, ки озодаанд,*

*Буриданд аз доми ҷон торҳо.*

*Ба хуни худ огуштаву рафтаанд*

*Чӣ гулҳои рангин ба ҷӯборҳо.*

*Баҳорон, ки шобош резад сипеҳр,*

*Ба домони гулшан зи рагборҳо.*

*Кашад рахт сабза ба ҳомуну дашт,*

*Занад боргаҳ гул ба гулзорҳо.*

*Нигориш диҳад гулбуни ҷӯйбор*

*Дар ойинаи об рухсорҳо.*

*Равад шохи гул дар бари нилуфар,*

*Барқасд ба сад нози гулнорҳо.*

*Дарди пардаи гунчаро боди бом*

*Ҳазор оварад нагз гуфторҳо.*

*Ба овои ною ба оҳанги чанг*

*Хурӯшад зи сарву саман торҳо.*

*Ба ёди хуми абрӯи гулрухон*

*Бикаш ҷом дар базми майхорҳо.*

*Гиреҳ аз рози ҷаҳон боз кун,*

*Ки осон кунад бода душворҳо.*

*Ҷуз афсуну афсона набвад ҷаҳон,*

*Ки бастанд чашм Хашоёрҳо.*

*Ба андӯҳи оянда худро мабоз (19),*

*Ки оянда хобест чун порҳо. (20)*

*Фиреби ҷаҳонро махӯр зинҳор,*

*Ки дар пойи ин гул бувад хорҳо.*

*Паёпай бикаш ҷому саргарм бош,*

*Биҳил гар бигиранд бекорҳо.*

* * *

***Повараҷӣ:***

*(1) Ёдгорҳои маҳбуб, харобаҳое, ки аз манзили маҳбуб боқӣ монда.*

*(2) Рубуъ ва маҷом яъне манозил.*

*(3) "Ҳува" мегӯям, "ҳия" мегӯям, "ҳум" мегӯям, "ҳунна" мегӯям, ҳарчӣ мегӯям.*

*(4) Агар исми Наҷд мебарам, исми Таҳома мебарам.*

*(5) Аз гиряи абр сухан мегӯям, аз хандаи шукӯфа сухан мегӯям.*

*(6) Ё аз занони коиб — яъне "пистон баромада" — ва аз заноне, ки монанди хуршед тулӯъ мекунанд мегӯям.*

*(7) Мехоҳад бигӯяд инҳо асрор ва илҳомоте аст, ки бар қалби ман ворид шуда ва ман ба ин сурат инҳоро таҷассум кардаам. Ҳоло чаро инҳо ба ин сурат гуфтаанд, баъд дар ин бора баҳс мекунем.*

*(8) Он воридот бар қалби ман ворид шуда ё бар қалби каси дигар.*

*(9) Ононе, ки мисли ман аз уламои биллоҳанд.*

*(10) Бо ин хиёлоти худат чизе бисозӣ, ки чунин гуфтаанд.*

*(11) Мегӯяд, алфоз аввал барои маъонии махсуса вазъ шуда.*

*(12) Маъонии ирфонӣ, воридоти қалбӣ.*

*(13) Маънии ирфонӣ, ки дар қалб омада, асосан лафзе надорад, ки ба он лафзҳо баён шавад, чун ин алфоз барои маъоние вазъ шуда, ки башар аз роҳи ҳавосс бо онҳо ошно шуда. Дар ҷойи дигар мегӯяд:*

*Маънӣ ҳаргиз андар ҳарф нояд,*

*Ки баҳри бекарон дар зарф нояд.*

*Як шеъри арабӣ ҳам ҳаст, ки Ҳоҷӣ Сабзаворӣ нақл мекунад:*

**اَلا اِنّ ثوباً خیط من نص تسعة**

**وعشرین حرفا عن معانیه قاصر**

*Яъне ҷомае, ки аз ин 29 ҳарф бофта шуда, ба андоми ӯ рост намеояд, яъне он маъониро ҳаргиз бо ин алфоз намешавад баён кард.*

*(14) (Яъне) бо ташбеҳ мегӯяд.*

*(15) Роҷеъ ба ин масъала, ки мегӯяд динро додем, мақсудашон чист, баъдҳо иншоаллоҳ баҳс мекунем.*

*(16) Албатта ин шеър тафсир мекунад, мисли шеърҳои худи Ҳофиз.*

*(17) (Ва шеърҳои Имом Хумайнӣ (р), ки пас аз реҳлати эшон мунташир шуд ва ба унвони намуна яке аз онҳоро меоварем:)*

*Ман ба холи лабат эй дӯст гирифтор шудам.*

*Чашми бемори туро дидаму бемор шудам.*

*Фориг аз худ шудаму кавси "Аналҳақ" бизадам.*

*Ҳамчу Мансур харидори сари дор шудам.*

*Ғами дилдор фикандаст ба ҷонам шараре,*

*Ки ба ҷон омадаму шӯҳраи бозор шудам.*

*Дари майхона гушоед ба рӯям шабу рӯз,*

*Ки ман аз масҷиду аз мадраса безор шудам.*

*Ҷомаи зуҳду риё кандаму бар тан кардам*

*Хирқаи пири хароботиву ҳушёр шудам.*

*Воизи шаҳр, ки аз панди худ озорам дод.*

*Аз дами ринди майолуда мададкор шудам.*

*Бигзоред, ки аз буткада ёде бикунам*

*Ман, ки бо дасти бути майкада бедор шудам.*

*(18) Динро аз худаш якҷо салб кард!*

*(19) Ҳамон нақди Ҳофиз, ки он ҳама хондем, дами Ҳофиз.*

*(20) Инкори қиёмат аст он тавр ки ин оқоён аз Ҳофиз истифода мекунанд!*

* * *

То инҷо мо расидем ба ин матлаб, ки Ҳофиз гулест аз як бӯстон. Бӯстонеро шумо дар назар бигиред, ки сад ҳазор метр мураббаъ аст ва дар он даҳҳо ҳазор гул вуҷуд дорад ва як гулаш Ҳофиз аст. Ва он бӯстон, бӯстони маъорифи исломист, ки густарда буда, ниме аз ҷаҳонро фаро гирифта, ба забонҳои мухталиф, тоза ман арабиро овардам, дар забонҳои дигар ҳам ҳамин ҷур буда, ихтисос ба он надорад. Инки мо Ҳофизро танҳо аз ин бӯстон бичинем, баъд бихоҳем мутобиқи дили худамон тафсир кунем, дуруст нест. Ҳофизро фақат дар дохили ҳамон бӯстоне, ки рушд карда — ки он, бӯстони фарҳанги исломист — метавонем мутолеа кунем.

Мо то устодҳои Ҳофизро, устодҳои устодҳои Ҳофизро, ҷавви Ҳофизро, фазое, ки Ҳофиз дар он фазо танаффус карда ба даст наёварем, маҳол аст (шинохти дурусте аз ӯ пайдо кунем.) Ва ин кор, кори як адиб нест. Иштибоҳ ин аст, ки дар асри мо удабо мехоҳанд Ҳофизро шарҳ кунанд. Бузургтарин адиби ҷаҳон ҳам биёяд, наметавонад Ҳофизро шарҳ кунад. Ҳофизро орифе бояд шарҳ кунад, ки адиб ҳам бошад…

**Иллати рамзгӯии урафо**

Биравем суроғи як матлаби дигар. Ва он ин аст, ки ҳоло ин чӣ ангезае будааст, ки ин оқоёни урафо биёянд ҳарфҳои худашонро ин ҷур дар парда бигӯянд, он ҳам бо як пардадарии ин гуна? Пардае, ки пардадарӣ ҳам дар он ҳаст. Чаро бо рамз ҳарф мезананд? Чаро самбулик ҳарф мезананд? Чаро ҳарфи худашонро сареҳ намегӯянд? “*Чун сафире бишнавӣ аз мурғи Ҳақ*” яъне чӣ? “*Истилоҳотест мар абдолро*” яъне чӣ? Чӣ беморие доранд, ки ҳарфи худашонро возеҳ ва сареҳ намегӯянд?

Инҷо ҳам боз тафсирҳое шуда. Баъзе ин ҷур тафсир кардаанд, ки иллати қазия ин буда, ки дар ибтидо урафо ҳарфҳои худашонро сареҳ мегуфтанд, баъдҳо чун диданд ин ҳарфҳои сареҳ ва бепарда ва рук барои инҳо дарди сар дуруст мекунад, маҷбур шуданд, ки ҳарфҳояшонро дар парда бигӯянд, барои ин ки аҳли зоҳир, фуқаҳо ва пайравони фуқаҳо музоҳимашон нашаванд. Ин буд, ки ҳарфашонро дар парда гуфтанд. Марҳум дуктур Қосим Ғанӣ ду китоб дорад: яке ба номи “*Тории тасаввуф дар ислом*” ва дигаре — ки мегӯянд чакидаи афкори ӯст — ба номи “*Баҳсе дар тасаввуф*”, ки вақте инсон аз аввал то

охирашро мутолеа мекунад, мебинад ин мард чизе аз ирфон ва тасаввуф дарк намекарда, мутолеа зиёд карда, вале чизе намедониста. Эшон исрор дорад, ки матлабро ҳамин тавр тавҷеҳ кунад.

Аввалан, эшон муддаъист ва хаёл карда, ки аслан ин ирфони исломӣ ҳамааш ҳарфҳои навафлотуниён аст. (Як ҳарфе аз фарангиҳо шунида буда, дунболи ҳамонро гирифта). Баъд мегӯяд, баъд аз ин ки ин фалсафаи навафлотуниён ба шакли ирфон дар миёни мусалмонон омад: "*Тасаввуф ба шакле даромад, ки мавриди такфир воқеъ шуд ва ҷамоате аз бузургони сӯфия ба заҳмат афтоданд ва баъзе ба қатл расиданд ва ин пешомадҳо сабаб шуд, ки сӯфиён асрори худро аз номаҳрамон мактум бидоранд ва калимоти худро填 填 мармуз ва зувуҷуҳ (чандпаҳлӯ) адо кунанд, завоҳири шаръро риоят намоянд ва махсусан дар садад баромаданд, ки ирфон ва тасаввуфро ба василаи тафсир ва таъвил бо Қуръон ва ҳадис татбиқ кунанд. Ва инсоф ин аст, ки аз ӯҳдаи ин муҳим ба хубӣ баромаданд ва пояи таъвилро ба ҷойе гузоштанд, ки дасти файласуфони таъвилкунандаи Таврот ҳам ба он нахоҳад расид." (Баҳсе дар тасаввуф, с.10*) Дар ҷойи дигар ҳам боз ҳамин ҳарфро ба гунаи дигаре мегӯяд.

Ин ҳарф як ҳарфи номарбутест. Иттифоқан, инҳо (урафо) дар айни ин ки муддаъои худашонро дар парда гуфтаанд, аз назари завоҳир аз қудамои сӯфия (яъне сӯфияи қарни дуввум, севвум, чаҳорум) бештар пардадарӣ кардаанд… (Ҳарфи оқои Қосим Ғанӣ) хеле ҳарфи аҷибест! Узри бадтар аз гуноҳ, ки мегӯянд, ҳамин аст. Инҳо дар парда ҳарф заданд, чӣ гуна дар парда ҳарф заданд? Ҳамаи муддаъои худашонро ба сурати чизҳое гуфтанд, ки ё куфр аст ё фисқ! Ин чӣ ҷур дар парда гуфтани ба он манзур аст (ки аҳли зоҳир онҳоро муттаҳам ба бединӣ накунанд?) Агар ба як забони дигаре мегуфтанд, ки мардум иштибоҳ мекарданд, масалан ба ҷойи ин ҳарфҳо калимоте монанди вузӯ, ғусл, таяммум, рукӯъ ва суҷуд меоварданд ва баъд мегуфтанд, мақсуди мо аз суҷуд фалон маъност, аз рукӯъ фалон маъно, аз вузӯ ва аз таяммум фалон маъно, ин назария қобили тавҷеҳ буд. Инҳо, ки аз ин алфози шаръӣ ё аз алфози муқаддаси урфӣ истифода накардаанд, аз алфозе истифода кардаанд, ки мафҳуми зоҳириаш ё фисқ буда ё куфр: "*Дину дил ба як дидан бохтему хурсандем.*" Мегӯяд динамро бохтам ва хурсандам. Оё ин хоста дар парда ҳарф бизанад, ки мардуми авом нафаҳманд? Хеле ҳарфи аҷибест! Таъаҷҷуб мекунам аз ин одам, ки чӣ тавр чунин ҳарфе зада!

Баъзе дигар аз ин носиюнолистҳо чашмҳояшонро боз кардаанд, хаёл кардаанд, ки ин ҳарфҳо ихтисос дорад ба шуарои эронӣ ва форсизабон. Ва ин истилоҳот ҳам фақат истилоҳи маю муғу муғбачча аст. Ва як дафъа афтодаанд ба ин ки бале, як чизи дигар аст, ва он ин аст, ки ин шуарои мо дар зери султаи араб ва ислом буданд, мехостанд ба Эрони қадим ва Эрони қабл аз ислом изҳори алоқа кунанд, роҳе надоштанд, чорае надоштанд, омаданд ин таъбиротро оварданд барои ин ки аҳли дил бифаҳманд, ки инҳо доранд ба Эрони қадим ва Эрони замони Сосонӣ алоқа нишон медиҳанд!

Ёдам аст як вақте ин китоби "*Ирфон ва усули моддӣ*"-и дуктур Ароносиро мехондам. Дар онҷо касонеро, ки ин ҳарфҳоро мезананд масхара карда буд ва нақл карда буд, ки як оқое гуфта, ки ин шеъри Ҳофиз, ки мегӯяд:

*Булбул зи шохи сарв ба гулбонги паҳлавӣ,*

*Мехонд дӯш дарси мақомоти маънавӣ.*

Чун калимаи "паҳлавӣ" ишора ба забони паҳлавӣ дар Эрони қабл аз ислом аст, дорад алоқаашро ба зардуштигарӣ нишон медиҳад ва ин нишонаи эҳсосоти миллии шоир аст.

Дуктур Аронӣ навишта буд, агар ин тавр аст, пас шеъри баъдаш ҳам, ки мегӯяд:

*Яъне биё, ки оташи Мӯсо нумуд гул,*

*То аз дарахт нуктаи тавҳид бишнавӣ.*

… ин ҳам тамоюли яҳудигарии шоир аст! Ва шеъри баъдаш, ки мегӯяд:

*Ин қиссаи аҷаб шунав аз бахти вожгун,*

*Моро бикушт ёр ба анфоси Исавӣ.*

… ин ҳам аломати масеҳигарии шоир аст!

Ин музахрафот яъне чӣ?! Як ҳарфҳое, ки истеъмори қарни 19-ум дар мағзи миллатҳои исломӣ фурӯ карда барои ҷудо кардани инҳо аз якдигар, инҳо ҳоло мехоҳанд ин ҳарфҳоро то ҳазор сол пеш ҳам бибаранд. Инҳо дурӯғи маҳз аст. Ҳазор далели торихӣ бар радди инҳост ва ман дар китоби "*Хадамоти мутақобили ислом ва Эрон*" дар ин қазия ҳам баҳс кардаам.

Пас қазия чист? Қазияро аз худи урафо бояд бипурсем. Ба ақидаи ман, матлаб ду далел дошта, ки як далелаш дар калимоти урафо наёмадааст, вале ҳатман беасар набуда ва он ин аст: шеъру адаб ва фасоҳату балоғат ва зебоии баён, худаш як василаест барои беҳтар

расондани ҳар паём, ҳоло паём ҳарчӣ мехоҳад бошад. Як нафар сиёсӣ ҳам агар бихоҳад паёми сиёсии худашро ба мардум бирасонад, бо шеъру адабу ин ҳарфҳо, бо як шеъри хеле олӣ шумо мебинед ба андозаи сад китоб дар мардум асар мегузорад, яъне он матлаб вақте либоси зебоии шеърро бипӯшад беҳтар асар мегузорад. Худи Қуръони Карим аз ҳамин маъно истифода карда. Эъҷози Қуръон, ки дар фасоҳат ва зебоиаш ҳаст, яъне Қуръон ҳунарро дар хидмати паёми илоҳӣ қарор дода ва ин ҷиҳати Қуръон ҳамеша омили фавқулъода муассире буда дар пешрафт ва пешбурди Қуръон.

Урафо ҳам барои паёми ирфонии худашон аз зебоии адаб, аз ин ташбеҳҳо, тамсилҳо, шеърҳо, аз ин рамзӣ сухан гуфтанҳо (истифода кардаанд.) Ин амр мусаллам матолибро зеботар мекунад, то ин ки матолибро ҳамин тавр макшуф ва бепарда бигӯянд, лутф надорад. Яъне барои таблиғи ҳарфи худашон ин василаро интихоб кардаанд.

Ва дигар ин ки (ҳарфи асосӣ ин аст, ки дар шеърҳои Шабистарӣ ҳам буд), ин маъонӣ асосан лафз надорад, алфози башар кӯтоҳ аст аз ифодаи ин маъонӣ, ва танҳо афроде метавонанд ин маъониро дарк кунанд, ки худашон вориди ин дунё бошанд. Ин аст, ки инҳо тасреҳ мекунанд, ки — ба таъбири худашон — ишқ қобили баён нест, забони ишқ забони баёнӣ нест. Худи Ҳофиз ҳам дар хеле ҷоҳо ба ин матлаб тасреҳ мекунад. Масалан дар якҷо мегӯяд:

*Эй он, ки ба тақриру баён дам занӣ аз ишқ,*

*Мо бо ту надорем сухан, хайру саломат.*

Дар ҷойи дигар сареҳтар мегӯяд:

*Сухани ишқ на он аст, ки ояд ба забон,*

*Соқиё, май деҳу кӯтоҳ кун ин гуфтушунуфт.*

Ин ҳарфест, ки инҳо мӯътақиданд, ки ин маъонӣ бо баёни сареҳ гуфтанӣ нест, фақат бо рамз бояд гуфта шавад ва афроде ҳам метавонанд дарк кунанд, ки аҳли роҳу аҳли сулук бошанд. Ғайр аз инҳо касе намефаҳмад, ба қавли Мавлавӣ, забони мурғон аст, мантиқут-тайр аст, фақат касе медонад, ки

عُلِّمْنا مَنْطِقَ اَلطَّيْرِ

(*Забони мургон омӯхта шудем*) бошад, дигарон аслан наметавонанд дар ин ҳарим ворид шаванд. Бинобар ин (ин маъониро) бо забони худ гуфтан (маънӣ надорад), забон надорад, ки гуфта шавад, забонаш ҳаминҳост. Яъне забон забони рамз аст, ки агар бихоҳанд ба

сурати ғайрирамзӣ бигӯянд, ҳама ба гумроҳӣ ва иштибоҳ меафтанд. Инҳо мӯътақиданд, ки ин роҳро на бо қадами фикру ақл мешавад паймуд ва на бо баёне, ки он баён моли фикру ақл аст метавон тақрир кард.

Солҳо пеш матлабе ба зеҳнам омад, ҳанӯз ҳам ба ақидаи худам боқӣ ҳастам: Ҳофиз як ғазали орифонае дорад, ки хеле олист. Дар ин ғазал, ман хеле шадид мӯътақидам, ки Ҳофиз мухотабаш Бӯалист дар охири "Ишорот". Бӯалӣ дар охири "Ишорот" намате дорад (намати моқабли охир) ба номи "*Мақомотул-орифин*". Ва инсоф ин аст, инки як ҳаким тавониста мақомотул-орифинро ин ҷур баён кунад, хеле олист, воқеан шоҳкорест аз ин ҳаким, вале албатта ориф қабул надорад, ки як ҳаким бо қадами ҳикмат ва фалсафа битавонад ба маъонӣ ва румузи ирфон ва сулук пай бибарад ва лизо фалсафа ва ақлро аз ин ҷиҳат, ки ба рози матлаб пай бибарад нафй мекунад. Мегӯяд:

*Сӯфӣ аз партави май рози ниҳонӣ донист,*

*Гавҳари ҳар кас аз ин лаъл тавонӣ донист*. (1)

Баъд мегӯяд:

*Қадри маҷмӯаи гул мурғи саҳар донаду бас,*

*Ки на ҳар, к-ӯ варақе хонд, маъонӣ донист.*

Мақсуд аз "мурғи саҳар" ҳамон руҳи ориф аст, ки саҳархез аст ва "саҳар муноҷот" аст, ки дар мавзӯи саҳархезӣ ва муноҷоти саҳар ва гиряи саҳар, ҳеч кас аз Ҳофиз беҳтар сухан нагуфта, ба қадре сӯзнок, ба қадре муассир. Ва худаш марди шабзиндадор ва саҳархезе буда ва мукаррар тасреҳ мекунад, ки ман ҳарчӣ дорам, аз саҳархезӣ дорам.

*Қадри маҷмӯаи гул мурғи саҳар донаду бас,*

*Ки на ҳар, к-ӯ варақе хонд, маъонӣ донист.*

Инҳо аз китоб хондан ба даст намеояд, аз кори мурғи саҳар ба даст меояд; аз сулук, аз таҳзиби нафс, аз тазаррӯъ, аз зорӣ, аз муноҷот кардан, аз рафтан ба даргоҳи илоҳӣ фақат пайдо мешавад.

*Арза кардам ду ҷаҳон бар дили корафтода,*

*Ба ҷуз аз ишқи ту боқӣ ҳама фонӣ донист.*

*Он шуд акнун, ки зи абнои авом андешам,*

*Мӯҳтасиб низ дар ин айши ниҳонӣ донист…*

*Сангу гилро кунад аз юмни назар лаълу ақиқ,*

*Ҳар кӣ қадри нафаси боди ямонӣ донист.*

Он гоҳ мегӯяд:

*Эй, ки аз дафтари ақл ояти ишқ омӯзӣ,*

*Тарсам ин нуқта ба таҳқиқ надонӣ донист.*

Эй Бӯалӣ, ки аз дафтари ақл "мақомотул-орифин" менависӣ, тарсам ин нукта ба таҳқиқ надонӣ донист.

* * *

***Поварақӣ:***

*(1) Ориф он рози ниҳонро фақат аз партави май (маълум аст, ки мақсуд аз майи орифона чист) медонад.*

* * *

**Фарзияи севвум: Ҳофиз ашъорашро дар адвори мухталифи умри худ гуфтааст**

Ба инҷо расидем, ки баъзе дигар омаданд гуфтанд: Ҳофиз ин ашъорро дар адвори мухталифе аз умри худаш гуфтааст ва адворро ҳам таъйин карданд. Гуфтанд: он ашъоре, ки далолат мекунад бар лоуболигариҳои Ҳофиз, бар дам ғанимат шумурданҳо ва шаробхориҳо ва шоҳидбозиҳо, инҳо моли давраи ҷавонист, хуб ҷавонӣ аст дигар, ба қавли Саъдӣ: "*Дар унфувони ҷавонӣ, чунон ки афтаду донӣ…*"

Ва мумкин аст касе бигӯяд, руҳияи эрониҳо ағлаб ҳамин ҷур аст, ки дар ҷавонӣ ломазҳабанд ва дар пирӣ мусалмон мешаванд. Ҳофиз ҳам он шеърҳояш, ки далолат мекунад бар майхорагӣ ва шоҳидбозӣ ва лоуболигарӣ, ҳама рост ва ҷиддӣ аст ва моли давраи ҷавонии ӯст. Ва он ашъоре, ки далолат мекунад бар покӣ ва тақво ва фано филлоҳ ва сайру сулук ва муроқиба ва муҳосиба ва гиряҳои саҳар ва ин ҳарфҳо, инҳо ҳам ҳама ҷиддӣ ва рост аст ва моли давраи охири умраш аст.

Як касе ба номи Муҳаммадалии Бомдод — ки ман ӯро намешиносам — китобе навишта ба номи "*Ҳофизшиносӣ*". Эшон ҷиддӣ аст дар ин қазия, ки ин тавр аст.

Аввалан, ин ба қавли талабаҳо, як "ҷамъи табарруъӣ" аст, яъне як тавҷеҳи билодалел аст. Хуб, мумкин аст эшон эҳтимол бидиҳад, аммо як тавҷеҳест, ки далел надорад. Пас бояд гуфт, эҳтимол ҳаст, на ба сурати ҷидд, ки ҳатман инчунин буда, ва балки далоил бар

хилофи ин аст. Яъне агар мо бошему зоҳири ашъори Ҳофиз, ин тавҷеҳ кофӣ нест. Зеро дар ҳамон ашъоре, ки далолат мекунад бар айёшӣ ва шаробхорӣ ва айши нақду аз ин ҳарфҳо, қароине ҳаст, ки марбут ба замони пирист. Масалан: ин шеъри Ҳофизро худи ҳамин оқои Бомдод ҳам гӯё ҷузъи шеърҳои лоуболигаронаи Ҳофиз донистааст:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*

*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.*

*Бидеҳ соқӣ, майи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт*

*Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.*

*Фигон, к-ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб*

*Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони ягморо.*

*Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист,*

*Ба обу рангу холу хатт чӣ ҳоҷат рӯйи зеборо!*

Баъд мегӯяд:

*Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд,*

*Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.*

Шеърҳои дигаре аз ин возеҳтар ҳам мо зиёд дорем, масалан мегӯяд:

*Пиронасарам ишқи ҷавонӣ ба сар афтод*

*В-он роз, ки дар дил бинуҳуфтам, бадар афтод.*

*Аз роҳи назар мурғи дилам гашт ҳавогир,*

*Эй дида, нигаҳ кун, ки ба доми кӣ дарафтод?*

Дар ҷойи дигар мегӯяд:

*Ҷоме бидеҳ, ки боз ба шодийи рӯйи шоҳ,*

*Пиронасар ҳавои ҷавонист дар сарам.*

Дар ҷойи дигар мегӯяд:

*Дидӣ, дило, ки охири пириву зуҳду илм,*

*Бо ман чӣ кард дидаи маъшуқабози ман.*

Бо ин тасреҳоте, ки худаш мекунад, чӣ тавр мо метавонем ин тавҷеҳро ба ин шакл бипазирем?

**Фарзияи чаҳорум: зоҳири ашъори Ҳофиз ҳақиқат аст**

Тавҷеҳи чаҳорум тавҷеҳе аст, ки бисёре аз нависандагони замони мо дар воқеъ барои ин ки тавҷеҳе аз Ҳофиз барои худашон пайдо карда бошанд зикр мекунанд, (ва он ин) ки: аслан тавҷеҳ ва таъвил намехоҳад, зоҳири ашъори Ҳофиз, ки ин ҳама майситоӣ ва майпарастӣ карда ва аз шоҳиду шоҳидбозӣ ва аз айшу аз дам ғанимат шумурдан сухан гуфтааст, ҳама ҳақиқат аст ва ҳар чӣ дар ин заминаҳо гуфта аслан фикри Ҳофиз ҳамин буда ва он ҳарфҳои орифона, ки Ҳофиз дар фалон шеър фалон назари ирфониро гуфта ё дар фалон шеъри дигар фалон мақоми ирфониро гуфта, инҳо тавҷеҳ ва таъвил аст. Касоне, ки ба шеъри Ҳофиз алоқа меварзидаанд ва Ҳофиз ва шеъри Ҳофизро дӯст доштаанд ва намехостанд Ҳофизро ба сурати як фосиқу фоҷир ва марди ринди лоуболӣ муаррифӣ кунанд, ночор омадаанд ба тавҷеҳ ва таъвили шеърҳояш пардохтаанд. На. Шеъри Ҳофиз ҳамин аст, ботину зоҳираш ҳамин аст. Аввалан, шеъри ӯ ҷиддӣ аст на тахайюл ва шеър ба маънои мантиқӣ (бар хилофи назари аввал). Ва сонияи як гуна ва якдаст аст аз аввал то охир (бар хилофи назари амсоли Броун, ки мегӯянд, дар ҳолоти мухталифи худаш гуфта ва бар хилофи назари касе, ки гуфтааст, дар ду давра аз умраш ин шеърҳоро гуфта.) Ҳама якдаст аст ва мақсуд ҳам ҳамин аст.

Як вақт мақолае — гӯё дар (рӯзномаи) "Иттилоот" — хондам. Оқои Муҳити Таботабоӣ мақолае навишта буданд таҳти унвони ин ки: "*Чӣ исроре ҳаст бар ин ки мо Ҳофизро бедин бидонем?*" Баъд шавоҳид ва адиллае торихӣ зикр карда буданд, ки ин ҷур набуда ва аслан торихи замони Ҳофиз ӯро як марди мутадайин мешиносад... Яке ду рӯз баъд дидем, ки як нафар аз ҳамин нависандагони маҷаллот мақолае навишта ва акси худашро ҳам чоп карда — ки Ҳофиз агар он аксро медид ваҳшат мекард! — ки арзиши Ҳофиз дар ҳамин исёни Ҳофиз аст, дар ҳамин аст, ки аслан пойбанди усул ва муқаррароти замони худаш — ва ба қавли ӯ, одоти замон – набуда; тамоми арзиши Ҳофиз дар ҳамин пушти по задан ба инҳо будааст.

Дар ин замина ҳам китоб хеле навиштаанд, (феълан намехоҳам исме бибарам, лузуме ҳам надорад), мақола хеле навиштаанд, дар маҷаллот зиёд роҷеъ ба Ҳофиз баҳс кардаанд ва ҳамаи қазоватҳо ҳам дар ҳамин замина будааст.

**Фарзияи панҷум: ашъори Ҳофиз ҳама орифона аст**

Назари дигар ин аст, ки шеъри Ҳофиз аз аввал то охир якдаст аст ва ҳама ҳам орифона аст ва тамоми он шеърҳое ҳам, ки дар камоли сароҳат дар заминаҳои зидди ирфонӣ гуфта шудааст, як силсила истилоҳот аст, ки урафо ва шуарои ин гуна доранд ва мақсудашон аз май, аз шоҳид, аз зулф, аз хатт, аз хол, аз ҳар чӣ ки дар ин заминаҳо ҳаст, як маъонии дигарест. Агар ба инҳо бигӯем: ба чӣ далел шумо ин ҳарфро мезанед? Хоҳанд гуфт, ки аввалан, баъзе ашъори Ҳофиз дар камоли сароҳат ва бидуни ҳеч гуна тавҷеҳе маъонии ирфониро дар ҳадди аъло гуфта, ки ҳамин қадр агар мо онро ба сурати як шеър — яъне ҳамин ҷур гуфтани танҳо — надонем ва ҷиддӣ бидонем (ки фарз бар ин аст), онҳоро дигар ба ҳеч шакл наметавонем ба маъонии ҷисмонӣ ва моддӣ тавҷеҳ кунем. Ба иборати дигар: ба қавли усулийин ва фуқаҳо, агар мо дар каломи як нафар, ки мутмаин ҳастем таноқуз нахоста бигӯяд, балки як матлабро хоста бигӯяд, матлаберо мебинем, ки зоҳираш мутаноқиз аст, агар яке зоҳир бошад ва дигаре азҳар (зоҳиртар), зоҳирро ба азҳар ҳамл мекунем, на азҳарро ба зоҳир. Яъне азҳарро қаринаи зоҳир мегирем, на зоҳирро қаринаи азҳар. Ва ба илова, худи Ҳофиз дар ашъори худаш гоҳе ба ин амр тасреҳ мекунад.

Мо Ҳофизро дурӯғгӯ, ки набояд бидонем, гоҳе худаш тасреҳ мекунад, ки шеъри ман маърифат аст, масалан:

*Шеъри Ҳофиз ҳама байтулғазали маърифат аст,*

*Офарин бар нафаси дилкашу лутфи суханаш!*

Ин ҳам албатта як назар аст. Мо он се назарро, ки рад кардем, ҳатто назари аввалро агар ёдатон бошад, арз кардам мо наметавонем далеле мантиқӣ иқома кунем бар зидди он ки Ҳофиз фақат як шоир буда ва ғайр аз шеър ҳадафе ва идеяе надошта, як санъатгар ва як наққош будааст; вале дар маҷмӯъ ашъори Ҳофиз — махсусан шеърҳои ирфонӣ ва он сӯзу гудозҳои аҷиб — як нафар ошно бо шеъри Ҳофиз наметавонад бипазирад, ки ин шеърҳо кори як санъатгари бе руҳ аст, аммо касе ҳам агар бигӯяд, ман қабул надорам, бо далел ҳам намешавад ҳарфашро рад кард.

Мо мондему ин ду баён (ки ҳар ду мӯътақид ба) якгунагии Ҳофиз ҳастанд, вале бо саду ҳаштод дараҷа ихтилоф, ё комилан аз ин тараф ва ё комилан аз он тараф. Мо аввал меравем

суроғи онҳое, ки шеъри Ҳофизро якгуна медонанд ва ҳеч гуна таъвили маънавӣ қоил нестанд. Мегӯянд, ҳамин завоҳири моддиро бояд гирифт, балки он ирфониёташ ҳама алфози бемуҳтавост. Ҳол, мо мехоҳем рӯйи ин фарзия таҳқиқ кунем, бибинем, агар мо Ҳофизро ин ҷур бидонем, чӣ аз об дармеояд. Мо, ки набояд таъассуб ба харҷ бидиҳем, шояд ҳам Ҳофиз ин ҷур буда, ҳоло агар ин ҷур буда, бибинем чӣ аз об дармеояд ва Ҳофизи ин гуна чӣ ҷур мавҷуде ҳаст?

**Нақди фарзияи чаҳорум**

Баъзе қисматҳои ин фарзия марбут мешавад ба фикри Ҳофиз, яъне ба ҷаҳонбинии Ҳофиз, ки тибқи ин фарзия як навъ ҷаҳонбинии моддӣ хоҳад буд ва ё ӯ як шаккок хоҳад буд, он ҳам шакки бисёр бисёр талхе, таҳайюри шадиде, ки бо ин шакку тардид ва таҳайюр наметавонад чизе аз рози олам бифаҳмад ва махсусан ҳар чӣ ҳам мувоҷеҳ мешавад, бештар дар ӯ талқини беимонӣ мекунад ва дар натиҷа барои ин ки аз заҳри фикрҳои масмуми худаш наҷот пайдо кунад, ба май паноҳ мебарад, ки бисёре аз майхорагон ҳамин тавр ҳастанд. Дар асари шиддати гирифторӣ, онҳое, ки ғаму ғуссаи зиёде доранд ё дар ишқ шикаст мехӯранд ё як шикастҳои дигаре, ба ҳолате дармеоянд, ки худашон барои худашон ғайриқобили таҳаммуланд, яъне ақлашон, фикрашон, андешаашон барои худашон ғайриқобили таҳаммул аст. Дар ин вақт барои ин ки ин андешаи музоҳимро аз худашон дур кунанд, ба он зидди андеша яъне "май" паноҳ мебаранд, ки даме биёсоянд, дуруст ҳамон, ки гуфт:

كَالْمُسْتَجِيرِ مِنَ الرَّمْضاءِ بِالنّار

(*Монанди касе, ки аз гармои зиёд, ба оташ паноҳ мебарад.*) Гуфт дар ҷаҳаннам ақрабҳое ҳаст, ки мардум аз онҳо ба морҳо паноҳ мебаранд.

**Ҷаҳонбинии Ҳофиз тибқи ин назария:**

**1. Ҷабригарӣ:**

Ҳамин ашхосе, ки ин фикрро доранд, яке аз чизҳое, ки дар мавзӯи Ҳофиз мегӯянд — ки қаҳран ӯро аҷиб бетоб мекарда — масъалаи ҷабригарӣ аст, яъне мӯътақид буда, ки башар ҳеч гуна ихтиёре надорад ва ҷабри мутлақ ҳукмфармост. Дар он рисолаи "*Инсон ва*

*сарнавишт*" гуфтаам, инсон вақте эҳсос кунад озод нест, ин амр хеле ранҷаш медиҳад, хусусан агар эҳсос кунад, ки ин адами озодиаш дар муқобили як қудратест, ки андешаи тахаллуф дар муқобили ӯро ҳам намешавад дар мағз роҳ дод. Мегӯянд, бисёре аз ашъори Ҳофиз мунъакискунандаи ҳамин озорест, ки аз фикри ҷабригарии худаш мебурдааст, мисли шеъри маъруфаш:

*Ризо ба дода бидеҳ в-аз ҷабин гиреҳ бигушой,*

*Ки бар ману ту дари ихтиёр нагшодаст.*

* * *

*Ман агар хораму гар гул чаманорое ҳаст,*

*Ки ба ҳар даст, ки мепарварадам, мерӯям.*

* * *

*Макун дар ин чаманам сарзаниш ба худрӯйӣ,*

*Чунон ки парваришам медиҳанд, мерӯям.*

* * *

*Дар кори гулобу гул ҳукми азалӣ ин буд,*

*К-ин шоҳиди бозорӣ в-он парданишин бошад.*

Дар ҷойи дигар шеъре мегӯяд, ки дар воқеъ мехоҳад бигӯяд, онҳое, ки ба мақомот расиданд ҳам ҳунаре накарданд, чун онҳо нарасидаанд, (балки) онҳоро расондаанд:

*Файзи Руҳулкудс ар боз мадад фармояд,*

*Дигарон ҳам бикунанд он чӣ Масеҳо мекард.*

Ё:

*Гавҳари пок бибояд, ки шавад қобили файз,*

*Варна ҳар сангу гиле луълуву марҷон нашавад.*

Шеърҳои дигаре низ ҳаст, ки он шеърҳоро далел бар ҷабрӣ будани Ҳофиз гирифтаанд.

Ҳамон тавр, ки гуфтам, фикри ҷабригарӣ худ ба худ ҳар навъ нишот ва умедеро аз инсон салб мекунад ва қаҳран натиҷаи ин фикри газандаи гудозанда ин аст, ки дар охири кор ба маю майпарастӣ ва хулоса фаромӯш кардани худ мунтаҳӣ мешавад.

**2. Ҳайрат:**

Дигар, ки боз марбут ба ҷаҳонбинии Ҳофиз мешавад, масъалаи ҳайрат аст: намедонам, намефаҳмам, сар дарнамеоварам, аз куҷо омадам ва барои чӣ инҷо ҳастам ва ба куҷо меравам:

*Аён нашуд, ки чаро омадам, куҷо рафтам?*

*Дарегу дард, ки ғофил зи кори хештанам!*

Илоҷ ва давояшро ҳам пушти сараш гуфта. Мегӯяд, ҳар роҳе рафтам (ҳикмат ва фалсафа ва мантиқ ва диёнат ва ғайра…) ҳар ҷо, ки рафтам, охираш дидам ҳайрат андар ҳайрат аст, гуфтам, ҳамаро раҳо кун, умр арзиши ин ҳарфҳоро надорад, биравем дар олами бехабарӣ.

*Аз ҳар тараф, ки рафтам, ҷуз ваҳшатам наяфзуд,*

*Зинҳор аз ин биёбон в-ин роҳи бениҳоят!*

* * *

*Чист ин сақфи баланди содаи бисёрнақш?*

*З-ин муаммо ҳеҷ доно дар ҷаҳон огоҳ нест.*

Ё дар ҳамон ғазали "*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро*" як шеъраш ин аст:

*Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,*

*Ки кас нагшуду нагшояд ба ҳикмат ин муамморо.*

* * *

*Соқиё, ҷоми маям деҳ, ки нигорандаи ғайб,*

*Нест маълум, ки дар пардаи асрор чӣ кард?*

* * *

*Вуҷуди мо муаммоест, Ҳофиз,*

*Ки таҳқиқаш фусун асту фасона.*

* * *

*Зи сирри ғайб кас огоҳ нест, қисса махон,*

*Кадом маҳрами дил раҳ дар ин ҳарам дорад?*

* * *

*Дар корхонае, ки раҳи ақлу фазл нест,*

*Фаҳми заъиф рои фузулӣ чаро кунад?*

* * *

*Бирав, эй зоҳиди худбин, ки зи чашми ману ту,*

*Рози ин парда ниҳон асту ниҳон хоҳад буд.*

* * *

*Ҳадиси чуну чаро дарди сар диҳад, эй дил,*

*Пиёла гиру биёсо зи умри хеш даме.*

* * *

*Гуфтӣ: зи сирри аҳди азал як сухан бигӯ,*

*Он гаҳ бигӯямат, ки ду паймона даркашам.*

**3. Пучигароӣ:**

Болотар, масъалаи пучигароӣ аст (*nihilism*). Ин дигар тақрибан шакку ҳайрат нест, болотар аз шакку ҳайрат аст, андаке зери сифр ҳам ҳаст:

*Ҷаҳону кори ҷаҳон ҷумла ҳеч дар ҳеч аст,*

*Ҳазор бор ман ин нукта кардаам таҳқиқ.*

* * *

*Ҳосили коргаҳи кавну макон ин ҳама нест,*

*Бода пеш ор, ки асбоби ҷаҳон ин ҳама нест.*

* * *

*Панҷ рӯзе, ки дар ин марҳала мӯҳлат дорӣ,*

*Хуш биёсой замоне, ки замон ин ҳама нест.*

*Бар лаби баҳри фано мунтазирем, эй соқӣ,*

*Фурсате дон, ки зи лаб то ба даҳон ин ҳама нест.*

**4. Инкори қиёмат:**

Ашъори дигаре Ҳофиз дорад, ки аз онҳо бӯйи инкори қиёмат фаҳмида мешавад, ки асосан маълум нест охири коре ва қиёмате бошад ва одам набояд фикрашро ба ин ҷур чизҳо мутаваҷҷеҳ кунад, мисли ин шеъри маъруфаш:

*Хуштар аз фикри маю ҷом чӣ хоҳад будан?*

*То бибинам, ки саранҷом чӣ хоҳад будан?*

*Ғами дил чанд тавон хӯрд, ки айём намонд,*

*Гӯ: на дил бошу на айём, чӣ хоҳад будан?...*

*Бода хӯр, гам махӯру панди муқаллид манююш,*

*Эътибори сухани ом чӣ хоҳад будан?*

*Дастранҷи ту ҳамон беҳ, ки шавад сарф ба ком,*

*Донӣ, охир, ки ба ноком чӣ хоҳад будан?*

Ё дар он шеъре, ки мегӯяд:

*Донӣ, ки чист давлат? Дидори ёр дидан,*

*Дар кӯйи ӯ гадоӣ бар хусравӣ гузидан.*

... то онҷо, ки мегӯяд:

*Бӯсидани лаби ёр аввал зи даст магзор,*

*К-охир малул гардӣ, аз дасту лаб газидан.*

*Фурсат шумор сӯҳбат, к-аз ин дуроҳа манзил*

*Чун бигзарем, дигар натвон ба ҳам расидан.*

Пас явмулҷамъе, ки рӯзи расидан ба якдигар аст ва явмулҳашре, ки рӯзи расидани ҳама ба якдигар аст, дар кор нест: "*Чун бигзарем, дигар натвон ба ҳам расидан.*"

То инҷо шеърҳо ҷаҳонбинии Ҳофизро тақрибан нишон медиҳад. Дар ин ҷаҳонбинӣ танҳо чизе, ки боқӣ монда, инкори Худост, ки сареҳ дида намешавад, агар на, чизҳое, ки тақрибан дар ҳамон ҳадд аст вуҷуд дорад. Инкори маъод ё худ ҳамон шак дар ин ҷиҳат, чизе аст, ки бо тавҳид ҳам созгор нест. Аз ин, ки бигзарем, меойем суроғи чизҳое, ки ба манзилаи натиҷаи ин ҷаҳонбинӣ ва ин афкор аст. Ба истилоҳ он ҷаҳонбинии ӯст, ин идеулужии ӯ. Яъне бар асоси он фикр дастуре медиҳад: ҳоло, ки кори ҷаҳон ҳеч дар ҳеч аст, ҳоло, ки ҷабри мутлақ аст, ҳоло, ки сар аз асрори кавн намешавад даровард, ҳоло, ки аслан кӣ медонад мо дар як вақте ба ҳамдигар мерасем ё намерасем, ва балки гоҳе ба сурати ҷазм мегӯяд, аслан думартаба ба ҳамдигар нахоҳем расид, ин усули ҷаҳонбинӣ, ки муҳраз шуд, ҳоло вақти натиҷагирӣ аст.

**Идеулужии Ҳофиз тибқи он назария:**

**а) Дам ғанимат шумурдан:**

Яке аз натиҷагириҳо он чизест, ки Ҳофиз ба сурати “дам” баён мекунад, камо ин ки ин масъалаи “дам” дар шеъри Хайём ҳам зиёд аст, ки дамро — яъне замони ҳолро — ғанимат бишумор, на фикри гузашта бикун, на фикри оянда, на ғуссаи гузаштаро бихӯр, ки чаро чунин шуд ва на ғуссаи оянда. Фикри гузашта ва фикри оянда туро аз айши нақд бозмедорад ва барои ин ки ҳаддиаксари истифодаро аз ин умри муваққати кӯтоҳ бибарӣ, на фикри гузашта кун (ва) на фикри оянда, дам ғанимат бишумор. Ва чӣ қадр дар шеъри Ҳофиз ин масъалаи ҳолу дам омада:

*Эй дил, шабоб рафту начидӣ гуле зи айш,*

*Пиронасар макун ҳунаре нангу номро.*

*Дар айши нақд кӯш, ки чун обхӯр намонд,*

*Одам биҳишт равзаи доруссаломро.*

* * *

*Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,*

*Ман чаро мулки ҷаҳонро ба ҷаве нафрӯшам?*

* * *

*Хуштар зи айшу сӯҳбату боғу баҳор чист?*

*Соқӣ куҷост, гӯ, сабаби интизор чист?*

*Ҳар вақти хуш, ки даст диҳад, мугтанам шумор,*

*Касро вуқуф нест, ки анҷоми кор чист?*

Инҷо боз масъалаи анҷоми кору қиёмат ҳам ҳаст.

*Гар зи масҷид ба харобот шудам, хурда магир,*

*Маҷлиси ваъз дароз асту замон хоҳад шуд.*

Мегӯяд, пойи ваъзи воизро раҳо кардем, он дер намешавад, фикри он чизе бош, ки вақташ мегузарад.

*Эй дил, ар ишрати имрӯз ба фардо фиканӣ,*

*Мояи нақди бақоро кӣ замон хоҳад шуд?*

Нақдро, ки одам ба насия намефурӯшад.

*Моҳи шаъбон манеҳ аз даст қадаҳ, к-ин хуршед,*

*Аз назар то шаби иди рамазон хоҳад шуд.*

*Гул азиз аст ғанимат шумуредаш сӯҳбат,*

*Ки ба боғ омад аз ин роҳу аз он хоҳад шуд.*

Дар ҷойи дигар — ки аз он ғазалҳои бисёр олии Ҳофиз аст — мегӯяд:

*Сабо ба таҳнияти пири майфурӯш омад,*

*Ки мавсими тарабу айшу нозу нӯш омад.*

*Ҳаво Масеҳнафас гашту бод нофагушой,*

*Дарахт сабз шуду мурғ дар хурӯш омад.*

*Танӯри лола чунон барфурӯхт боди баҳор,*

*Ки ғунча ғарқи арақ гашту гул ба ҷӯш омад.*

Шеърҳои баъдаш хеле олӣ ва аҷиби ирфонист, онҳоро дар ҷойи худаш хоҳам гуфт.

*Соқиё, ишрати имрӯз ба фардо мафикан,*

*Ё зи девони қазо хатти амонӣ ба ман ор!*

Ё як нома аз онҷо биёвар, ки ин вақт талаф намешавад, ивазашро медиҳанд.

*Эътимоде нест бар кори ҷаҳон,*

*Балки бар гардуни гардон низ ҳам.*

*Ошиқ аз қозӣ натарсад, май биёр,*

*Балки аз ярғуи девон низ ҳам.*

"Ярғу" истилоҳе муғулӣ буда, ки барои адлия ва истинтоқ ва ин ҳарфҳо мегуфтанд.

Болотар аз ин, аз баъзе шеърҳои Ҳофиз комилан истифода мешавад, ки ӯ ин масъалаи айши нақд ва ин ҳарфҳоро як навъ лоуболигарӣ ва лоқайдигарии хоссе тавҷеҳ мекунад, ба шакли аҷибе. Тавзеҳ ин ки: Ҳофиз дар зиндагиаш маълум нест, ки чӣ кора будааст. Ағлаб аз ҳамон муқаддимае, ки Муҳаммади Гуландом навиштааст, истинбот мекунанд. Як ҷумлае онҷо ҳаст, ки нусхаҳо мутаъаддид навишта ва ба ду таъбир гуфтаанд. Аз як таъбир истифода мешавад, ки шуғли давлат доштааст. Мегӯяд, ӯ намерасид, ки девони худашро танзим кунад, аз шиддати иштиғол ба мутолеаи "Кашшоф" ва "Мисбоҳ" ва "Матолеъ" ва "Мифтоҳ" ва ғайра… Баъд як ҷумлае дорад, ки ин ҷумларо нусхаҳо мутаъаддид

навиштаанд. Бино бар як таъбир, мерасонад, ки шуғли давлат дошта, вале албатта ҳеч маълум нест, ки ин тавр бошад. Аз баъзе шеърҳои Ҳофиз маълум мешавад, ки ин масъалаи "дам ғанимат шумурдан" фақат марбут ба худаш ҳам нест, дуруст мисли ин кормандҳои лоуболии давлат, ки як моҳ мераванд кормандӣ мекунанд, мунтазири аввали моҳанд, ки биёяд, то ҳуқуқро мегиранд (ва) чанд рӯза онро сарфи айёшӣ мекунанд ва баъд то охири моҳ бо ҷайби холӣ мегузаронанд. Мегӯяд:

*Расид мужда, ки омад баҳору сабза дамид,*

*Вазифа гар бирасад, масрафаш гул асту набид.*

Ва назири ин боз ҳам ҳаст.

Ҳоло бибинед, Ҳофизе, ки инҳо сохтаанд, чӣ мактабе ба мо таҳвил медиҳад ва мо аз ӯ чӣ метавонем биёмӯзем?!

**б) Шоҳидбозӣ:**

Яке дигар аз он чизҳое, ки истифода мешавад, масъалаи шоҳидбозӣ аст. Дар девони Ҳофиз "шоҳид" зиёд омада, шаробу шоҳид ин қадр омада, ки иломошоаллоҳ, ки дигар эҳтиёҷе надорад намуна биёварем; мисли калимаи маю майпарастӣ ва ин чизҳост, ки он ҳам ин қадр ҳаст, ки дигар эҳтиёҷе ба ин ки мо шеъре бихоҳем барояш бихонем нест.

Инҳое, ки Ҳофизро ба ин шакл тавҷеҳ кардаанд, мегӯянд: бале, Ҳофиз шоҳидбоз буда, аҳли ишқ буда ва бояд ҳам бошад. Ва баъзе, корро ба онҷо расондаанд, ки ҳатто хусусиёти ишқбозиҳои Ҳофизро ҳам хостаанд аз рӯйи шеърҳояш ба даст оваранд. Яке аз ҳамин нависандагони ин гуна, дар китобе, ки ахиран мунташир шуда, чунин истинбот кардааст, ки Ҳофиз дар масъалаи ишқу зану ин ҳарфҳо хулоса он шаҳоматеро, ки як одами ҷасур бояд дошта бошад, надошта. (Мегӯянд:

اَلحَياءُ مانِعُ الرِّزْق

Хиҷолатӣ будан хулоса монеъи расидан аст, одам агар бихоҳад бирасад бояд пуррӯ ҳам бошад). Ӯ чунин истинбот карда, ки Ҳофиз дар масъалаи зан камрӯ буда, ҳам як дили пуришқе дошта ва ҳам он ҳолати ҷасуриро надошта ва занҳо ҳам аз ин ҷур мардҳо бадашон меояд, зан ҳам мардеро мехоҳад, ки ҷасур ва пуррӯ бошад. Ва аз ин ҷиҳат ин бечора ҳамеша

дар сӯзу гудоз буда ва камтар ба ишқи худаш мерасидааст. Ва ӯ чунин истинбот карда, ки гоҳе занҳо ҳам сар ба сари ӯ мегузоштанд.

Вале дар инҷо матлаби дигаре ҳаст, ки ҳамаи муфассирони ин гунаи Ҳофиз сукут кардаанд. Ва он ин аст, ки аслан оё дар ҳамаи девони Ҳофиз далеле ҳаст, ки он шоҳиде, ки Ҳофиз мегӯяд, зан буда? Оё зан буда ё бачча буда? Дар бораи ин, дигар ин муфассирон сукут кардаанд. Иттифоқан, агар бино бошад, ки тафсири ҳамин завоҳирро бигирем, бидуни шак шоҳиди Ҳофиз бачча буда ва асосан якҷо ҳам мо далел надорем, ки шоҳиди Ҳофиз зан буда… Дар баъзе ашъораш таъбири "муғбачча" дорад. Ин дигар ҳеч гуна тавҷеҳе надорад:

*Гар чунин ҷилва кунад муғбачаи бодафурӯш,*

*Хокрӯби дари майхона кунам мижгонро.*

Ҷойи дигар мегӯяд:

*Эй нозанин писар, ту чӣ мазҳаб гирифтаӣ,*

*К-ит хуни мо ҳалолтар аз шири модар аст?*

Дар як шеъри маъруфаш, ки Шерозро мадҳ мекунад — ки маълум мешавад он бачча ҳам шерозӣ буда — мегӯяд:

*Хушо Шерозу вазъи бемисолаш,*

*Худовандо, нигаҳ дор аз заволаш*!

… то онҷо, ки мегӯяд:

*Гар он ширинписар хунам бирезад,*

*Дило, чун шири модар кун ҳалолаш!*

Дар баъзе ашъори дигараш аз қаринаи узору хатту қабову ғайра… маълум мешавад, ки агар бино бошад ҳамин завоҳирро бигирем, он шоҳид писар будааст, як чизҳои писаронаро зикр мекунад, ки ҳеч духтарона нест, масалан мегӯяд:

*Бигушо банди қабо, то бигушояд дили ман,*

*Ки гушоде, ки маро буд, зи паҳлӯи ту буд.*

Ё мегӯяд:

*Бигушо банди қабо, эй маҳи хуршедкулоҳ,*

*То чу зулфат сари савдозада дар по фиканам.*

* * *

*Маҷмаи хубиву лутф аст узори чу маҳаш,*

*Лекинаш меҳру вафо нест, Худоё, бидеҳаш!*

*Дилбарам шоҳиду тифл асту ба бозӣ рӯзе*

*Бикушад зораму дар шаръ набошад гунаҳаш.*

Тифл ноболиғ ҳам ҳаст. Инҳоро дар бораи зан мусаллам касе намегӯяд, чун зани ноболиғ — яъне аз 9 сол камтар — ки мавзӯи ишқ нест, ин мусаллам писари 14-сола аст, маҳбуби 14-сола.

*Зи хатти ёр биёмӯз меҳр бо рухи хуб,*

*Ки гирди орази хубон хуш аст гардидан.*

“Ориз” (ё ораз) ҳамон мӯйест, ки тоза дар рӯйи тозаҷавон мерӯяд.

*Дил бад-он руди гиромӣ, чӣ кунам, гар надиҳам?*

*Модари даҳр назояд писаре беҳтар аз ин.*

* * *

*Хатти узори ёр, ки бигрифт моҳ аз ӯ,*

*Хуш ҳалқаест, лек бадар нест роҳ аз ӯ.*

* * *

*Омад афсӯскунон муғбачаи бодафурӯш,*

*Гуфт: бедор шав, эй раҳрави хоболуда!*

* * *

*Падари таҷриба, эй дил, туӣ, охир, зи чӣ рӯй*

*Тамаъи меҳру вафо з-ин писарон медорӣ?*

Гуфтем, дар ҳеч ҷойи шеъри Ҳофиз қаринае бар ин ки ба номи зан тағаззул карда бошад нест. Албатта, баъзе ғазалҳои Ҳофиз ҷуре аст, ки маъшуқ ба таври куллӣ қобили татбиқ аст, аъам аз зану ғайра… Дар яке аз ҳамин китобҳое, ки дар ин заминаҳо навиштаанд ва зан будани маъшуқи Ҳофизро хеле мусаллам гирифта, навиштааст: Ҳофиз дар ишқ марди муваффақе набудааст, ба далели ин ки дар шеърҳояш хеле зорӣ сар медиҳад, масалан мегӯяд:

*Дуои гӯшанишинон бало бигардонад,*

*Чаро ба гӯшаи чашме ба мо наменигарӣ?*

Ҳоло ман баъд мегӯям, ки ин шеърҳое, ки ин худонашиносҳо ба ин заминаҳо ҳамл кардаанд, дар дохили чӣ ғазалҳоест, дар чӣ авҷе аз ирфон, ва инҳо хиҷолат накашидаанд — аз чӣ бигӯям — аз илм, аз фарҳанг, аз адаб ва ин чарандҳоро қолаб кардаанд. Ё масалан гуфтааст:

*Нозпарварди танаъум набарад роҳ ба дӯст,*

*Ошиқӣ шеваи риндони балокаш бошад.*

Лобуд аз назари ӯ, ин ҳам далел бар ин аст, ки ӯ ҳамеша худаш наметавониста хулоса роҳ пайдо кунад.

*Сирри савдои ту дар сина бимондӣ пинҳон,*

*Чашми тардоман агар фош накардӣ розам.*

Ман наметавонистам худам изҳор кунам, билохира ин гиря маро расво кард. Ва аҷиб ин аст, ки мегӯяд, Ҳофиз дар муқобили зебоиҳо дасту пойи худашро гум мекарда, дар ин ҷиҳат дар ишқбозӣ бе шахсият буда:

*Ба лоба гуфтамаш: эй моҳрух! Чӣ бошад агар*

*Ба як бӯсае зи ту, дилхастае биёсояд?*

*Ба ханда гуфт, ки: Ҳофиз, Худойро railписанд,*

*Ки бӯсаи ту рухи моҳро биёлояд.*

Мегӯяд, ки гоҳе занон Ҳофизро даст меандохтанд, барои ин ки мегӯяд:

*Ба ишва гуфт, ки Ҳофиз, гуломи табъи ту(в)ам,*

*Бибин, ки то ба чӣ ҳаддам ҳамекунад таҳмиқ.*

Баъд мегӯяд, як зани дигаре, ки мефаҳмида Ҳофиз ошиқи ӯст, сар ба сари ӯ мегузошта ва ин ҷур ба ӯ мегуфта:

*Гуфтам: оҳ аз дили девонаи Ҳофиз бе ту!*

*Зери лаб хандазанон гуфт, ки: девонаи кист?*

Ҳоло мефаҳмад, ки ман девонаи ӯ ҳастам, ин ҷур маро зери лаб масхара мекунад, ки агар ин тавр ҳамл кунем, бояд Ҳофизро хулоса шикорчии мурғи хонагӣ ҳам бидонем, яъне зане, ки инҷо суроғашро гирифта, зани шавҳардор буда, барои ин ки дар матлаъи ин ғазал мегӯяд:

*Ё Раб, ин шамъи дилафрӯз зи кошонаи кист?*

*Ҷони мо сӯхт, бипурсед, ки ҷононаи кист?*

Пас, ҳатман зане ҳам агар буда, зани шавҳардор буда.

Ин ҳам як мавзӯъ.

Бинобар ин, аз он се унсури ҷаҳонбинии Ҳофиз, мо расидем ба як унсури идеулужик ва дастурӣ, ки масъалаи шоҳидбозӣ буд, он ҳам шоҳидбозӣ ба ин шакл.

**в) Гадоӣ ва дарюзагӣ:**

Дастури дигари ҷаноби Ҳофиз гадоӣ ва дарюзагист (чун биност мо дигар таъвилу тавҷеҳ накунем). Гуфт: "*Гадоӣ кун, то мӯҳтоҷи халқ нашавӣ!*" Беҳтарин роҳ гадоист дар дунё. (1) Масалан: дар он ғазалаш мегӯяд (ҳоло агар шеърҳои қаблу баъдашро бихонам, мефаҳмед, ки чизи дигаре мегӯяд, аммо чорае надорам бояд бигӯям):

*Бар сари онам, ки гар зи даст барояд,*

*Даст ба коре занам, ки гусса сар ояд.*

*Хилвати дил нест ҷойи сӯҳбати аздод,*

*Дев чу берун равад, фаришта дарояд.*

*Сӯҳбати ҳукком зулмати шаби ялдост,*

*Нур зи хуршед ҷӯй, бу, ки барояд.*

*Бар дари арбоби бемурувввати дунё,*

*Чанд нишинӣ, ки хоҷа кай бадар ояд?*

*Тарки гадоӣ макун, ки ганҷ биёбӣ*

*Аз назари раҳраве, ки дар гузар ояд.*

Ин ғайр аз ин нест, ки мегӯяд, мардум дар гузари роҳ меравaнд, биншин гадоиро раҳо накун, як вақт мебинӣ як одаме меояд онҷо як пуле ба ту медиҳад, ки то охири умр хиёлат роҳат мешавад.

Ин ҳам яке аз аносури ин гунаи шеъри Ҳофиз аст: таблиғи фақру гадоӣ, фақр на фақат ба маъноИ бечизӣ, балки ба маънои дарвешӣ. Яъне дарвеширо, ки таблиғ карда, дарвешӣ ба маънои фақрро таблиғ карда ва илова бар ин, дарвешӣ ба маънои гадоӣ ва дарюзагиро ҳам ин ҷаноб таблиғ кардааст. Агар инсон ҷаҳонбинияш он бошад, идеулужиаш ҳам билохира

ба ҳаминҷо мунтаҳӣ мешавад, чун воқеан агар инсон бихоҳад шарофат ва ҳайсияти худро аз даст бидиҳад, даромади гадоӣ аз хеле даромадҳо бештар аст.
Баъзе гадоҳо ба андозаи як устоди донишгоҳ даромад доранд.

**г) Маддоҳӣ:**

Яке дигар аз он чизҳое, ки дар ашъори Ҳофиз ҳаст, ки ба ақидаи ман муаммотарин унсур дар ашъори Ҳофиз аст, маддоҳиҳои Ҳофиз аст. Шояд дар ҳамаи девони Ҳофиз чиҳил панҷоҳто мадҳ ва ё бештар (ман нашумурдаам, вале шумурдаанд) пайдо мешавад ва баъзе аз ин мадҳҳо дар ҳаддест, ки (иғроқ шумурда мешавад.) Ин ҳам аз он чизҳоест, ки муфассирони Ҳофиз дар борааш сукут доранд, чун аз назари онҳо қобили тавҷеҳ нест ва воқеан ҳам тавҷеҳаш хеле мушкил аст.
Оқои Анҷавии Шерозӣ, ки девони Ҳофизро чоп кардаанд ва муқаддимаи хубе ҳам бар он навиштаанд, дар якҷо мадҳи Ҳофизро ҳамл мекунанд ба мадоро, ки дар он замон ҳукком ҷобир ва ҷаббор буданд ва Ҳофиз барои ин ки ин миқдор озодӣ дошта бошад, ки ғазалҳояшро бигӯяд, гоҳе ҳам луқмае ҷилави онҳо меандохта, ки даҳони онҳоро бибандад.
Баъзе дигар гуфтаанд: дӯстдорон ва алоқамандони Ҳофиз моил набуданд, ки нӯки қалами Ҳофиз олуда шавад ба мадҳи афроде назири Шоҳ Шуҷоъ ва Абӯисҳоқ (махсусан Шоҳ Шуҷоъ, ки як одами ноаҳле буда) ва баъзе дигар, вале мутаассифона олуда шуда.
Аммо масъалаи нӯки қалам матраҳ нест. Агар мадоеҳи Ҳофиз тавҷеҳ нашавад ва агар роҳи ҳалле барояш пайдо нашавад, на танҳо нӯки қалами Ҳофиз олуда аст, сар то пойи Ҳофиз олуда аст.
Ҳоло ман яке аз онҳоро бароятон мехонам, аз навъи мадҳҳоест, ки улуми адабӣ онҳоро иғроқ ва муболиға медонад, дар сарҳадде, ки барои як шоир ин гуна сухан гуфтанро ҷоиз намедонанд. Масалан: Ибнул-муътазз (ё шоири дигаре) хитоб ба яке аз хулафо ва ҳуккоми замони худаш мегӯяд:

ما شِئْتَ لا ما شاءَ تِ الْأَقْدارُ
فَاحْكُمْ، فَاَ نْتَ الْواحِدُ الْقَهّارُ

Инро ҳама ба ӯ айб гирифтаанд, ки ин ҳарф чаранд ва музахраф аст. Масалан Ҳофиз мегӯяд (ин шеър ҳатто дар нусхаи Қазвинӣ ҳам ҳаст):

*Қасам ба ҳишмату ҷоҳу ҷалоли Шоҳ Шуҷоъ,*

*Ки нест бо касам аз баҳри молу ҷоҳ низоъ.*

Ин таъбир ҷуз дар мавриди Худо ба кор намеравад. Як нафар мусалмон ҳеч вақт ҳозир нест ба Пайғамбар ин ҷур қасам бихӯрад, бигӯяд: қасам ба ҳишмату ҷоҳу ҷалоли Пайғамбар, қасам ба ҳишмату ҷоҳу ҷалоли Алӣ. Ин таъбирот, қасамест, ки дар мавриди Худо ба кор бурда мешавад. Он вақт одам дар бораи як марди чунину чуноне, ки ин қадр дар борааш навиштаанд, чунин бигӯяд!

Дарюзагӣ ҳам, ки биност тибқи фарзияи мавриди баҳс ҷузъи таълимоти Ҳофиз бошад, боз дар ҳамин ғазал ҳаст:

*Ба файзи ҷуръаи ҷоми ту ташнаем, вале*

*Намекунем далерӣ, намедиҳем судоъ.*

Асбоби заҳмат намешавем, вале эҳтиёҷ дорем. Ҳоло охирашро бибинед:

*Ҷабину чеҳраи Ҳофиз Худо ҷудо макунод,*

*Зи хоки боргаҳи кибриёи Шоҳ Шуҷоъ.*

Ин дигар ба назари ман авҷи иғроқ ва авҷи пастӣ ва даноат аст. Марде, ки рӯйи ҳисоби тавҳид, ҳеч ширкеро муҷоз намедонад, чунин сухане бигӯяд! Чаро ориф ин ҳама бо зоҳиди риёкор душман аст? Чун ориф худашро дар тавҳид ҳассос нишон медиҳад, яъне ғаюр дар тавҳид аст. Ва Ҳофиз ҳам, ки ин ҳама душманӣ бо риёкорӣ нишон медиҳад, дар воқеъ мехоҳад ғайрати тавҳиди худашро нишон бидиҳад, он вақт чунин одаме чӣ гуна меояд чунин ҳарферо мезанад:

*Ҷабину чеҳраи Ҳофиз Худо ҷудо макунод,*

*Зи хоки боргаҳи кибриёи Шоҳ Шуҷоъ.*

Гадоӣ ва дарюзагиро шумо замима кунед ба тамаллуқ ва чоплусӣ, он ҳам дар ҳадди аълои он, маҷмӯан чӣ мешавад?!

То инҷо он ҷаҳонбинӣ бино бар он тафосир ва ин ҳам идеулужӣ ва дастуруламалҳо бар асоси он. Вақте ки одам умеде ба даргоҳи Худо надошта бошад, ҳама чизашро ҳеч дар ҳеч ва бефоида бидонад, билохира бандаи Шоҳ Шуҷоъ мешавад. Инсон вақте ки аз бандагии Худо бибурад, ночор бояд бандаи Шоҳ Шуҷоъ бишавад.

Пас, то инҷо гуфтем, агар мо бихоҳем Ҳофизро тафсир кунем бар асоси он чӣ ин муфассирон (-и Хуонашнос) гуфтаанд, ки мо бояд ҳамон завоҳири моддии шеъри Ҳофизро бигирем ва ҳамонро маноти (милоки) Ҳофизшиносии худамон қарор бидиҳем ва мактаби Ҳофизро ҳамон бидонем, Ҳофиз ҳамин дармеояд, ки арз кардам. (Ҳанӯз аносури дигаре ҳам дар ин заминаҳо дорад, ки дигар арз намекунам).

Ҳоло шумо бибинед, як чунин одаме — гирам девонаш аз назари шеърӣ ва ҳунарӣ дар авҷ бошад, яъне болотарин шеър бошад — аслан арзиш дорад касе исмашро дар ҷомеае бибарад? Чӣ қадр он ҷомеаро фосид мекунад?! Ҷабригарой ва ҳайрат ва тардиду шакку инкори ҳашру қиёмат ва ҳисобу китоб ва дар натиҷа ба айши нақд часпидан ва фикри гузашта ва оянда накардан ва баччабозӣ кардан ва гадоӣ ва дарюзагӣ кардан ва тамаллуқ ва чоплусӣ. Бино бар ин мантиқ, воқеан Ҳофиз нанге хоҳад буд барои эронӣ ва мусалмон ва забони форсӣ, ва болотарини нангҳо…

Ҳоло биёем бибинем дар бораи он назарияи дигар чӣ метавонем бигӯем? Оё ин шеърҳои Ҳофиз тавҷеҳе дорад? Яъне воқеан Ҳофиз ҷабригаро набудааст? Ҳофиз мутаҳайир ба он маъно набудааст? Ҳофиз мункири қиёмат набудааст? Ҳофиз аз "айши нақд" мақсуди дигаре дошта? Аз "шоҳид" мақсуди дигаре дошта?.. Оё чунин чизе ҳаст ё на? Агар ҳаст, ба чӣ далел? Қароин ва далоиле дар кор ҳаст ё на? Албатта, ман намехоҳам иддаъо кунам, ки ҳар ғазале аз ғазалҳои Ҳофизро калима ба калима мешавад (тавҷеҳ кард), вале ин қадр қароин ҳаст, ки агар аҳёнан як шеъре ҳам бошад, ки нашавад бо қарина тавҷеҳ кард, ба далели ҳамаи ашъори дигар, он ҳам вазъаш равшан хоҳад шуд. Баъд арз хоҳем кард, ки шояд дар аксари ғазалҳои Ҳофиз, ки шеърҳои ин гуна дорад, худаш дар ҳамон шеърҳо қароине оварда, ки мақсуди ӯро равшан мекунад.

Ин қисмат аз баҳси мо инҷо тамом шуд, вале баҳси мо тамом нашуд. Тоза бояд вориди асли баҳси худамон бишавем, роҷеъ ба ирфони Ҳофиз, яъне он мактаби дигаре, ки Ҳофизро он тавр медонад, ва қароине, ки инҷо ҳаст, ки он қароин ин ашъори Ҳофизро тавҷеҳ мекунад, ва он гоҳ ирфониёти Ҳофиз.

* * *

***Поварақӣ:***

*(1) Инҳоро албатта ин муфассирон намегӯянд, вале ман мегӯям. Инҳо чун мехоҳанд аз Ҳофиз тавҷеҳе барои майхорагии худашон пайдо кунанд, фақат ҳамон шеърҳои майхорагиро меоваранд, дар бораи шеърҳои дигар сукут мекунанд. Ман мегӯям, агар биност, ки мо ба завоҳири ашъори Ҳофиз амал кунем, яъне онҳоро бар мақсудаш ҳамл кунем, мактаби Ҳофиз ин аст, дастураш танҳо майхорагӣ ва шак дар қиёмат ва ин ҳарфҳо набуда, онҳо инро ҳам натиҷа дода. Ин Ҳофизе, ки ифтихори Эрон аст, ҷаҳонбиниаш он буда, дастурҳояш ҳам ин буда.*

* * *

Он чӣ дар ҷаласоти пеш баҳс кардем, дар воқеъ ҷанбаи муқаддимӣ дошт барои он чӣ ки аз ин ба баъд мехоҳем баҳс кунем… Ва арз кардем, аз вақте ки Ҳофиз аз дасти ҳамтипҳои худаш (урафо) хориҷ шуда ва ба дасти удабо ва адабиётиҳо ва бадтар ба дасти рӯзноманависҳо афтода, аслан масх шуда ва як чизи дигар аст…

Албатта лозим буд ва ҳаст, ки мо он силсила баёнотеро, ки дар Ҳофиз ҳаст, ки ҳамонҳо сабаб шуда — ва ё лоақал баҳонае ба даст медиҳад барои афроде — ки Ҳофизро он чунон тафсир кунанд, тавзеҳ диҳем, ки чӣ гуна аст? Оё ин ҳайрате, ки дар Ҳофиз аст, мақсуд чист? Ҳамин чизест, ки инҳо мегӯянд? Оё воқеан Ҳофиз як инсони ҷабригаро буда?.. Оё дар боби маю маъшуқ, шаробу шоҳид, мақсудаш чӣ буда ва чӣ ҳадафе аз ин суханон дошта? Он масъалаи нақдгароӣ ва бадбинӣ ба оянда, манзураш чист? Мо дидем, ҳамаи инҳо дар калимоти Ҳофиз буд, ва ҳатто маъоние аз қабили даъвати сареҳ ба гадоӣ ва дарюзагӣ. Мақсудаш аз инҳо чист? Ва дар бисёре аз ҷоҳо он равиши ба истилоҳ язидигарӣ яъне муқоиса кардан миёни ин айёшиҳои зоҳирӣ ва ибодот ва баъд тарҷеҳ додани инҳо бар онҳо ва таҳқири онҳо, ҳамаи ин мазомин дар ашъори Ҳофиз ҳаст…

Қаблан арз кардаем, ки ирфон ду ҷанба дорад: яке, ҷанбаи назарӣ ва дигар ҷанбаи амалӣ. Ҷанбаи назарии он, ҷаҳонбинии ирфонист. Ирфон дар муқобили ҳамаи мактабҳои фалсафии ҷаҳон, аз худ як ҷаҳонбинии хоссе дорад, яъне як диди хосс дар бораи ҳастӣ дорад, ки бо диди ҳар типе аз типҳои фалосифа мухталиф аст. Инро истилоҳан мегӯем "ирфони назарӣ". Қисмати дуввуми ирфон, ирфони амалӣ аст. Ирфони амалӣ яъне тариқат ба истилоҳ, сайру сулуки инсон ба сӯйи ҳақиқат, ба сӯйи Худо, ки ин худаш як навъ равоншиносии хоссест, ки лоақал ба ақидаи худи инҳо, то касе вориди ин аволим набошад,

наметавонад онҳоро дарк кунад. Дарки ин мароҳил аз ӯҳдаи як файласуф ё як олим ё як равоншиноси оддӣ, ки мехоҳад бо миқёсҳои оддӣ таҳқиқ кунад, хориҷ аст. Ирфони назарӣ бе шабоҳат ба фалсафа нест, ҷаҳонбинӣ аст, мунтаҳо ҷаҳонбиние, ки асли бинишаш биниши ишроқӣ ва қалбӣ ва маънавӣ аст; баёнаш баёни фалсафӣ аст, на ин ки бинишаш ҳам биниши фалсафӣ аст. Биниш, биниши ишроқӣ аст, мунтаҳо баъдҳо ба баёни файласуфона даровардаанд, ки арз кардем касе ки ин корро дар ҷаҳони ислом кард ва дигарон дунболи ӯро гирифтанд, Муҳйиддини Арабӣ аст. Аз замони ӯст, ки ҷаҳонбинии ишроқӣ ва маънавии ирфони як навъ баёни фалсафӣ пайдо кард. Акнун мо усули ҷаҳонбинии ирфониро арз мекунем.

**Усули ҷаҳонбинии ирфонӣ**

Меҳвари ҷаҳонбинии ирфонӣ ”ваҳдати вуҷуд” аст. Ин нуктаро махсусан таваҷҷӯҳ бифармоед (ин иштибоҳро хелеҳо кардаанд): чун баёни фалсафии ваҳдати вуҷуд дар давраҳои мутааххиртар пайдо шуда (ҳамон тавр ки арз кардам, ба василаи Муҳйиддин ва шогирдонаш пайдо шуд, яъне қаблан номе аз ваҳдати вуҷуд ва аз ин истилоҳ дар миёни урафо набуд.) Баъзе хиёл кардаанд, ки дар ирфон қабл аз Муҳйиддин аслан ваҳдати вуҷуд набуда ва ба қавли бархе, ваҳдати шуҳуд буда, на ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати вуҷуд асосан як фикрест, ки баъдҳо пайдо шуда.

Вале ин дуруст нест. Қабл аз Муҳйиддин ҳам ваҳдати вуҷуд буда, мунтаҳо ба номи “ваҳдати вуҷуд” набуда, урафои дигар онро ба баёни дигар зикр мекарданд бидуни он ки номи “ваҳдати вуҷуд” ба он бидиҳанд, на сирфи ваҳдати шуҳуд аст ва на (бо номи) ваҳдати вуҷуд; мунтаҳо ваҳдати вуҷуд баёни фалсафии ҳамон матлабест, ки инҳо аз қадим дар бинишҳои худашон ба он мӯътақид будаанд, ки ин худаш як достонест агар бихоҳем бо касоне, ки чунин хиёле кардаанд баҳс кунем. Масалан: Аттор таҳти таъсири Муҳйиддин нест, чун тақрибан муосир бо Муҳйиддин аст ва шояд каме ҷилавтар аз Муҳйиддин бошад ва ба фарзи ин ки муосир бо Муҳйиддин бошад, фалсафа ва фикри Муҳйиддин ба ӯ нарасида буд. Агар касе осори Атторро бихонад, мебинад ваҳдати вуҷуд бидуни он ки номи он омада бошад, ба шиддат дар калимоти Аттор омадааст. Асос ва меҳвари биниши ирфонӣ, ҳамон

ваҳдати вуҷуд аст. Ин яке. (Ин усулро мо фақат бармешуморем, вале баъд ба тафсил баён мекунем).

Яке дигар, масъалаи ваҳдати таҷаллӣ аст, яъне ин ки ҷаҳон бо як таҷаллии Ҳақ ба вуҷуд омадааст, дар муқобили назарияи фалосифа ва мутакаллимин, ки ба шакли дигар аст. Баъд тавзеҳ медиҳем.

Масъалаи дигар дар ҷаҳонбинии ирфонӣ ин аст, ки рози хилқати ҷаҳон (онҳо "хилқат" таъбир намекунанд, "таҷаллӣ" таъбир мекунанд) ишқ аст, ҷаҳон аз ишқ ба вуҷуд омада ва бо нерӯи ишқ бозмегардад. Инҳо такя мекунанд бар як ҳадиси қудсӣ, ки:

**كُنْتُ كَنْزاً مَخْفِيّاً فَاَحْبَبْتُ اَنْ اُعْرَفَ فَخَلَقْتُ الْخَلْقَ لِكَىْ اُعْرَفَ**

(*"Ганҷе пинҳон будам, пас дӯст доштам, то шинохта бишавам, (ба ҳамин ҷиҳат) халқро офаридам, то шинохта бишавам."*) Ва ин матлабро, ки "فَاَحْبَبْتُ اَنْ اُعْرَفَ" (яъне аслан инки ман хостам халқ кунам, чун мехостам, ки маъруф бошам) пояи ҳарфҳояшон қарор додаанд ва хеле суханон дар ин замина гуфтаанд, дар сурате ки мо медонем дар баёни фалосифа, ҳатто фалосифаи илоҳӣ, масъалаи илм матраҳ аст, илми иноӣ, ва дар воқеъ дар онҷо боз ақл ва илм нақши худашро бозӣ мекунад, аммо дар ирфон ишқ нақши асосиро дар хилқат бозӣ мекунад.

Масъалаи дигар, ҳаёт ва тасбеҳи умумии мавҷудот ва ба таъбири онҳо, сараёни ишқ дар ҷамиъи мавҷудот аст. Заррае дар ҷаҳон нест, ки аз он чӣ ки онҳо "ишқ ба Ҳақ" меноманд, холӣ бошад.

Масъалаи дигар адл ва зебоӣ ва тавозуни комили ҷаҳон аст. Албатта ин "ҷаҳон", ки онҳо мегӯянд, он тавре ки мо муғойир бо зоти Ҳақ мебинем, онҳо намебинанд, онро ба шакли дигаре муаррифӣ мекунанд, ки баъд арз мекунам, вале ба ҳар ҳол ҷуз ҷамол ва зебоӣ ва ҷуз адл дар ҷаҳон чизи дигаре ҳукмфармо нест, яъне олам мазҳари ҷамол ва ҷалоли Ҳақ аст ва нақс ва набоистанӣ дар кори ҷаҳон вуҷуд надорад.

Масъалаи дигар бозгашти ашё ба Ҳақ аст. Ашё аз ҳамон мабдае, ки ба вуҷуд омадаанд, аз ҳамонҷо, ки омадаанд, ба ҳамонҷо бозмегарданд, маъод дар таъбири ирфонӣ. Дар ин замина, Мавлавӣ шеъри хеле хубе дорад, мегӯяд:

*Ҷузвҳоро рӯйҳо сӯйи кул аст,*

*Булбулонро ишқ бо рӯйи гул аст…*

*Он чӣ аз дарё ба дарё меравад,*

*Аз ҳамон ҷо, к-омад, он ҷо меравад.*

*Аз сари кӯҳ селҳои тезрав*

*В-аз тани мо, ҷони ишқомез, рав.*

Албатта инҳо ҳар мавҷудеро мазҳари исме аз асмои Ҳақ медонанд ва мегӯянд, ашё аз исме, ки ба вуҷуд омадаанд, ба ҳамон исм бозмегарданд. Пас, масъалаи дигар масъалаи маъод аст бо таъбири хосси ирфонии онҳо.

Инҳо, ки арз кардам, марбут ба кулли ҷаҳон буд. Он гоҳ инҳо роҷеъ ба инсон назароти хоссе доранд. Инсон дар ҷаҳонбинии ирфонӣ нақши фавқулъода азиме дорад то он ҷо, ки инсон олами кабир аст ва ҷаҳон олами сағир, на ҷаҳон олами кабир аст ва инсон олами сағир, қазия баръакс аст. Мавлавӣ дар ҳамин замина мегӯяд:

*Чист андар хум, ки андар наҳр нест?*

*Чист андар хона, к-андар шаҳр нест?*

*Ин ҷаҳон хумм асту дил чун ҷӯйи об,*

*Ин ҷаҳон ҳуҷрасту дил шаҳри уҷоб.*

Чун инсонро мазҳари томму тамоми асмо ва сифот ва мазҳари комили асмои Ҳақ медонанд ва ба таъбири динӣ ва қуръонӣ, ӯро "Халифатуллоҳ ал-аъзам" ва мазҳари руҳи Худо медонанд ин аст, ки барои инсон мақоме қоил ҳастанд, ки ҳеч мактабе он чунон мақомро барои инсон дар ҷаҳон қоил нест. Дар заминаи инсон суханони зиёде доранд аз ҷумла ҳамон, ки инсон олами кабир аст ва ҷаҳон олами сағир, ва дигар назарияи инсони комил.

Назарияи инсони комилро ба ин таъбир, аввал бор боз Муҳйиддин иброз карда, яъне ин таъбир аз Муҳйиддин аст, ваилло маъно аз Муҳйиддин нест. Баъд аз Муҳйиддин урафои дигаре омадаанд ва дар ин замина китоб навиштаанд, мисли "*Ал-инсон ал-комил*"-и Насафӣ, ва як нафари дигар ҳам "*Ал-инсон ал-комил*" навиштааст, ва дар таъбирҳои фарангиҳо ҳам, инсони комил, абармард ва назоири инҳо, аз ҳамин ҳарфҳои урафо гирифта шуда, вале инсони комили урафо бо инсони комили ҳукамои илоҳӣ ва бо инсони комили уламои имрӯзӣ, он ҳам мактабҳои мухталиф, аз замин то осмон фарқ мекунад.

Инки маноти инсони комил чист ва камоли инсон дар чист, масъалаи хеле ҷолибест, ки инҷо бояд мактабҳои мухталифи фалсафӣ (аъам аз илоҳӣ, моддӣ, қадим ва ҷадид) ва ирфонӣ бо ҳам муқоиса шавад, ва масъалаи бисёр ҷолибе аз об дармеояд.

Масъалаи дигаре, ки урафо рӯйи он хеле такя доранд ва бисёр олӣ аст ва имрӯз тоза фалсафаҳои ҷадиди урупоӣ рӯйи он такя мекунанд — албатта бо як муқаддамоти чаранде, ки аз ҳарфҳои худашон дармеояд — ва дар воқеъ тақлиде аст аз машриқзаминиҳо (ва илло он фалсафаҳо ба инҷоҳо мунтаҳӣ намешавад) ва дар фалсафаи экзистенсиализм рӯйи он такя мешавад, масъалаи "ғурбати инсон" аст, ки инсон дар ин ҷаҳон як мавҷуди ғарибу танҳост, як мавҷудест, ки бо ашё номутаҷонис аст, яъне эҳсоси адами таҷонус бо ҳамаи ашёи дигар мекунад, ки ин ҳам худаш як масъалаи бисёр ҷолибест.

Масъалаи дигар, масъалаи ақл ва ишқ дар маърифат аст, ки инҷо боз тарафи ихтилофи урафо ҳукамои илоҳӣ ҳастанд. Оё камоли воқеии инсон дар чист? Ҳукамо дар посух мегӯянд:

**صيرورة الانسان عالَماً عقلياً مضاهياً للعالَم العينى**

Ҳаддиаксари камоли инсон — ва инсони комил — он аст, ки инсон нусхае бишавад илмӣ аз маҷмӯи ҷаҳон. Пас, инсон бо илм комил мешавад. Вақте инсон файласуф шуд ва як тасаввури саҳеҳ ва ҷомеъ аз кулли олам ва аз низоми олам дошт, ақлаш ба камол расида ва ҷавҳари инсон ҳам ҳамон ақл аст. Ин аст, ки мегӯянд, фалсафа ҳам иборат аз ҳамон "صيرورة الانسان عالَماً عقلياً…" аст. Вале урафо ҳаргиз ба чунин ҳарфе мӯътақид нестанд, ки вақте ақли инсон камол ёфт, инсон камол пайдо карда. Ҳаргиз камоли инсонро дар камоли ақлаш намедонанд, (балки) камоли инсонро дар ин медонанд, ки инсон ба тамоми ҳақиқати вуҷудаш сайр кунад ба сӯйи Ҳақ то — ба қавли инҳо — бирасад ба Ҳақ:

**يا أَيُّهَا الْإِنْسانُ إِنَّكَ كادِحٌ إِلى رَبِّكَ كَدْحاً فَمُلاقِيهِ**

(*Сураи Иншиқоқ, ояти 6*). Барои расидан ба ин мақсуд, ҳаким қаҳран аз ақл ва истидлол кӯмак мегирад, вале ориф истидлолро таҳқир мекунад ва аз муҷоҳида ва риёзат ва таҳзиби нафс ва ишқ ва сулук мадад мегирад ва он роҳро кофӣ намедонад ва ҷоизулхато медонад, ки мегӯяд:

*Пойи истидлолиён чӯбин бувад…*

Инҳо чанд қаламест, ки марбут ба ҷаҳонбинии ирфонӣ мешавад. Ҳоло инҳоро як-як то ҳадде, ки бароямон муяссар бошад ва вақт ҳам иҷоза бидиҳад, баён мекунем.

**Ваҳдати вуҷуд**

Аввал меойем суроғи масъалаи "ваҳдати вуҷуд", ки гуфтем, меҳвари ҷаҳонбинии ирфонӣ аст.

Аслан, ваҳдати вуҷуд чист? Як тавзеҳи мухтасар бояд арз кунам. Ваҳдати вуҷуд аз он андешаҳоест, ки камтар касе ба умқи он пай бурда ва пай мебарад. (Инро бояд бидуни таъоруф гуфт.) Ба ҳар чӣ ки мерасанд, фавран мегӯянд, ин ҳам як ваҳдати вуҷуд аст. Ҳоло мо бо лафзаш кор надорем. Мумкин аст исми як мактаберо бигузоранд "ваҳдати вуҷуд", мисли асолати вуҷуд, ки дар экзистенсиализм мегӯянд. Мо худамон як матлабе доштаем ба номи "асолати вуҷуд", (аммо) як чизи дигаре инҳо доранд, мехоҳанд исмашро "асолати вуҷуд" бигузоранд. Дар инҳисори касе нест ва касе онро ба номи худаш дар ҷойе сабт накарда, вале ин иштибоҳ ҳам набояд бишавад, ки ин асолати вуҷуд (ки экзистенсиализм мегӯяд) ҳамон асолати вуҷуд аст (ки мо қоил ба он будаем). Он як чиз аст ва ин як чизи дигар. Бисёр бисёр каманд афроде, ки битавонанд тасаввури саҳеҳе аз "ваҳдати вуҷуд", ки урафо доранд, дошта бошанд, аз мусташриқин гирифта то ғайри мусташриқин.

Шумо мебинед, ҳамеша мусташриқин — ва иддае аз ғайри мусташриқини (аз) худамон — ваҳдати вуҷудро чизе таъбир мекунанд ба номи ҳулул ва иттиҳод. Оқои дуктур Бадвӣ ҳам (чун бисёре аз ҳамон ҳарфҳои мусташриқинро мегӯяд), ҳамеша мегӯяд ҳулул ва иттиҳод, дар сурате ки ҳулул ва иттиҳод зидди ваҳдати вуҷуд аст. Ба қавли Шабистарӣ:

*Ҳулулу иттиҳод инҷо маҳол ист,*

*Ки дар ваҳдат дуӣ айни залол аст.*

Мунтаҳо мегӯянд, агар иттиҳод нест, пас ӯ чӣ тавр гуфта "Анал-Ҳақ"? Маънои "Анал-Ҳақ" иттиҳод аст! На. "Анал-Ҳақ" ҳам маънояш иттиҳод нест, на иттиҳод аст ва на ҳулул.

Марҳум Фурӯғӣ дар "*Сайри ҳикмат дар Урупо*" ҳарҷо ба масъалае бархӯрд мекунад, ки ба назараш ғомиз (печида) мерасад, файласуфе як назарияе дода, ки хеле печида аст, мегӯяд: ин навъе ваҳдати вуҷуд аст! Чун ин ваҳдати вуҷуд барои ӯ як амри номафҳуме буда ва ба ҳар номафҳуме, ки мерасида, мегуфта: ин навъе ваҳдати вуҷуд аст. Дар сурате ки баъзе

масоилро, ки ӯ гуфта навъе ваҳдати вуҷуд аст, аслан рабте ба ваҳдати вуҷуд надорад. Масалан: дар боби “Куллиёт” як касе як назаре дода, мегӯяд, ин навъе ваҳдати вуҷуд аст.

**Баёни аввал аз “ваҳдати вуҷуд”**

Ваҳдати вуҷуд таъбироти мухталифе дорад. “Касрати вуҷуд”, ки хеле равшан аст: инсон мегӯяд, ки мавҷудоти мутаъаддидаи касираи мутабойинае ҳастанд, ки яке инсон аст, яке ҳайвон аст (ҳайвон ҳам мухталиф аст), яке ҷин аст, яке малак аст, он яке ҳам Худост; мавҷудоте, ки биззот аз якдигар мубойин ҳастанд, ва ба таъбири *Наҳҷул-балога*, “байнунаташон байнунати азалӣ” аст, мунъазил аз якдигаранд ва вуҷуди ҳар мавҷуде бо вуҷуди ҳар мавҷуди дигар биззот мутабойин аст. Шояд тасаввури аксари файласуфон ва ғайри файласуфон ҳамин аст. Мутавасситин аз урафо аҳёнан мегӯянд: ваҳдати вуҷуд яъне вуҷуд мунҳасир аст ба вуҷуди Ҳақ (لَيْسَ فِى الدّار غَيْرُهُ ديّار), аммо ба ин маъно, ки ҳар мавҷуде ғайр аз Худо ҳар чӣ аз азамат, ки дошта бошад, билохира як мавҷуди маҳдуде аст, зоти Ҳақ вуҷуди *лоятаноҳӣ* (бепоён) аст, камоли *лоятаноҳӣ* аст, азамати *лоятаноҳӣ* аст, қудрати *лоятаноҳӣ* аст, ҷамоли *лоятаноҳӣ* аст. Агар мавҷудотро бо якдигар муқоиса кунем, яке бузургтар аст, яке кучактар. Масалан, вақте як наҳрро бо як дарё муқоиса мекунем, дарё бузург аст ва наҳр кучак. Маҳдуд бо маҳдуд метавонад нисбат дошта бошад, аммо маҳдуд бо номаҳдуд аслан нисбат надорад. Инки инсон дар биниши худ ашёро бузургу кучак мебинад, бо муқоиса мебинад. Вақте мо мегӯем, ин кучак аст ва он бузург, он кучак ба муқоисаи як шайъи дигар кучак аст, ва ин бузург ба муқоисаи як шайъи дигар бузург аст. Дар ҳамин умури маҳсуса, як шайъ, ки ҳамеша ба назари мо бузург меояд, вақте ҳамонро дар муқобили як бузургтар аз худаш мебинем, хиёл мекунем кучак шуда. Масалан: як одами баландқад, ки ҳамеша ба назари мо аҷиб меояд, вақте бо як одами баландқадтар аз худаш — ки як сару гардан аз ӯ баландтар аст — роҳ биравад, одам хиёл мекунад кучак шуд. Назари инсон ин аст.

Ориф вақте ки азамати *лоятаноҳии* Ҳақро шуҳуд мекунад (илми *лоятаноҳӣ*, қудрати *лоятаноҳӣ*, камоли *лоятаноҳӣ*…) мутаноҳӣ (маҳдуд) дар муқобили *лоятаноҳӣ* (номаҳдуд) аслан нисбат надорад; ҳатто гуфтани ин ки ин бузургтар аст аз он, дуруст нест, чун бояд онро як чизе ҳисоб кард ва гуфт ин бузургтар аст. Бинобар ин, дар ҳадис ҳам ҳаст, ки аз

Имом суол карданд: оё маънои "Аллоҳу Акбар" (*Худо бузугтар аст!*) Аллоҳу акбару мин кулли шайъ аст? (Яъне) Худо бузургтар аст аз ҳар чиз? Фармуд: на, ин ҳарф ғалат аст, "Аллоҳу акбару мин ан юсафа", (яъне) Худо бузургтар аст аз ин ки ба тавсиф дарбиёяд, на (ин ки) бузургтар аст аз ҳар чизи дигар, ки ашё қобили муқоиса бо Худо бошанд, баъд бигӯем, вале Худо аз онҳо бузургтар аст. На, аслан қобили муқоиса нестанд.

Ин аст, ки ориф, ки азамати Ҳақро шуҳуд мекунад (инҷо дигар ваҳдати шуҳуд мешавад), қаҳран ғайри ӯро асосан наметавонад бибинад: агар он вуҷуд аст, инҳо дигар вуҷуд нест. Агар он қудрат аст, инҳо дигар қудрат нест. Агар он азамат аст, инҳо дигар азамат нест… Аслан ӯ шайъ аст, инҳо лошайъ ҳастанд. Саъдӣ яке ду ҷо, ки хоста мавзӯи ваҳдати ирфониро бигӯяд, тақрибан дар ҳамин сатҳ гуфта, на бештар. Яке аз шеърҳои маъруфи *Бӯстон* аст, мегӯяд:

*Раҳи ақл ҷуз печ дар печ нест,*

*Бари орифон ҷуз Худо ҳеч нест.*

Ин мешавад ваҳдати вуҷуд. Баъд худаш эътироз мекунад, худаш ҳам ҷавоб медиҳад, мегӯяд:

*Тавон гуфтан ин бо ҳақоиқ шинос,*

*Вале хӯрда гиранд аҳли қиёс,*

*Ки пас осмону замин чистанд?*

*Бани Одаму деву дад кистанд?*

Ҷавоб медиҳад:

*Писандида пурсидӣ, эй ҳушманд!*

*Ҷавобат бигӯям гар оядат писанд,*

*Ки хуршеду дарёву кӯҳу фалак,*

*Париву одамизоду деву малак,*

*Ҳама ҳар чӣ ҳастанд, аз он камтаранд,*

*Ки бо ҳастияш номи ҳастӣ баранд.*

Ин аст маънои ин ки: "*Бари орифон ҷуз Худо ҳеч нест.*"

Шеъри дигаре дорад ва ширин мегӯяд:

*Чунин дорам аз пири донанда ёд,*

*Ки шӯридае сар ба саҳро ниҳод.*

*Падар дар фироқаш на хӯрду на хуфт,*

*Писарро маломат намуданд, гуфт:*

*Ба ҳаққаш, ки то Ҳақ ҷамолам намуд,*

*Дигар он чӣ дидам, хаёлам намуд.*

*Аз он гаҳ, ки ёрам каси хеш хонд,*

*Дигар бо касам ошноӣ намонд.*

Ин як навъ ваҳдати вуҷуд аст. Ин навъ ваҳдати вуҷудро ҳеч кас эрод намегирад.

**Баёни дуввум аз "ваҳдати вуҷуд"**

Баёни дигар дар боби ваҳдати вуҷуд ин аст, ки ваҳдати вуҷуд на ба маънои ин аст, ки вуҷуд мунҳасир ба зоти Ҳақ аст, балки маънояш ин аст, ки ҳамаи мавҷудот мавҷуданд ба як ҳақиқат, ки он, ҳақиқати вуҷуд аст, вале ҳақиқати вуҷуд маротиб дорад: як мартибаи ӯ воҷиб аст, ва як мартиба мумкин, як мартиба ғанӣ аст ва маротибе аз ӯ фақир, пас, ҳақиқати вуҷуд ҳақиқати воҳид аст. Бинобар ин, ваҳдати вуҷуд на ин аст, ки вуҷуд мунҳасир ба зоти Ҳақ аст, балки ҳақиқати вуҷуд ҳақиқати воҳид аст, вале ин ҳақиқат ҳақиқате дорои маротиб аст, ки як мартибааш, ки мартибаи ғино ва камол аст, мартибаи зоти Ҳақ аст. Он шеъри Ҳоҷӣ Сабзаворӣ ҳаминро баён мекунад: (ба номи алфаҳлавиюн мегӯяд, ки албатта ин нисбат чандон дуруст нест):

**اَلْفَهْلَوِيّونَ الْوُجودُ عِنْدَهُمْ**
**حَقيقَةٌ ذاتُ تَشَكُّكٍ تَعُم**
**مَراتِبَ غِنَىً وَفَقْراً تَخْتَلِف**
**كَالنّورِ حَيْثُ ماتُقَوّى وَضَعُف**

(*Вуҷуд дар назди паҳлавиҳо (ҳукамои Эрон) ҳақиқате аст дорои маротиби фарогир. Маротиби бениёзӣ ва ниёзмандии гуногун, монанди нур, ки қавӣ ва заъиф мешавад (зиёду кам мешавад)*)

Албатта ин, баёни ибтидоӣ аст, ки барои як донишҷӯ дар ибтидо ин масъаларо ин тавр матраҳ мекунанд. Муллосадро ҳам албатта дар ибтидо ҳамин ҷур мегӯяд, вале баъд бо ҳифзи ҳамин назария, ки ҳақиқати вуҷуд ҳақиқати зоти маротиб аст, ин матлаб латифтар ва латифтар мешавад, то мерасад ба ҷойи дигаре, ки баъд арз мекунам.

**Баёни севвум аз “ваҳдати вуҷуд”**

Назари севвум дар ваҳдати вуҷуд ҳамон назарияи хосси урафост. Ва он ин аст, ки вуҷуд воҳид “мин ҷамиъил-ҷиҳот” ва басити мутлақ аст, ҳеч касрате дар он нест, на касрати тӯлӣ ва на касрати арзӣ, на касрат ба шиддат ва заъф ва на ба ғайри шиддат ва заъф, ҳақиқати вуҷуд мунҳасиран воҳид аст ва ӯ Худост. Вуҷуд яъне вуҷуди Ҳақ. Ғайр аз Ҳақ ҳар чӣ ҳаст, вуҷуд нест, нумуд ва зуҳур аст. (Инҳо дигар таъбир ва ташбеҳ аст).

Ғайри Ҳақ ҳар чиро, ки шумо бибинед, ӯ воқеан вуҷуд ва ҳастӣ нест, ҳастинамост, на ҳастӣ, ҳақиқат нест рақиқа аст ба таъбири худи урафо, мисли мазҳарест, ки дар ойина пайдо мешавад. Агар шумо шахсеро бибинед ва ойинае дар муқобили ӯ бошад ва ӯро дар ойина бибинед, он чӣ дар ойина мебинед, худаш барои худаш як чизест, вале он воқеияташ ин аст, ки акси ин аст, сояи ин аст, намешавад гуфт ин як мавҷуд аст, он мавҷуди дигаре, (балки) он фақат зуҳури ин асту бас. Ин аст, ки ориф вуҷудро аз ғайри Ҳақ салб мекунад ва ғайри Ҳақро фақат нумуд ва зуҳур медонаду бас. Албатта дар ин заминаҳо хеле ҳарфҳо ҳаст. Мо дар ҷилди панҷуми *“Усули фалсафа”* миқдоре дар ин замина баҳс кардаем.

Инҷо як ихтилофи назари шадид миёни фалосифа ва урафо пайдо мешавад. Фалосифа ҳеч вақт ин ҷур намегуфтанд. Он назаре, ки Садрулмутааллиҳин дар боби ҳақиқати вуҷуд пайдо кард — ки ҳақиқати вуҷудро соҳиби маротиб донист — ба замимаи як асли дигаре, ки тақрибан аз он қуллаҳои шомихи фалсафаи Садрулмутааллиҳин аст ва ба ин сурат баён кард:

**بسيط الحقيقة كل الاشياء وليس بشىء منها**

Зоти Ҳақ, ки зоти баситул-ҳақиқа аст, ҳамаи ашёст ва дар айни ҳол ҳеч як аз ашё ҳам нест (1), (то ҳадди зиёде ҷамъ мекунад миёни назари урафо ва назари фалосифа.) Албатта урафо низ дар баёни худашон бидуни ин ки вуҷуде барои ашё қоил шаванд, ҳамин ҳарфро (баситул-ҳақиқа…) зада буданд, вале на ба ин таъбир ва на бо ин поя, аммо эшон инро бо як пояи фалсафӣ баён кард. Яъне он матлабе, ки урафо мегуфтанд, фақат бо ишроқи қалбӣ қобили дарк аст ва бо ақл намешавад онро фаҳмид. Садрулмутааллиҳин бо баёни ақлонӣ ҳамон матлабро собит кард. Инҷо яке аз он ҷоҳоест, ки эшон тавфиқ дод миёни назари ақл ва назари ирфон, ва яке аз он нукоти бисёр барҷастаи фалсафаи ӯст ва ин ҷумлаи “بسيط الحقيقة كل الاشياء وليس بشىء منها” моли ӯст.

Дар китоби “*Баҳсе дар тасаввуф*”-и дуктур Ғанӣ (ман таъаҷҷуб мекунам аз инҳо, ки чӣ гуна шуҷоат доранд дар ин ҳарфҳо) навишта, ки “*Аввал касе, ки ин ҷумларо гуфт, Ҳоҷӣ Мулло Ҳодӣ Сабзаворӣ буд*”, дар сурате ки китобҳои Муллосадро пур аст аз ин ҷумла, аслан як боб дорад таҳти ҳамин унвон. Чун фақат китоби Ҳоҷӣ Мулло Ҳодӣ Сабзавориро аҳёнан дар даст дошта ё аз касе шунида, хиёл карда аввал касе, ки гуфта ӯ будааст.

Бино бар ин назария, то ҳадди зиёде ҷамъ мешавад миёни назари урафо ва назари фалосифа. Яъне Садрулмутааллиҳин барои вуҷуд маротиб қоил мешавад ва дар айни ҳол, он ҳарфи урафо ҳам тасҳеҳ мешавад, ки олам зуҳур аст, чун ӯ вуҷудест, ки дар айни ҳол ин вуҷуд зуҳур аст барои вуҷуди дигар. Ин як миқдор баёне буд дар заминаи ваҳдати вуҷуд.

Дар ин замина урафо хеле ҳарфҳо задаанд, зиёд гуфтаанд ба таъбироти мухталиф. Мавлавӣ дар авоили Маснави мегӯяд:

*Мо кӣ бошем эй ту моро ҷони ҷон,*

*То ки мо бошем бо ту дар миён?*

*Мо адамҳоему ҳастиҳои мо*

*Ту вуҷуди мутлақӣ, фонинамо.*

Сӯҳбати сонӣ, ту яке мо яке, ту як шайъ мо шайъи дигар, мо дуввуми ту бошем, чунин чизе нест.

*Мо ҳама шерон, вале шери алам,*

*Ҳамлашон аз бод бошад дам ба дам.*

Шери алам яъне шери парда, ки ба шакли шер аст ва бод аз пушти сараш ҳамла мекунад, одам хиёл мекунад аз худаш аст:

*Ҳамлашон пайдову нопайдост бод,*

*Он кӣ нопайдост, ҳаргиз гум мабод!*

*Боди мову буди мо аз доди туст,*

*Ҳастии мо ҷумла аз эҷоди туст.*

*Лаззати ҳастӣ намудӣ нестро,*

*Ошиқи худ карда будӣ нестро.*

Яъне мо ботилуззот ҳастем.

Лабид ибни Рабиъа, шоири маъруфи араб, ин шеърро дар ҷоҳилият гуфта буд:

**اَلا كُلُّ شَیْءٍ ما خَلاَ اللهِ باطِل**

**وَكُلُّ نَعیمٍ لا مُحالَةَ زائِل**

Баъд мусалмон шуд, мусалмони содиқулимоне. Аз Расули Акрам (с) нақл кардаанд, ки эшон фармуданд:

**اَصْدَقُ بَیْتٍ قالَتْهُ الْعَرَبُ**

"Росттарин шеъре, ки араб гуфта ҳамин буда." Урафо ба ҳамин ҷумлаи:

**اَلا كُلُّ شَیْءٍ ما خَلاَ اللهِ باطِل**

часпидаанд, ки ғайр аз Ҳақ ҳар чӣ ҳаст ботилуззот аст ва мавҷуд аст ба вуҷуди ӯ ва зоҳир аст ба зуҳури ӯ. Ин тарҷеъбанди Ҳотифро ҳамаи шумо шунидаед:

*Эй фидои ту ҳам дилу ҳам ҷон,*

*В-эй нисори раҳат ҳам ину ҳам он.*

То мерасад ба тарҷеъбандаш:

*Ки яке ҳасту ҳеч нест ҷуз Ӯ,*

*Ваҳдаҳу ло илоҳа илло ҳу.*

Думартиба бо як қофияи дигаре:

*Ёри бепарда аз дару девор*

*Дар таҷаллист ё улилабсор!*

Ва боз тарҷеъбандаш:

*Ки яке ҳасту ҳеч нест ҷуз Ӯ,*

*Ваҳдаҳу ло илоҳа илло ҳу.*

Аз беҳтарин шеърҳое аст, ки урафо дар боби ваҳдати вуҷуд гуфтаанд. Ҳофиз дар ин замина дорад, вале на монанди масоиле, ки ба шакли як ҷаҳонбинӣ рӯйи он такя карда бошад, аммо ба шакли як сулук ин матлабро зиёд гуфта (ки инро мо дар фаслҳои баъд хоҳем гуфт), ба шакли ҷаҳонбинӣ кам гуфтааст. Аз ҷумла шеърҳое, ки гуфта ва аз ғазалҳои бисёри хуби Ҳофиз аст ин шеъри маъруфест, ки мегӯяд:

*Равшан аз партави рӯят назаре нест, ки нест,*

*Миннати хоки дарат бар басаре нест, ки нест.*

Мисроъи аввал яъне "ба ҳеч чизе ҳеч кас нигоҳ намекунад илло ин ки ба ту нигоҳ мекунад", тақрибан аз ҷиҳате он таъбири каломи ҳазрати Содиқ аст ва ба ҳазрати Амир ҳам мансуб аст:

**ما رَأَيْتُ شَيْئاً اِلاّ وَرَأَيْتُ اللهَ قَبْلَهُ وَبَعْدَهُ وَمَعَهُ**

*Нозири рӯйи ту соҳибназаронанд, оре,*

*Сирри гесӯйи ту дар ҳеч саре нест, ки нест.*

*Ашки гаммози ман ар сурх барояд, чӣ аҷаб?*

*Хиҷил аз кардаи худ пардадаре нест, ки нест.*

Ҳоҷӣ Сабзаворӣ ҳамин ғазалро истиқбол карда ва хеле олӣ истиқбол карда. Албатта Ҳоҷӣ Сабзаворӣ баъзе ашъораш хеле хуб ва дар сатҳи бисёр олӣ аст. Дар маҷмӯъ албатта ба пойи Ҳофиз, ки намерасад, вале чанд ғазали бисёр олӣ дорад дар форсӣ. Яке ҳамон ҷост, ки ба истиқболи ин ғазал омадааст. Мафҳуми ӯ ҳам аз ин ғазал ҳамин маъно буда ва хеле ҳам хуб истиқбол карда, ва чандто байт дар он пайдо мешавад, ки (бисёр олӣ аст, аз ҷумла) як шеъри хеле маъруфе дорад, ки мегӯяд:

*Мӯсие нест, ки даъвии Анал-Ҳақ шунуд,*

*Варна ин замзама андар шаҷаре нест, ки нест.*

Ҳофиз як ғазали дигар дорад, ки ба назари ман — инро ман ба таври ҷазм намегӯям, вале ба гунае ки ман маънӣ мекунам — ҳамин дармеояд (яъне нозир ба ваҳдати вуҷуд аст.) Ғазале бисёр олӣ аст ва моддагароҳо онро хеле аҷиб маънӣ кардаанд. Мегӯяд:

*Ҳосили коргаҳи кавну макон ин ҳама нест,*

*Бода пеш ор, ки асбоби ҷаҳон ин ҳама нест.*

*Аз дилу ҷон шарафи сӯҳбати ҷонон гараз аст,*

*Ғараз ин аст вагарна дилу ҷон ин ҳама нест.*

*Миннати Сидраву Тубо зи пайи соя макаш,*

*Ки чу хуш бингарӣ, эй сарви равон, ин ҳама нест.*

*Давлат он аст, ки бе хуни дил ояд ба канор,*

*Варна бо саъю амал боги ҷинон ин ҳама нест.*

Ҳама чиз дар назари ориф нест аст ҷуз Ӯ, “ҳаст”-и мутлақ ва шоистаи матлубият ва маҳбубият фақат ӯст.

Дар ҷойи дигар ибтидо мегӯяд:

*Дар назарбозийи мо бехабарон ҳайронанд.*

*Ман чунинам, ки намудам, дигар эшон донанд.*

… то онҷо, ки мегӯяд:

*Ҷилвагоҳи рухи ӯ дидаи ман танҳо нест,*

*Моҳу хуршед ҳамин ойина мегардонанд.*

Яъне моҳу хуршед ҳам ойина ҳастанд, ки ӯро доранд нишон медиҳанд. Он шеъри маъруфаш:

*Фош мегӯяму аз гуфтаи худ дилшодам,*

*Бандаи ишқаму аз ҳар ду ҷаҳон озодам.*

… то мерасад ба инҷо:

*Нест бар лавҳи дилам ҷуз алифи қомати ёр,*

*Чӣ кунам, ҳарфи дигар ёд надод устодам.*

Маъмулан хиёл мекунанд, мақсудаш ин аст, ки маҳбубе ғайр аз Ӯ надорам. Ин аз назари ориф ширк аст. Мегӯяд, барои ғайри Ӯ вуҷуде қоил нестам. Шабистарӣ дар авоили "*Гулшани роз*" хеле олӣ ин мавзӯъро баҳс карда. Аз ашъори Ҳофиз, ки аз ҳама сареҳтар ба ин маъно далолат дорад, ғазалест, ки бо ин шеър шурӯъ мешавад:

*Сахаргоҳон, ки махмури шабон*

*Гирифтам бода бо чангу чагона.*

*Ниҳодам ақлро раҳтӯша аз май,*

*Зи шаҳри ҳастияш кардам равона*

*Нигори майфурӯшам ишвае дод,*

*Ки эмин гаштам аз макри замона.*

… то онҷо, ки мегӯяд:

*Кӣ бандад тарфи васл аз ҳусни шоҳе,*

*Ки бо худ ишқ бозад ҷовидона?*

Худаш муҳиб аст, худаш ҳам маҳбуб аст. Аз назари ориф ғайре дар кор нест.

*Надиму мутрибу соқӣ ҳама Ӯст,*

*Хаёли обу гил дар раҳ баҳона.*

*Бидеҳ киштии май, то хуш биронем*

*Аз ин дарёи нопайдокарона.*

*Вуҷуди мо муаммоест, Ҳофиз,*

*Ки таҳқиқаш фусун асту фасона.*

Яъне вақте таҳқиқ бикунӣ, вуҷуди мо аслан хиёли маҳз аст, зуҳур аст, ҳақиқат нест, ботил аст.

**Таҷаллӣ**

Матлаби дуввум, масъалаи таҷаллии воҳид аст. Дар масъалаи хилқат (ҳоло мо мактаби илоҳиюнро дорем мегӯем), аз назари мутакаллимон, Худо фоъили ашёст ва ба адади ашё ҳам фоъилияти Худованд касрат дорад: Худо ин шайъро халқ карда, он шайъро халқ карда… як дафъа инро халқ карда, як дафъа онро халқ карда… ба хилқатҳои мутаъаддид ба адади ашё, ва ҳама мустақиллан ва биловосита офарида шудаанд.

(Аммо) ҳукамо қоил ба хилқатҳои мутаъаддиданд, аммо тӯлӣ. Яъне мегӯянд, Худованд ақли аввалро халқ кард, аз ақли аввал ақли дуввумро халқ кард, аз ақли дуввум ақли севвумро… Ё ба таъбири дигар: Худо ақли аввалро офарид, ақли аввал ақли дуввумро офарид, ақли дуввум ақли севвумро, то мерасад ба ақли фаъол ва баъд мерасад ба ҷаҳон.

Албатта ин ки мегӯянд: “ақли аввал ақли дуввумро офарид”, ба ин маъно намехоҳанд бигӯянд, ки он бениёз аз холиқи худаш аст. Ба таъбири дигар: маънояш ин аст, ки ба василаи ақли аввал ва бо ақли аввал ё аз маҷрои ақли аввал ақли дуввумро офарид, вале ба ҳар ҳол қоил ба касрат дар фоъилияти Ҳақ ҳастанд, такассури фоъилият барои Ҳақ қоиланд, мунтаҳо мутакаллимин такассурро биловосита медонанд, инҳо маъалвосита ва биловосита, як холиқияти биловосита ва холиқиятҳои ғайримутаноҳии маъалвосита қоил ҳастанд.

Урафо баръакс мӯътақиданд, тамоми олам як таҷаллӣ бештар нест, аз азал то ба абад бо як ҷилваи Ҳақ пайдо шуду бас, ва ояти:

وَما أَمْرُنا إلاّ واحِدَةٌ

-ро ҳамин тавр таъбир ва тафсир мекунанд. Ҳукамо мегӯянд “иллат ва маълул”, урафо аслан иллату маълулро ғалат медонанд, мегӯянд, иллату маълул дар ҷойест, ки сонӣ барои Ҳақ вуҷуд дошта бошад, инҷо бояд гуфт, таҷаллӣ ва мутаҷаллӣ, зуҳур ва мазҳар.

Вале дар фалсафаи Садро ин қазия ҳал шуда, яъне ӯ таҳқиқ дар "иллату маълул"-ро расонда ба онҷо, ки натиҷааш бо таҷаллӣ яке шуда. Ҳофиз дар инҷо хеле олӣ ва ширин доди сухан дода, яке он ғазали маъруфаш аст, мегӯяд:

*Акси рӯйи ту чу дар ойинаи ҷом афтод,*

*Ориф аз хандаи май дар тамаъи хом афтод.*

Ин як матлаби хеле дақиқест дар ирфон, яъне ба истилоҳ "ғалтаи ориф", ки як таҷаллӣ бар ориф мешавад ва ӯ дар он таҷаллӣ гоҳе иштибоҳ мекунад, яъне масалан ба ҳақиқат ҳанӯз нарасида, байни роҳ аст, хиёл мекунад, ки ба ҳақиқат расида, ва онҳое, ки пухта ҳастанд, мефаҳманд, ки ба қавли Ҳофиз ин тамаъи хом аст, ҳанӯз ба ҳақиқат нарасидаанд…

"*Акси рӯйи ту чу дар ойинаи ҷом афтод*"

Инҷо ойинаи ҷом худи инсон аст, қалби инсон аст…

"*Ориф аз хандаи май дар тамаъи хом афтод*"

"Май" хандид барои ӯ, иштибоҳ кард, хиёл кард худаш аст. Ҷилвааш пайдо шуд, хиёл кард худаш аст, хиёл кард расида…

(Ҳоло матлаби баҳси мо ин шеър аст, ки) мегӯяд:

*Ҳусни рӯйи ту ба як ҷилва, ки дар ойина кард,*

*Ин ҳама нақш дар ойинаи авҳом афтод.*

Хеле аҷиб аст, воқеан ин баён дар ҳадди қариб ба эъҷоз аст.

*Ин ҳама акси маю нақши мухолиф, ки намуд,*

*Як фурӯғи рухи соқист, ки дар ҷом афтод*

*Ғайрати ишқ забони ҳама хоссон бибурид,*

*Аз куҷо сирри ғамаш дар даҳани омм афтод?*

Ориф вақте ки ба он мақоми камоли худаш мерасад, якмартаба мебинад, тамоми ашё бо ӯ ҳамзабонанд, (бо худ мегӯяд:) аз куҷо ҳама ӯро мешиносанд? Танҳо ман ориф нестам, ҳама ориф ҳастанд.

*Ман зи масҷид ба харобот на худ афтодам*

*Инам аз аҳди азал ҳосили фарҷом афтод.*

Ғазали дигаре дорад, ки бо ин шеър шурӯъ мешавад:

*Дардам аз ёр асту дармон низ ҳам,*

*Дил фидои ӯ шуду ҷон низ ҳам.*

Баъд чанд шеър дорад, ки ин шеър маҳалли баҳси мост:

*Ҳар ду олам як фурӯғи рӯйи ӯст,*

*Гуфтамат пайдову пинҳон низ ҳам.*

Ғазали дигаре дорад, мегӯяд:

*Хаме, ки абрӯйи шӯхи ту дар камон андохт,*

*Ба қасди ҷони мани зори нотавон андохт.*

Арз кардем, инҳо мегӯянд, нерӯи ба вуҷудоварандаи олам ишқ аст. Яъне Худованд аз он ҷиҳат, ки ошиқу маъшуқ аст, на аз он ҷиҳат, ки олиму маълум аст (ҷаҳонро офарид), ва ҷамол ва зебоии ӯст, ки зуҳур карда. Дар ин замина Ҷомӣ қитъае дорад, ки аз он қатаъоти олии ӯст, мегӯяд:

*Дар он халват, ки ҳастӣ бенишон буд,*

*Ба кунҷи нестӣ олам ниҳон буд.*

*Вуҷуде буд аз нақши дуӣ дур,*

*Зи гуфтугӯи моиву туӣ дур.*

*Ҷамоле мутлақ аз қайди мазоҳир,*

*Ба нури хештан бар хеш зоҳир.*

*Дилоро шоҳиде дар ҳиҷлаи ғайб,*

*Мубарро доманаш аз тӯҳмату айб.*

*Бурун зад хайма з-иқлими тақаддус,*

*Таҷаллӣ кард дар офоқу анфус.*

*Зи ҳар ойинае бинмуд рӯйе,*

*Ба ҳар ҷо хост аз вай гуфтугӯйе.*

*Аз ӯ як лумъа бар мулку малак тофт,*

*Мулки саргаштаро чунон фалак ёфт.*

*Ҳама суббуҳиён суббуҳҷӯён,*

*Шуданд аз бехудӣ суббуҳгӯён.*

*Аз он лумъа фуруғе бар гул афтод,*

*Зи гул шӯре ба ҷони булбул афтод.*

*Рухи худ шамъ аз он оташ барафрӯхт,*

*Ба ҳар кошона сад парвонаро сӯхт.*

*Зи нураш тофт бар хуршед як тоб,*

*Бурун овард нилуфар сар аз об.*

*Зи рӯяш рӯйи хеш орост Лайлӣ,*

*Ба ҳар мӯяш зи Маҷнун хост майле.*

*Ҷамоли ӯст ҳар ҷо ҷилва карда,*

*Зи маъшуқони олам баста парда.*

*Ба ҳар парда, ки бинӣ, пардагӣ ӯст,*

*Қазоҷунбони ҳар дилбурдагӣ ӯст.*

*Ба ишқи ӯст дилро зиндагонӣ,*

*Ба ишқи ӯст ҷонро комронӣ.*

*Диле к-ӯ ошиқи хубони дилҷӯст,*

*Агар донад вагар на ошиқи ӯст.*

*Туйӣ ойина, ӯ ойинаоро,*

*Туйӣ пӯшидаву ӯ ошкоро.*

*Чу некӯ бингарӣ, ойина ҳам ӯст,*

*На танҳо ганҷ ӯ, ганҷина ҳам ӯст.*

*"Ман"-у "ту" дар миён коре надорем,*

*Ба ҷуз беҳуда пиндоре надорем.*

Шояд 30 сол пеш буд дар Қум, ки ман инҳоро навиштам.

Бале, Ҳофиз мегӯяд:

*Хаме, ки абрӯйи шӯхи ту дар камон андохт,*

*Ба қасди ҷони мани зори нотавон андохт.*

Дар воқеъ ба манзилаи як домест, ки андохта барои кашидан, чун "فَأَحْبَبْتُ اَنْ أُعْرَفَ", барои ин ки мавҷудотро биёфаринад ва бикашад ба сӯйи худ. Камоли ашё дар ин аст, ки ба сӯйи Ӯ баргарданд.

*Набуд нақши ду олам, ки ранги улфат буд,*

*Замона тарҳи муҳаббат на ин замон андохт.*

Хиёл накун, ки муҳаббат чизест, ки баъдҳо пайдо шуда, мисли ин ҳарфҳое, ки табииюн мегӯянд.

*Ба як карашма, ки наргис ба хушфурӯшӣ кард,*

*Фиреби чашми ту сад фитна дар ҷаҳон андохт.*

Ин ҳам як масъала, ҳоло меравем суроғи як масъалаи дигар.

**Ишқ ва ақл**

Гуфтем, ки дар пайдоиши хилқат, ориф ба ишқ такя мекунад, на ба илми ъинои ва ақлу ин ҳарфҳо. Инҳо аз он ҷиҳат ақлро мекӯбанд ва ишқро тақдис мекунанд, ки ақл як нерӯи муҳофизакорона аст ва ишқ як нерӯи инқилобӣ. Яъне ақл маъмурияташ ҳифз аст, одами оқил ҳамеша мехоҳад эҳтиёт кунад, мехоҳад худашро нигаҳ дорад ва ҳама чизро барои худаш мехоҳад.

Аслан кори ақл ин аст, мисли ин ки дар нерӯҳои иҷтимоӣ мегӯянд ҳизби муҳофизакор ва ҳизби коргар (ки маъмулан мегӯянд инқилобӣ аст). Нерӯи ақл як нерӯи муҳофизакор аст, ки ҳаким рӯйи он хеле такя дорад. Ишқ баръакс аст, аслан нерӯест, ки мехоҳад аз худ берун биёяд, чӣ дар зотиҲақ, ки мехоҳад таҷаллӣ кунад ва чӣ дар махлуқ, ки мехоҳад ба сӯйи Ӯ парвоз кунад. Ин аст, ки ориф такяаш бар нерӯи ишқ аст, ки нерӯи инқилобӣ аст, на бар нерӯи ақл, ки нерӯи муҳофизакорона аст. Мегӯяд, оламро ишқ ба вуҷуд оварда, на илму ақл. Яке аз беҳтарин шеърҳои Ҳофиз ин шеър аст:

*Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад,*

*Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад.*

Вақте хост зоташ таҷаллӣ кунад, ишқ пайдо шуд яъне ин ишқ буд, ки зуҳур кард.

“*Оташ ба ҳама олам зад*” яъне ҳамаи ашёро ошиқи ту кард.

*Ҷилвае кард рухат, дид малак ишқ надошт,*

*Айни оташ шуд аз ин ғайрату бар одам зад.*

… яъне вақте ки зуҳур кард, бар ҳамаи моҳиёт ва аъёни собита, на дар малак ишқ буд (ва на дар осмонҳо ва замин ва кӯҳҳо)

إِنَّا عَرَضْنَا الْأَمَانَةَ عَلَى السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَالْجِبَالِ فَأَبَيْنَ أَن يَحْمِلْنَهَا وَأَشْفَقْنَ مِنْهَا وَحَمَلَهَا الْإِنسَانُ

(*Мо амонати илоҳӣ ва бори таклифро бар осмонҳо ва замин ва кӯҳҳо арза кардем, пас, аз бардоштани он сар боз заданд ва аз он ҳароснок шуданд, вале инсон онро бардошт… (Сураи Аҳзоб, ояти 72)*), танҳо мавҷуде, ки ин истеъдодро дошт, инсон буд.

*Ақл мехост, к-аз он шӯъла чароғ афрӯзад,*

*Барқи ғайрат бидурахшиду ҷаҳон барҳам зад.*

Ба ақл гуфтанд, инҷо ҷойи ту нест, ту бирав ақиб.

*Муддаъӣ хост, ки ояд ба тамошогаҳи роз,*

*Дасти ғайб омаду бар синаи номаҳрам зад.*

Ман хиёл мекунам, мақсуд аз "муддаъӣ" ҳамон ақл ё нафс ё қувваи шайтонӣ ва ё ин ҷур чизҳо бошад. Дар ғазали дигаре ибтидо мегӯяд:

*Пеш аз инат беш аз ин андешаи ушшоқ буд,*

*Меҳрварзийи ту бо мо шӯҳраи офоқ буд.*

… то ба инҷо мерасад:

*Пеш аз ин, к-ин сақфи сабзу тоқи Мино баркашанд,*

*Манзари чашми маро абрӯйи ҷонон тоқ буд.*

Боз тақаддуми ишқ бар хилқат ва офариниשро баён мекунад. Дар ин замина албатта боз масоиле, ки ин оқоён гуфтаанд, зиёд аст.

**Сараёни ишқ**

Масъалаи дигар "сараёни ишқ" аст, яъне ишқ аз тарафи махлуқот, ки дар инҷо Ҳофиз фавқулъода баҳс карда ва зиёд гуфта ва ман фақат ба яке аз онҳо ишора мекунам, онҷо, ки мегӯяд:

*Туфайли ҳастийи ишқанд одамиву парӣ,*

*Иродате бинамо, то саодате бибарӣ.*

*Бикӯш, хоҷаву аз ишқ бенасиб мабош,*

*Ки бандаро нахарад кас ба айби беҳунарӣ.*

*Майи сабуҳу шакархоби субҳдам то чанд?*

*Ба узри нимишабӣ кӯшу гиряи саҳарӣ.*

*Ту худ чӣ лӯъбатӣ, эй шаҳсавори ширинкор,*

*Ки дар баробари чашмиву гоиб аз назарӣ?*

*Ҳазор ҷони муқаддас бисӯхт з-ин гайрат,*

*Ки ҳар сабоҳу масо шамъи маҷлиси дигарӣ.*

… то онҷо, ки мегӯяд (хеле олӣ ва латиф аст, аҷиб ҳам ҳаст):

*Ба бӯйи зулфу рухат мераванду меоянд,*

*Сабо ба голиясоиву гул ба ҷилвагарӣ.*

Баъд хитоб мекунад ба орифе, ки ҳанӯз марҳилааш нарасида ва набояд тамаъи хом дошта бошад, мегӯяд:

*Чу мустаъидди назар нестӣ, висол маҷӯй,*

*Ки ҷоми Ҷам накунад суд вақти бебасарӣ.*

Боз хитоб ба маъшуқ аст:

*Дуои гӯшанишинон бало бигардонад,*

*Чаро ба гӯшаи чашме ба мо наменигарӣ?*

*Биёву салтанат аз мо бихар ба мояи ҳусн,*

*В-аз ин муомила гофил машав, ки ҳайф хӯрӣ.*

Нусхае, ки алъон ман мехонам Ҳофизи чопи Қазвинӣ аст, дар Ҳофизҳои дигар ин шеърро изофа дорад:

*Маро дар ин зулумот он, ки раҳнамунӣ кард,*

*Ниёзи нимишабӣ буду гиряи саҳарӣ.*

*Тариқи ишқ тариқе аҷаб хатарнок аст,*

*Наузубиллаҳ, агар раҳ ба мақсаде набарӣ.*

Роҷеъ ба ин ки тариқи ишқ роҳи хатарнокест, мукаррар Ҳофиз баҳс карда. Баъд шеъре дар тахаллусаш дорад, ки гӯё ишора ба ин аст, ки як вақте барояш таҷаллие рух дода ва ба умеди бозгашти он аст, мегӯяд:

*Ба юмни хидмати Ҳофиз умед ҳаст, ки боз,*

*"Аро усомиру Лайлоя лайлатал қамарӣ".*

Дар мавзӯи инсон низ сухан зиёд аст. Дар ҷаласаи баъд мавзӯи баҳси мо ирфони амалии Ҳофиз аст, ки Ҳофиз бештар дар он бора сухан гуфта ва масоил дар онҷо хеле зиёдтар аст ва Ҳофизро бештар дар он қисмат мешавад шинохт, бар хилофи Ибни Фориз, ки шояд

бештар дар ин қисмат (ирфони назарӣ) шинохта мешавад. Онро ҳам хиёл намекунам дар як ҷаласа битавонем ба поён бирасонем. Агар муқтазӣ буд, роҷеъ ба инсон дар Ҳофиз ва дар ирфон баҳс мекунем.

**Низоми аҳсан**

Яке аз мабоҳисе, ки дар ҷаҳонбинии ирфонӣ матраҳ аст ва қаблан ишора кардем, масъалае аст, ки фалосифа онро ба унвони масъалаи "низоми аҳсан" унвон мекунанд. Масъалае аст дар фалсафа ва барои файласуфон, ки оё низоми мавҷуд (дар ҳастӣ) низоми аҳсан аст? Маънии "низоми аҳсан" ин нест, ки дар муқобили ин низом, низоми дигаре вуҷуд дорад, ин аҳсан аст ё он? Маънояш ин аст, ки аз он чӣ, ки дар ҳадди имкон ҳаст, оё (ин низом) некӯтарин низоми мумкин аст ва ё ин ки низоме аҳсан аз ин низом ҳам мумкин аст?

Албатта, фалосифа бо адиллаи қотеъ баён мекунанд, ки низоме аҳсан ва акмал аз низоми мавҷуд мумкин нест ва маҳол аст. Ҳар чиро, ки инсон "аҳсан" фарз кунад, як хиёл беш нест ва тоза фарзи як амри маҳол аст. Ин ҷумла мегӯянд аз Ғаззолӣ аст:

**لَيْسَ فِى الْاِمْكانِ اَبْدَعُ مِمّا كان**

Яъне, бадеътар аз он чӣ ҳаст, имкон надорад. Ва мегӯянд, баъд аз ӯ 200 сол дар бораи ин ҷумла баҳс мекарданд, ки оё ҳамин тавр аст ё на? Ин як масъалае аст, ки дар миёни фалосифа матраҳ аст ва баъзе аз файласуфон ё нимафайласуфон ҳам будаанд, ки ин матлабро қабул надоштаанд, ҷумлаҳое гуфтаанд, ки аз он ҷумлаҳо эътироз ба он чӣ, ки ҳаст истишмом мешавад, ки ғолибан инҳо ба забони шеър аст, на ба забони фалсафа ва забони ҷидд. Дар арабӣ дар ашъори Абулъалои Маъаррӣ аз ин ҷур матолиб ҳаст ва дар форсӣ дар ашъори мансуб ба Хайём, ки баъзе аз аҳли татаббуъ ва таҳқиқ муддаъӣ ҳастанд, ки ин ашъор аз Хайёми риёзӣ, ки номаш Абулфатуҳ Умари Хайём аст нест ва аз шахси дигарест ба номи Алии Хайёмӣ, ҳоло ҳар чӣ мехоҳад бошад. Мо дар (китоби) "*Адли илоҳӣ*" қисматҳое аз шеърҳои Хайёмро дар ҳамин замина нақл кардаем:

*Гар бар фалакам даст будӣ чун яздон,*

*Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.*

*Аз нав фалаке чунон ҳамесохтаме,*

*К-озода ба коми дил расидӣ осон.*

Ҳамаи ҳарфҳо охираш ба як чизи хеле пасте мунтаҳӣ мешавад: “*К-озода ба коми дил расидӣ осон*”. Албатта, инҳо бештар забони ба истилоҳ ҳазлу шӯхӣ аст, на забони ҷидд.

Худ ҳамин Хайём рисолае дорад ба номи “*Алкавн ват-таклиф*”, ки мавзӯи он ҳамин аст, ки низоми олам низоми аҳсан аст, яъне мавзӯи рисолаи фалсафиаш зидди ҳамон ҳарфҳоест, ки дар ин шеърҳо аз ӯ нақл шуда ва нақл мешавад, агар шеърҳо аз ӯ бошад.

Дар миёни фалосифа — албатта фалосифаи лоақал моддӣ, нимамоддӣ — афроде будаанд, ки ҳамин ҳарфҳое, ки аз зоҳири ашъори Хайём мафҳум мешавад, аз калимоташон мафҳум мешавад. Дар Урупо зиёд будаанд, дар дунёи худамон ҳам каму беш афроде будаанд.

Дар миёни урафо аслан наметавониста чунин чизе вуҷуд дошта бошад. Яъне наметавониста як касе ориф бошад ва дар айни ҳол низомро низоми аҳсан ва низоми аҷмал надонад. Ин асосан таноқуз аст, магар касе аслан ориф набошад, ва илло бо ирфон ҷур дарнамеояд. Урафо, ки ин низомро зеботарин низом ва аҳсани низомҳои мумкин медонанд, на аз он роҳ ворид мешаванд, ки фалосифа ва файласуфон ворид шудаанд, чун фалосифа бештар аз роҳи худи олам ворид мешаванд, яъне нафси низоми оламро нигоҳ мекунанд ва баъд бо таҳлилҳое, ки мекунанд, ба ин натиҷа мерасанд, ки низоми мавҷуд низоми аҳсан аст. Албатта фалосифа аз роҳи бурҳони лиммӣ ҳам ворид шудаанд, ки дар мисли “*Асфор*” ҳаст, яъне аз роҳи ин ки Худованди Мутаъол камоли мутлақ ва хайри мутлақ ва ҷамоли мутлақ аст ва он чӣ аз ӯ падид меояд, мумкин нест ғайри ин ки ҳаддиаксари камоли мумкинро дошта бошад, вале урафо асосан ҳарфашон ҳамин аст. Онҳо дар хилқат, таъбир ба иллату маълул ва ҳатто низом ва ин ҳарфҳо намекунанд, суханашон сухани таҷаллӣ аст. Дар назари ориф, тамоми ҳастӣ ва тамоми ҷаҳон як ҷилваи Ҳақ аст:

*Акси рӯйи ту чу дар ойинаи ҷом афтод,*

*Ориф аз хандаи май дар тамаъи хом афтод.*

(Тамоми ҷаҳон ) мазҳаре аз ҳусни рӯйи ӯст:

*Ҳусни рӯйи ту ба як ҷилва, ки дар ойина кард,*

*Ин ҳама нақш дар ойинаи авҳом афтод.*

Ё дар таъбирҳои дигаре, ки аз худи Ҳофиз хондем, партави ҳусн аст:

*Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад,*

*Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад.*

Як карашма аст:

*Ба як карашма, ки наргис ба хушфурӯшӣ кард,*

*Фиреби чашми ту сад фитна дар ҷаҳон андохт.*

Бинобар ин дар мантиқе, ки — агарчӣ худашон розӣ ба ба кор бурдани калимаи "мантиқ" дар инҷо нестанд, дар воқеъ мофавқи мантиқ, дар шуҳуде, ки — тамоми ҳастиро якҷо ба унвони як ҷилва аз зоти комилуссифоти Ҳақ Таъоло мебинад, аслан олам яъне "Худо дар як ойина". Агар фарз кунем орифе дар олам нақс бибинад, маънояш ин аст, ки дар Худо нақс мебинад, чун олам дар назари ориф, дуруст мисли сурати мунъакис дар ойина аст дар назари мо, ки аз худаш чизе надорад, ҳар чӣ ҳаст, ҳамон аст, тамом он аст. Агар касе чунин ҳарфе бизанад, ӯ дигар наметавонад ориф бошад, чун ҳеч орифе тафаввуҳ намекунад, ки зоти Ҳақ, ки вуҷуди мутлақ ва камоли мутлақ аст ва адам ва нақс наметавонад дар он роҳ дошта бошад, ноқис бошад, қаҳран дар тамоми олам ва дар маҷмӯи олам ҳам дар ирфон чунин фарз намешавад.

Дар ин ки Ҳофиз мардест ориф ва худаш ҳам худашро ба сифати ирфонӣ меситояд, баҳсе нест, гӯ ин ки бо "сӯфӣ" — ки як истилоҳи тақрибан урфӣ шуда буда, яъне як тасаввуфи ҳирфаӣ дар миёни мардум пайдо шуда буд, ки он ҳам аз назари ориф як навъ дару дӯкон буд — ва бо тасаввуф аҳёнан мубориза мекунад, на ҳамеша, яъне сӯфиро тақсим мекунад ба сӯфии шоиста ва сӯфии ношоиста, масалан:

*Нақди сӯфӣ на ҳама софийи бе гиш бошад,*

*Эй басо хирқа, ки муставҷиби оташ бошад.*

Вале орифро — чун ҳанӯз мафҳуми ҳирфаӣ пайдо накарда буд — ҳеч вақт нақд намекунад ва ҳамеша ситоиш мекунад. Бале, сӯфиро якҷо ситоиш мекунад, якҷо на. Ин барои он аст, ки сӯфӣ дар назари ӯ ду навъ аст: сӯфие, ки воқеан ҳамон ориф аст, ва сӯфии ҳирфаӣ, ки дару дӯкон дуруст карда. Ба ҳар ҳол, дар ин ки Ҳофиз худашро ориф муаррифӣ мекунад, баҳсе нест, ва ба илова, ҷумлаҳояш ҳама ҷумлаҳои ирфонист, таъбироташ роҷеъ ба олами ирфонист. Бинобар ин, дар мантиқи Ҳофиз наметавонад номавзунӣ, хато ва амсоли инҳо дар кори олам фарз бишавад. Ин як ҷиҳат, ки аслан лозимаи мактаби Ҳофиз ин аст ва ҷуз ин наметавонад бошад. Ба илова, Ҳофиз дар бисёре аз ашъораш ба ин матлаб тасреҳ мекунад, масалан, ғазали маъруфе дорад, ки мегӯяд:

*Дар хароботи мугон нури Худо мебинам,*

*Ин аҷаб бин, ки чӣ нуре зи куҷо мебинам…*

*Сӯзи дил, ашки равон, оҳи саҳар, нолаи шаб*

*Ин ҳама аз назари лутфи шумо мебинам.*

*Ҳар дам аз рӯйи ту нақше занадам роҳи хаёл,*

*Бо кӣ гӯям, ки дар ин парда чиҳо мебинам*

*Кас надидаст зи мушки Хутану нофаи Чин*

*Он чӣ ман ҳар саҳар аз боди сабо мебинам.*

… то ин шеър, ки мегӯяд:

*Нест дар доира як нукта хилоф аз пасу пеш,*

*Ки ман ин масъала бе чуну чаро мебинам.*

Таъбире ирфонӣ аз он таъбири фалсафӣ аст, ки мегӯяд:

لَيْسَ فِى الْإمْكانِ اَبْدَعُ مِمّا كان

Дар ғазали дигаре, ки бо ин байт оғоз мешавад:

*Дӯш аз масҷид сӯйи майхона омад пири мо,*

*Чист, ёрони тариқат, баъд аз ин тадбири мо.*

Мегӯяд:

*Рӯйи хубат ояте аз лутф бар мо кашф кард,*

*З-он замон ҷуз лутфу хубӣ нест дар тафсири мо.*

Мо туро, ки ба унвони як ҷамоли мутлақ мебинем, дигар наметавонем ғайр аз хубӣ бибинем, маънӣ надорад. Дар ғазали дигаре, ки чунин оғоз мешавад:

*Чу бишнавӣ сухани аҳли дил, магӯ, ки хатост,*

*Суханшинос найӣ, ҷони ман, хато ин ҷост,*

*Сарам ба дуняву уқбо фурӯ намеояд,*

*Таборакаллаҳ аз ин фитнаҳо, ки дар сари мост.*

Яъне мо Худоҷӯ ҳастем, на дунёҷӯ ва на охиратҷӯ, балки болотар.

*Дар андаруни мани хастадил надонам кист,*

*Ки ман хамӯшаму ӯ дар фиғону дар ғавғост?*

Мегӯяд:

*Маро ба кори ҷаҳон ҳаргиз илтифот набуд.*

*Рухи ту дар назари ман чунин хушаш орост.*

Боз дар ғазали маъруфе, ки бо ин байт оғоз мешавад:

*Булбуле барги гуле хушранг дар минқор дошт,*

*В-андар он баргу наво хуш нолаҳои зор дошт.*

Мерасад ба ин байт:

*Хез, то бар килки он наққош ҷонафшон кунем,*

*К-ин ҳама нақши аҷаб дар гардиши паргор дошт.*

Дар ҷойи дигар, ки зоҳиран зимни як мадиҳа аст мегӯяд:

*Даври фалакӣ яксара бар минҳаҷи адл аст,*

*Хуш бош, ки золим набарад роҳ ба манзил.*

Байте дорад, мегӯяд:

*Орифе ку, ки кунад фаҳм забони савсан,*

*То бигӯяд, ки чаро рафту чаро бозомад*?

Яъне, як ориф ин ҳастиҳо ва нестиҳо ва ин омаданҳо ва рафтанҳоро дарк мекунад, ғайри ориф мегӯяд, чаро ин ашёе, ки меоянд, баъд мераванд ва фонӣ мешаванд? Вале як ориф рози инҳоро дарк мекунад. Ва боз ҳам ашъори дигаре ҳаст.

Аммо дар Ҳофиз ашъоре ҳаст, ки баъзе гумон кардаанд ва ё лоақал мустамсак қарор додаанд, ки хайр, аслан Ҳофиз ба амри хилқат мӯътариз буда, ӯ дар амри хилқат таъаммул мекарда ва баъд медида чизҳое, ки набояд бибинад ва надиданист ва мавриди эътироз аст, ва ҳар чӣ ҳам, ки ин тарафу он тараф, ба ҳикматҳо ва фалсафаҳо рӯ овард, натавонист роҳи ҳалле пайдо кунад, ин буд, ки ба қавли онҳо, ба риндӣ рӯ овард, вале риндие, ки онҳо Ҳофизро тафсир кардаанд, яъне мастӣ ва дам ғанимат шумурдан ва амсоли инҳо. Он гоҳ гуфтаанд, ки дар баъзе ашъори Ҳофиз сареҳан эътироз ба хилқат ҳаст. Як шеъраш шеъри маъруфест дар он ғазале, ки бо ин байт оғоз мешавад:

*Сӯфӣ ар бода ба андоза хӯрад, нӯшаш бод,*

*Варна андешаи ин кор, фаромӯшаш бод.*

… мерасад ба ин шеър, ки хеле маъруф ҳам ҳаст ва шунидаам, ки марҳум Ҷалоли Даввонӣ аз ҳукамо ва фалосифа рисолае дар бораи ин шеър навишта, вале ман надидаам ва шояд чоп ҳам нашуда бошад. Мегӯяд:

*Пири мо гуфт: хато бар қалами сунъ нарафт.*

*Офарин бар назари поки хатопӯшаш бод!*

Онҳо мегӯянд, ин шеър мегӯяд: пири мо, устоди мо, муаллими мо гуфт, ки дар қалами сунъ ҳеч хатое сурат нагирифта, ҳеч чизе, ки набоист бошад вуҷуд надорад, офарин бар назари поки хатопӯшаш; назари поке, ки рӯйи хаторо мепӯшад! Яъне хато вуҷуд дорад, вале лойи сабил мегузорад, мегӯяд, ҳарфашро назан, вуҷуд дорад, вале хуб, нагӯем, ҳарфашро назанем, бигӯем иншоаллоҳ гурба аст. Онҳое, ки ин шеърро ин ҷур маънӣ кардаанд, баъд гуфтаанд, бинобар ин бо таваҷҷӯҳ ба он шеърҳои дигари Ҳофиз, ки масалан мегӯяд:

*Нест дар доира як нукта хилоф аз пасу пеш,*

*Ки ман ин масъала бе чуну чаро мебинам.*

… ин дуро бо ҳамдигар чӣ гуна мешавад тавҷеҳ кард? Гуфтанд, як вақте он ҷур фикр мекарда, як вақте ҳам ин ҷур фикр мекарда. Яъне онҳо шак надоранд, ки ин шеър бо он ашъор ҷур дарнамеояд, мунтаҳо гуфтаанд, як вақте он ҷур фикр мекарда, як вақте ҳам ин ҷур, вале намедонем, ки аввал онро гуфта баъд инро, ё аввал инро гуфта баъд онро?

Яке аз касоне, ки хеле дилаш мехоҳад Ҳофизро мисли худаш тавҷеҳ кунад, мегӯяд, ки ба назари ман аслан Ҳофиз ин шеърро дар давраи пухтагиаш гуфта, чаро? Ба чӣ далеле? Барои ин ки ӯ дар ҳадди куфр як ҳарфе зада ва агар ин ҳарф дар девонаш мебуд, он вақт Шоҳ Шуҷоъ, ки ба ӯ эътироз кард, ки ту чаро гуфтӣ:

*Гар мусалмонӣ аз ин аст, ки Ҳофиз дорад,*

*Оҳ агар аз пайи имрӯз бувад фардое!*

.. ба ин шеър низ эътироз мекард. Маълум мешавад, ин шеърро он вақт нагуфта буда, балки дар охири умр ва баъд аз марги Шоҳ Шуҷоъ гуфтааст.

Бо он баёне, ки дар боби "назари ориф» арз кардем, ҷавоби ин ҳарф хеле возеҳ ва равшан аст. Дар диди ориф хато асосан вуҷуд надорад ва наметавонад вуҷуд дошта бошад, чӣ тавр? Ориф аз Худо оламро мебинад, аз боло ҷаҳонро мебинад, ғайр аз файласуф ва мардуми оддӣ аст, ки аз пойин ҷаҳонро мебинанд. Он ки ҷаҳонро аз пойин мебинад, ӯ қаҳран так-

так ва ҷузъ-ҷузъ мебинад ва тамоми низомро якҷо наметавонад бибинад. Дар як маҷмӯъа, аҷзоъро дидан, як ҷузъро инсон бибинад ва танҳо бихоҳад рӯйи он қазоват кунад, як ҳукм дорад, дар маҷмӯъ бибинад ҳукми дигаре дорад. Шумо зеботарин чеҳраҳоро дар назар бигиред; агар ҳамаи ин чеҳраро бипӯшанд, фақат ду ришта дандон пайдо бошад, бо сари мурда ҳеч тафовуте надорад, одам аз диданаш ваҳшат мекунад; ё фақат як чашмро инсон бибинад, ё фақат як абрӯро бибинад. Ҳоло зеҳни инсон аз боби ин ки вақте як узвро мебинад аъзои дигарро муҷассам мекунад, намегузорад, ки хеле зишт ба назар ҷилва кунад, вале агар инсон ба он қисматҳое, ки дар зери парда ҳаст таваҷҷӯҳ надошта бошад, қаҳран он чунон ки лоақал зебо бояд бибинад, намебинад. Вақте зебоиаш он чунон ки ҳаст ҷилва мекунад, ки ҳамаро бо якдигар бибинад. Он ки аз боло нигоҳ мекунад, дидаш комил аст, он ки аз пойин нигоҳ мекунад, дидаш ноқис аст. Дар диди ноқис хато меояд. Вақте ки "дид" комил шуд, дигар дар ин дид тамоми он чӣ, ки хато дар диди ноқис вуҷуд дошт, аз байн меравад.

Албатта Ҳофиз расмаш ҳам ин аст, ки ҳамеша махсусан дупаҳлӯ ҳарф мезанад, ки ин худаш достони муфассале аст. Вале манзураш ҳамин аст, ки бо диди поки "комил" (нақсе вуҷуд надорад.) Пир яъне комил (қаринааш дар худаш аст). Пас, ғайрикомил нақс мебинад, вале комил аст, ки ҳаргиз нақсе намебинад. Чаро наметавонад нақс бибинад? Аз боби ин ки ӯ ҳамаро бо ҳам мебинад, маҷмӯи низомро мебинад ва дар маҷмӯи низом нақсе асосан вуҷуд надорад. Маҷмӯи низом ҳамонест, ки худаш таъбир карда ба ҷилваи зоти Ҳақ, сояи зоти Ҳақ. Ва ба қавли худашон, зилли "Ҷамил" ҷамил аст, сояи "Зебо" зебост, акси "Зебо" зебост. Он ки дидаш ҷузъӣ аст, наметавонад акси "Зебо"-ро бибинад, ӯ қитъае аз аксро мебинад, ҷузъе аз аксро мебинад. Махсусан, ки дар яке ду байти баъдаш ашъоре дорад, ки боз ҳикоят мекунад аз ниҳояти зебобинӣ ва хушбинӣ, мегӯяд:

*Чашмам аз ойинадорони хату холаш гашт,*

*Лабам аз бӯсарубоёни бару дӯшаш бод*!

Яъне дар чашми ман он чӣ, ки мебинам, хату хол аст, ишора ба:

*"Ҷаҳон чун хатту холу чашму абрӯст,*

*Ки ҳар чизе ба ҷойи хеш некӯст".*

*Наргиси масти навозишкуни мардумдораш*

*Хуни ошиқ ба қадаҳ гар бихӯрад, нӯшаш бод*!

Аз ҳамаи ашъор, он ки дар бораи он бештар рӯйи ин ҷиҳат истидлол кардаанд, ҳамин шеър аст (*"Пири мо гуфт: хато бар қалами сунъ нарафт…"*), ки ин ҳам таклифаш ҳамин тавр, ки арз кардам равшан шуд.

Як идда ашъори дигар ҳам буд, ки мо дар гузашта сӯҳбат кардем, онҳо ҳам айнан мисли ҳамин шеърҳост, ки акнун арз мекунем.

Дар баъзе аз ашъор, Ҳофиз чизе мегӯяд, ки (бархе) чунин гумон кардаанд, ки (вай мегӯяд) бале, мо аз роҳи фикру фалсафаю ин ҳарфҳо рафтем (ғайр аз ин ҳам, ки дигар роҳе нест), ба ҷойе нарасидем, маъюс шудем, гуфтем, дигар умрро ба ин ҳарфҳо набояд талаф кард, пас лоақал ҳоло, ки ба ҷойе намерасем, аз ин фурсати чандрӯзаи умр истифода кунем ва хулоса бизанем ба дари айёшӣ. Аз ҷумла байти маъруфе ҳаст, ки мегӯяд:

*Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,*

*Ки кас нагшуду нагшояд ба ҳикмат ин муамморо.*

Аввали ғазал ин аст:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*

*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро…*

*Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист,*

*Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯйи зеборо*!

Мехоҳад бигӯяд, ҷамолу зебоии ӯ бениёз аз ишқварзии мост, ӯ гулест, ки аз нағмасаройии булбулҳо бениёз аст:

نَّ اللّهَ خَلَقَ الْخَلْقَ حينَ خَلَقَهُمْ غَنِيّاً عَنْ طاعَتِهِمْ

Ӯ бениёзи мутлақ аст аз тоати мо, аз ишқварзии мо, аз ибодати мо ва аз ҳама чиз

*Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист,*

*Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯйи зеборо!*

*Ман аз он ҳусни рӯзафзун, ки Юсуф дошт донистам,*

*Ки ишқ аз пардаи исмат бурун орад Зулайхоро.*

*Агар дашном фармойӣ в-агар нафрин, дуо гӯям,*

*Ҷавоби талх мезебад лаби лаъли шакархоро.*

Яъне, агар маро биронӣ, боз ҳам аз ту намеранҷам. Мехоҳад бигӯяд, ки дар балои ту ҳам на фақат собирам, балки шокирам.

*Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд,*

*Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.*

Он панд чист?

*Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,*

*Ки кас нагшуду нагшояд ба ҳикмат ин муамморо.*

Инҷо Ҳофиз чӣ мехоҳад бигӯяд? Хеле возеҳ аст. Дар даҳҳо шеъри дигар қарина дорад. Тарҷеҳи олами ирфон аст бар олами фалсафа, тарҷеҳи роҳи ишқ аст бар роҳи ақл.

Танҳо Ҳофиз ин ҳарфро назада, ҳамаи урафо ин ҳарфро мезананд. Ихтилофи файласуф ва ориф дар ин аст. Файласуф ҳам мехоҳад ба рози ҷаҳон пай бибарад, ориф ҳам мехоҳад ба рози ҷаҳон пай бибарад. Ӯ ҳам мехоҳад ба ҳақиқат бирасад, ин ҳам мехоҳад ба ҳақиқат бирасад. Аммо файласуф баъд аз солҳои хеле зиёд, охири умраш, ки мерасад, мебинед, ки изҳори аҷз мекунад, мегӯяд: "*Маълумам шуд, ки ҳеч маълум нашуд.*" (Мегӯянд аз Фахри Розӣ аст) ё Бӯалӣ мегӯяд:

*Дил гарчӣ дар ин бодия бисёр шитофт,*

*Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.*

*Андар дили ман ҳазор хуршед битофт,*

*Охир ба камоли заррае роҳ наёфт.*

Ё Хайём мегӯяд:

*Онон, ки муҳити фазлу одоб шуданд,*

*Дар ҷамъи улум шамъи асҳоб шуданд.*

*Раҳ з-ин шаби торик набурданд ба рӯз,*

*Гуфтанд фасонаеву дар хоб шуданд.*

Ориф мехоҳад бигӯяд, ки агар касе хиёл кунад, аз роҳи ҳикмату фалсафа, ки роҳи ақлу фикр аст, инсон ба он ҳадафи худаш, ки пай бурдан ба рамзу рози ҳастӣ аст мерасад, иштибоҳ мекунад, роҳи ишқро бояд тай кунад, ки роҳи ирфону сулук аст. Дар роҳи ақл, инсон худаш якҷо истода фикраш мехоҳад кор кунад, дар роҳи ишқ инсон ба тамоми вуҷудаш ба сӯйи ӯ парвоз мекунад. Ин аст, ки мегӯяд:

*Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,*

*Ки кас нагшуду нагшояд ба ҳикмат ин муамморо.*

Тоза, ориф ҳам дунболи рози даҳр намеравад, дунболи худи он асли матлаб меравад, вале ӯро, ки пайдо кард, рози даҳр ҳам барояш кашф шуда. Ва ба илова, бо ашъори қабл:

*Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист,*

*Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯйи зеборо*!

Бо ин ҳарфҳо оё аслан мешавад эҳтимол дод, ки мақсудаш ин ҳарфи муҳмалест, ки инҳо доранд ба ин шеъри Ҳофиз нисбат медиҳанд?

Ва боз ашъори дигаре дар ҳамин замина Ҳофиз дорад. Ҳофиз бо ду тоифа дар ин масъала ихтилофи назар дорад: гоҳе файласуфро мухотаб қарор медиҳад ва мегӯяд аз фалсафа инсон ба ҷойе намерасад, гоҳе зоҳидро. Мехоҳад бигӯяд аз зуҳди хушк ва ибодати хушк инсон ба ҷойе намерасад, роҳ фақат роҳи ишқ аст. Масалан, дар як шеъраш мегӯяд:

*Нашавӣ воқифи як нукта зи асрори вуҷуд,*

*То на саргашта шавӣ доираи имконро.*

Ин саргаштагӣ ҳамон саргаштагии ишқ яъне ҷунуни ишқ аст: то аз ин роҳ ворид нашавӣ, имкон надорад (ба сирре аз асрори вуҷуд огоҳ шавӣ). Гоҳе хитоб ба зоҳид мегӯяд:

*Бирав, эй зоҳиди худбин, ки зи чашми ману ту,*

*Рози ин парда ниҳон асту ниҳон хоҳад буд.*

“Ману ту”, ки мегӯяд, чун инсон худашро ҳамеша қотӣ мекунад. Ин “ману ту” яъне ту. Дар ашъори зиёде тасреҳ мекунад, ки фақат як нафар ориф аст, ки метавонад ба роз пай бибарад. Масалан мегӯяд:

*Рози даруни парда зи риндони маст пурс,*

*К-ин ҳол нест зоҳиди олимақомро.*

Дар ин замина ашъори зиёде аст, ки худаш тасреҳ мекунад ба ин матлаб, ки аз тариқи ирфон инсон муваффақ ба ҳалли муаммои ҳастӣ ва ҷаҳон мешавад, вале аз роҳи ҳикмат ё аз роҳи зуҳди хушк инсон ба ҷойе намерасад. Урафо ҳамеша бо ин ду тоифа тараф будаанд: зоҳидҳои хушк — махсусан риёкорон, ки дигар вовайлост — ва дигар фалосифа. Ин як масъала буд дар ҷаҳонбинии ирфонӣ.

**Инсон дар ирфон**

Масъалаи дигар масъалаи инсон аст, ки қаблан арз кардем. Дар Ҳофиз роҷеъ ба “биниши ирфонӣ дар бораи инсон” зиёд сухан омада ва хеле олӣ. Боз назари ориф дар бораи инсон, бо назари файласуф хеле мутафовит аст. Инсон дар ирфон хеле мақоми олӣ дорад, ба таъбири худи урафо мазҳари томму тамоми Худост, ойинаи тамомнамои Ҳақ аст ва ҳатто онҳо инсонро “олами кабир” ва оламро “олами сағир” ё “инсони сағир” меноманд, ки қаблан ба ин матлаб ишора кардем.

Ҳофиз дар инҷо, ки мехоҳад бигӯяд, инсон мазҳари томму атамм ва мазҳари ҷамиъи асмо ва сифоти илоҳӣ аст, аз инсон ба “Ҷоми Ҷам” таъбир мекунад, яъне аз як афсона истифода мекунад (гоҳе дар шеър аз афсона истифода мекунанд). Мегӯянд, Ҷамшед як ҷоме дошт, ки ҷаҳоннамо буд, вақте ба он ҷом нигоҳ мекард, тамоми ҷаҳонро медид.

Мехоҳанд бигӯянд, қалби инсон, руҳи инсон, маънавияти инсон ҳамон ҷоми ҷаҳоннамост. Агар инсон ба даруни худаш нуфуз кунад, агар дарҳои дарун ба рӯйи инсон боз шавад, аз даруни худаш тамоми олам (-ро шуҳуд мекунад.) Даруни инсон дарвозае аст ба рӯйи ҳамаи ҳастӣ ва ҳамаи ҷаҳон, чун аз инҷо ин дар ба рӯйи Ҳақ боз мешавад ва Ҳақро, ки инсон бибинад, ҳама чизро мебинад. Ҳофиз дар инҷо хеле шоҳкор ба харҷ дода, яке он ғазали маъруфаш аст, ки мегӯяд:

*Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард,*

*В-он чӣ худ дошт, зи бегона таманно мекард.*

*Гавҳаре, к-аз садафи кавну макон берун аст,*

*Талаб аз гумшудагони лаби дарё мекард…*

*Бедиле дар ҳама аҳвол Худо бо ӯ буд,*

*Ӯ намедидашу аз дур Худоё мекард.*

*Мушкили хеш бари пири мугон бурдам дӯш,*

*К-ӯ ба таъйиди назар ҳалли муаммо мекард.*

*Дидамаш хурраму хандон, қадаҳи бода ба даст,*

*В-андар он ойина садгуна тамошо мекард.*

“Қадаҳи бода” бидуни шак яъне қалби худаш, яъне пири муғон дар қалби худаш мутолеа мекард.

*Гуфтам: ин ҷоми ҷаҳонбин ба ту кай дод ҳаким?*

*Гуфт: он рӯз, ки ин гунбади Мино мекард.*

Аз инҷоҳо одам мефаҳмад, ки ҷоми Ҳофиз, майи Ҳофиз, пири муғон… инҳо чӣ маънӣ медиҳад.

*Ин ҳама шӯъбадаҳо ақл, ки мекард инҷо,*

*Сомирӣ пеши асову яди байзо мекард.*

Ин, таҳқири ақл аст дар муқобили ишқ. Ақл дар муқобили ишқ чӣ метавонад бикунад? Ақл Сомирӣ аст дар муқобили ишқ, ки Мӯсо аст.

*Гуфт он ёр к-аз ӯ гашт сари дор баланд,*

*Ҷурмаш ин буд, ки асрор ҳувайдо мекард.*

Достони Ҳаллоҷро мехоҳад бигӯяд, ки ӯ расида буд ба ҳамон марҳилае, ки пири муғон расида буд, ки дар онҷо дигар худаш фонӣ буд ва ӯ худро намедид, ӯ “ана”, ки мегуфт, Ҳаллоҷ набуд, ки “ана” мегуфт, ӯ зоти Ҳақ буд, ки “ана” мегуфт, вале мардум, ки наметавонистанд таҳаммул кунанд. Ин сирро ӯ набояд ошкор мекард ва ошкор кард ва ғайрати Ҳақ ӯро ба дор овехт. “Ҷурмаш” мехоҳад бигӯяд, ҷурмаш пеши Ҳақ ин буд, на ҷурмаш пеши мардум.

*Гуфт он ёр к-аз ӯ гашт сари дор баланд,*

*Ҷурмаш ин буд, ки асрор ҳувайдо мекард.*

*Файзи Руҳулкудс ар боз мадад фармояд,*

*Дигарон ҳам бикунанд он чӣ Масеҳо мекард.*

Агар файзи илоҳӣ, инояти илоҳӣ бирасад (дигарон ҳам он чиро, ки ҳазрати Масеҳ анҷом медод, анҷом медиҳанд), он мӯъҷизаҳои исавӣ дар асари иттисол ба Ҳақ аст.

*Он ки чун гунча дилаш рози ҳақиқат бинуҳуфт,*

*Вараќи хотир аз ин нукта муҳашшо мекард.*

Дар ин замина ҳам боз Ҳофиз ашъори дигаре дорад, масъалаи мазҳарияти атамми инсон, ки дар ирфон бобм бисёр васеъе аст ва Ҳофиз ҳам бисёр дар ин мавзӯъ сухан гуфта, ки ҳамин шеъраш дар инҷо кофӣ аст.

**Инсони қабладдунё**

Яке дигар аз масоили ҷаҳонбинии ирфонӣ дар заминаи инсон, масъалаи инсони қабладдунё аст. Дар диди ирфонӣ, инсон як мавҷуди хокӣ нест, бар хилофи дидҳои моддӣ ва бархе аз дидҳои фалсафӣ, ки мегӯянд, дар табиат як феълу инфиъолҳое шуд ва инсон ба вуҷуд омад ва руҳу равони инсон ҳам шайъе аст мавлуди ин.

Дар ҷаҳонбинии ирфонӣ, инсон як мавтине қабл аз ин дунё дорад, албатта на ба он маънои афлотунӣ, ки ҳатман ин ҷур бошад, ки руҳи инсон ба ҳамин сурати шахсӣ ва фардӣ дар як ҷаҳони дигаре буда, мисли мурғе, ки меояд дар ошёна ҷо мегирад ва мехоҳад биравад. На, мехоҳад бигӯяд, аслаш аз онҷост, партаве аст, ки аз онҷо тобида ва баъд ба онҷо ҳам бозгашт мекунад. Ин ҳам дар ашъори Ҳофиз зиёд омадааст. Ҳоло баъзе ашъорашро бароятон мехонам. Ғазале хеле олӣ дорад, ки мегӯяд:

*Мо бад-ин дар на пайи ҳишмату ҷоҳ омадаем,*

*Аз бади ҳодиса инҷо ба паноҳ омадаем.*

Ишора ба достони Одам аст бо таъбири ирфониаш, достони исёни Одам ва ронда шуданаш ва…

*Раҳрави манзили ишқему зи сарҳадди адам,*

*То ба иқлими вуҷуд ин ҳама роҳ омадаем.*

Гуфтем, ориф ҳастиро мавлуди ишқ медонад:

كُنْتُ كَنْزاً مَخْفِيّاً فَاَحْبَبْتُ اَنْ اُعْرَفَ فَخَلَقْتُ الْخَلْقَ لِكَىْ اُعْرَفَ

*Сабзаи хатти ту дидему зи бӯстони биҳишт*

*Ба талабгории ин меҳргиёҳ омадаем.*

Мо аз онҷо ба инҷо омадаем.

*Бо чунин ганҷ, ки шуд хозини ӯ Руҳ(и)амин,*

*Ба гадоӣ ба дари хонаи шоҳ омадаем.*

Дар айни ҳол омадаем инҷо комил шавем, ба феълият бирасем ва баргардем.

*Лангари ҳилми ту, эй киштии тавфиқ, куҷост?*

*Ки дар ин баҳри карам ғарқи гуноҳ омадаем.*

*Обрӯ меравад, эй абри хатопӯш, бибор,*

*Ки ба девони амал номасиёҳ омадаем.*

Дар як ғазали дигараш ҳамин масъалаи “инсони қабладдунё”-ро ба ин сурат мегӯяд:

*Фош мегӯяму аз гуфтаи худ дилшодам,*

*Бандаи ишқаму аз ҳар ду ҷаҳон озодам.*

*Нест бар лавҳи дилам ҷуз алифи қомати ёр,*

*Чӣ кунам, ҳарфи дигар ёд надод устодам.*

*Тоири гулшани қудсам, чӣ диҳам шарҳи фироқ,*

*Ки дар ин домгаҳи ҳодиса чун афтодам?*

*Ман малак будаму фирдавси барин ҷоям буд,*

*Одам овард дар ин дайри харобободам.*

Албатта ин ки “Одам овард” аз назари ориф як нақсе аст, ки муқаддимаи камол аст, як исёне аст, ки мунҷар ба мағфират ва тавба ва бозгашт мешавад. Аслан камоли Одам дар исён буд, вале на дар исён аз он ҷиҳат, ки исён аст. Исён агар исён бошад ва мутаваққиф бишавад, он нузул аст ва инҳитот ва суқут, вале агар мунҷар ба тавба ва бозгашт бишавад, он камол аст.

*Сояи Тубиву дилҷӯйии ҳуру лаби ҳавз,*

*Ба ҳавойи сари кӯйи ту бирафт аз ёдам.*

Он чӣ, ки дар онҷо буд, ҳамаро фаромӯш кардем, ҳоло инҷо ба ҷойи хеле болотар меравем.

Дар ғазали дигаре ҳамин матлабро мегӯяд, ва Ҳофиз рӯйи ин матлаб хеле такя дорад:

*Чӣ гӯямат, ки зи сӯзи дарун чӣ мебинам,*

*Зи ашк пурс ҳикоят, ки ман наям ғаммоз…*

*Ки эй баландназар шоҳбози сидранишин,*

*Нишемани ту на ин кунҷи меҳнатобод аст.*

*Туро зи кунгураи арш мезананд сафир,*

*Надонамат, ки дар ин домгаҳ чӣ афтодаст?*

Боз ғазали дигар:

*Ҳиҷоби чеҳраи ҷон мешавад ғубори танам,*

*Хушо даме, ки аз он чеҳра парда барфиканам.*

Ман ҳақиқатан таъаҷҷуб мекунам аз як идда мардуме, ки мисли ин ки дасте ва дастгоҳе ҳаст, ки ҳоло ҳар ҷур ҳаст, амсоли Ҳофизро ба як шакле масх кунанд, ки аз ин роҳ ва ба ин васила билохира ба ҷойи ин ки фикри мардумро боло бибаранд ва таъолӣ бидиҳанд, мардумро ба сӯйи фасод ва табоҳӣ ва инҳироф савқ бидиҳанд. Мегӯянд, аслан Ҳофиз мӯътақид ба маъоду олами баъд аз марг набуда. Ҳоло, худ бечора чӣ мегӯяд, онҳо чӣ мегӯянд.

*Ҳиҷоби чеҳраи ҷон мешавад губори танам,*

*Хушо даме, ки аз он чеҳра парда барфиканам.*

*Чунин қафас на сазои чу ман хушилҳонест,*

*Равам ба гулшани ризвон, ки мурги он чаманам.*

… то онҷо, ки мегӯяд:

*Агар зи хуни дилам бӯйи шавқ меояд,*

*Аҷаб мадор, ки ҳамдарди нофаи Хутанам.*

Ҷудо шуданаш аз онҷо (-ро баён мекунад.) Мехоҳад бигӯяд, ин нофаи Хутан ин бӯйи хушашро аз чӣ дорад? Аз ин, ки ҳамҷивори оҳу буда, муддате дар зери шиками оҳу — ин мавҷуди зебо, ки зарбулмасали зебоӣ аст — буда. Агар ту аз хуни дили ман бӯйи мушк мешунавӣ, охир ман як рӯзе бо ӯ будаам.

*Тарози пироҳани заркашам мабин, чун шамъ,*

*Ки сӯзҳост ниҳонӣ даруни пираҳанам.*

Дар як ғазали дигар дар ҳамин замина мегӯяд:

*Чил сол беш рафт, ки ман лоф мезанам,*

*К-аз чокарони пири мугон камтарин манам.*

*Ҳаргиз зи юмни отифати пири майфурӯш*

*Согар тиҳӣ нашуд зи майи софи равшанам.*

Мехоҳад бигӯяд, дар тамоми ин муддате, ки ман дар сулук будам, ҳамеша файз мегирифтам ва илҳомот ва ишроқот ва мукошифот доштаам.

*Аз чоҳи ишқу давлати риндони покбоз*

*Пайваста садри мастабаҳо буд масканам.*

*Дар шаъни ман ба дурдкашӣ занни бад мабар,*

*К-олуда гашт ҷома, вале покдоманам.*

Ин "*олуда гашт ҷома, вале покдоманам*" ҳамон масъалаи бадномӣ аст, яъне шикастани ному нанг, як равише андаке шабеҳи маломатӣ, ки шояд дар Ҳофиз ҳам буда, яъне тазоҳур кардан ба як чизҳое бар хилофи он чӣ, ки ҳаст, яъне хуб бошад ва ба бадӣ дар миёни авом тазоҳур кунад. Ин як равише буда, ки инҳо доштаанд, ҳоло ин равиш хуб аст ё бад, ман кор надорам, вале чунин равише буда. То онҷо, ки мегӯяд:

*Шаҳбози дасти подшаҳам, ин чӣ ҳолат аст,*

*К-аз ёд бурдаанд ҳавои нишеманам?*

Албатта ин як шеърро инсон эҳтимол медиҳад, ки дар они воҳид ду маънӣ дошта бошад, ҳам назар дошта бошад ба подшоҳи замони худаш, равобити инсонии худаш бо ӯро бихоҳад баён кунад, ва ҳам дар айни ҳол маънои ирфонии худашро мегӯяд. Ин ҳам як масъала.

**Ғурбати инсон дар ҷаҳон**

Ба дунболи ин масъала дар бораи инсон, як масъалаи дигар дар миёни урафо матраҳ аст, ки тобеъи ин масъала аст, ва он масъалае аст, ки ба номи "ғурбати инсон дар ҷаҳон" тарҳ мешавад.

Мебинед, дар адабиёти ирфонӣ инсон дар дунё ҳукми як фардеро дорад, ки дар билоди ғурбат ба сар мебарад, чӣ ҷур эҳсоси ғурбат ва эҳсоси бегонагӣ ва эҳсоси адами таҷонус мекунад? Баъд аз ҳазор сол, ки урафо ин ҳарфҳоро задаанд, ҳоло тоза фарангиҳо дар фалсафаҳои ҷадид масъалаи ғурбати инсонро матраҳ кардаанд, он ҳам ба як шакли касифи палиде. Вале ин эҳсос воқеан дар инсон ҳаст. Инсон дар ин ҷаҳон як навъ эҳсоси бегонагӣ бо ҳамаи ин олам мекунад ва як навъ эҳсоси ғурбат дар ҳамаи олам мекунад. Чаро?

Мегӯянд, барои ин аст, ки мо, он ки "мо"-и воқеии мост, ки ҳамон руҳи илоҳӣ

وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِى

… аст, аз ҷойи дигар ба инҷо ифоза шуда ва бояд баргардад, ватани аслиаш инҷо нест, ҷойи дигар аст. Аз ҷойи дигар омада ва бояд ба онҷо баргардад. Пас, ватанаш инҷо нест, инҷо ватани санг аст, ватани хок аст, ватани кулӯх аст, ватани гиёҳ аст, ватани саг аст, ватани ҳайвон аст, яъне мавҷудоти сад дар сад табиӣ, вале мо як мавҷуди сад дар сад табиӣ нестем,

он воқеияти мо воқеияти моварои табиӣ аст, ватани аслии мо онҷост, моро аз онҷо ҷудо кардаанд. Ин аст, ки мо дар инҷо ғариб ҳастем. Он вақт дар ин мавзӯи ғурбат чӣ суханони олӣ ва латифе гуфтаанд!

Достони тӯтиро дар Маснавӣ шунидаед, ки мегӯяд, тоҷире буд ва як тӯтӣ дошт (ва тӯтиро маъмулан аз Ҳиндустон меоваранд). Вақте ки мехост ба Ҳиндустон биравад, баччаҳоро ҷамъ кард, аз ҷумла тӯтӣ ҳам онҷо буд, гуфт: ҳоло ҳар суфорише доред бигӯед, то вақте аз сафар бармегардам, барои шумо савғотӣ биёварам.

Ҳар касе як чизе гуфт ва тӯтӣ гуфт: ман ҳарфе надорам ғайр аз ин ки онҷо вақте меравӣ, дар боғистонҳо, тӯтиҳоро, ки мебинӣ, фақат бигӯ, ки шумо ҳам як нафаре аз худатон, яке, ки ҳамҷинси шумост инҷо назди ман дар қафас аст ва шарҳи ҳоли маро барои онҳо бозгӯ кун, ман суфориши дигаре надорам. Он вақт агар онҳо пайғоме доштанд, пайғомашонро барои ман биёвар.

Ӯ рафт ва сафарашро анҷом дод ва баъд барои ин ки пайғоми тӯтиро расонда бошад, рафт дар ҷангале, ки тӯтӣ хеле зиёд буд ва дар муқобили тӯтиҳо истод ва ҳарфашро зад, ки бале, ман тӯтие дорам инчунин ва вазъаш ин тавр аст ва ман як қафасе ин гуна барояш таҳия кардаам ва вақте хостам биёям чунин пайғоме дод, ҳоло агар шумо пайғоме доред бигӯед. Мегӯяд, то инро гуфтам, дидам тамоми ин тӯтиҳо мисли ин ки ногаҳон сакта карданд ва мурданд, аз рӯйи дарахтҳо афтоданд рӯйи замин. Эй бобо, ин чӣ коре буд ман кардам, боиси марги ҳазорҳо тӯтӣ шудам! Вақте ки баргашт ва савғотиҳоро овард, ба тӯтӣ расид, тӯтӣ гуфт: оё пайғоми маро расондӣ? Гуфт: бале расондам, вале хеле бад шуд. Гуфт: чӣ шуд? Гуфт: то гуфтам, ҳамаи онҳо якҷо мурданд. Ин ҳам то шунид, ҳамон ҷойе, ки буд, ҳамон тавр аз ғусса афтод ва мурд. Аҷаб коре! Боз як марги дигаре! Ғуссааш афзун шуд, чун тӯтии азизаш мурд, вале дигар коре намешуд кард, пойи тӯтиро гирифт ва онро аз қафас берун андохт. То андохт берун, тӯтӣ парвоз кард ва рафт. Маълум шуд он дарс буда, гуфтанд: ту агар мехоҳӣ аз ин қафас озод шавӣ, бояд бимирӣ.

*Бимир, эй дӯст, пеш аз марг, агар ме зиндагӣ хоҳӣ,*

*Ки Идрис аз чунин мурдан биҳиштӣ гашт пеш аз мо.*

موتوا قَبْلَ اَنْ تَموتوا

اَخْرِجوا مِنَ الدُّنْيا قُلوبَكُمْ مِنْ قَبْلِ اَنْ تُخْرَجَ مِنْها اَبْدانُكُمْ

Фаҳмид, аз мурдан аст, ки ба ҳаёти воқеӣ мерасад. Инсон то аз табиат намирад — ки худи Ҳофиз дар ин замина суханони зиёде дорад — ба ҳақиқат зинда намешавад. Ҳофиз мегӯяд:

*Ту, к-аз саройи табиат намеравӣ берун,*

*Куҷо ба кӯйи ҳақиқат гузар тавонӣ кард?*

Ғараз ин аст: ин тӯтӣ аз он тӯтистон (ба истилоҳ) омада буд, дар қафас ва ғариб буд. Ин, зарбулмасали инсон аст, ки аз ҷаҳони дигар омада ва ин ҷаҳон барои ӯ қафас аст. Худаш гуфт:

*Чунин қафас на сазойи чу ман хушилҳонест,*

*Равам ба гулшани ризвон, ки мурги он чаманам.*

Ин аст, ки урафо баҳси бисёр ширине доранд роҷеъ ба ғурбати инсон. Ҷомӣ қитъае дорад, ки мегӯяд:

*Дило, то кай дар ин кохи маҷозӣ*

*Кунӣ монанди тифлон хокбозӣ?*

*Туйӣ он дастпарвари мурги густох,*

*Ки будат ошён берун аз ин кох.*

*Чаро з-он ошён бегона гаштӣ?*

*Чу дунон ҷугди ин вайрона гаштӣ?..*

*Халилосо дари мулки яқин зан,*

*Навои "Ло уҳиббул-офилин" зан.*

Ва боз дар ин замина Мавлавӣ хеле олӣ гуфта. Аслан дебочаи Маснавӣ бо нолаи ғурбати инсон оғоз мешавад:

*Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,*

*Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.*

Чӣ тамсили олиест! Ин нолаи най, ин нолае, ки ба қавли ӯ шӯр дар ҳамаи ҷаҳон фиканда ва ҳамаро ба таби ҳаракат ва ба тарабу ҳаяҷон меоварад, нолаи чист? Нолаи ғурбат аст, нолаи шавқ аст, нолаи ҳиҷрон аст, нолаи майл ба бозгашт аст: ман як тикка чӯб ҳастам; чун маро аз найистон буриданд ва ба инҷо оварданд, ин нолаи ғурбат аст, ки дар миёни шумо танҳо мондаам; шумо як идда инсонҳо ҳастед, як идда сангу кулӯху аз ин ҳарфҳо, ман, ки инҷо найе намебинам, ман бояд баргардам ба найистон, ман миёни шумо ғарибам.

*Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,*

*Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.*

*К-аз найистон то маро бибридаанд,*

*Аз нафирам марду зан нолидаанд.*

*Сина хоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,*

*То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.*

Дебочаи Маснавӣ инсофан шоҳкорест, аммо агар инсон румузи ирфониро бидонад. Ва то инсон ба кутуби урафо ошно набошад, он ҳам на ба китобҳои форсӣ, ки кори адабиётиҳост (адабиётиҳои мо мераванд чаҳорто девони шеърро мехонанд, хиёл мекунанд, ки бо румузи ирфонӣ ошно ҳастанд). То инсон кутуби илмии ирфониро — чӣ онҳо, ки дар сайру сулук навишта шуда ва чӣ онҳо, ки дар ирфони ба истилоҳ фалсафӣ навишта шуда мисли китобҳои Муҳйиддин — дуруст нахонад, наметавонад Маснавӣ ё Ҳофизро бифаҳмад, маҳол ва мумтанеъ аст, аслан дарки инҳо кори адиб ва адабиётӣ ба ҳеч шакл нест.

Як ташбеҳи ширини дигаре Мавлавӣ роҷеъ ба ғурбати инсон кардааст, ки аҷиб аст. Масале оварда аз фил ва Ҳиндустон. Мегӯянд, филро аз Ҳиндустон меоваранд ва ҳамеша ба сари фил мекӯбанд, то ҳавоссаш ба инҷо бошад, ҳамин қадр инро аз сараш бардоред ба ёди Ҳиндустон меафтад. Ва мегӯянд, фил вақте мехобад Ҳиндустонро хоб мебинад, чаро? Барои ин ки аслаш аз Ҳиндустон аст, аз онҷо омада, ҳуббулватан аст. Мегӯяд, ки фил ҳамеша Ҳиндустон хоб мебинад, вале улоғ (хар), ки ҳеч вақт Ҳиндустон хоб намебинад, чун улоғ чунин собиқаи зеҳнӣ надорад, ватанаш онҷо нест. Он вақт мехоҳад бигӯяд, ин ки инсон орзуи ҷовидонӣ ва хулуд дорад ва ин ки инсон ҷаҳонро бо худаш бегона мебинад ва орзуҳои худашро он чунон васеъ мебинад, ки тамоми ҷаҳон барои орзуҳои ӯ кӯчак аст, иллаташ ин аст, ки инҳо ҳама он ёдгорҳое аст, ки аз ҷаҳони дигар дорад ва он чӣ дар инҷо ба сурати орзу дар инсон ҷилва мекунад, мисли он чизе аст, ки дар олами хоб бар фил ҷилва мекунад. Фил он чӣ, ки дар бедорӣ дида ва ба ёдаш ҳаст, вақте мехобад, ҳамонро хоб мебинад. Инсон он чӣ, ки дар ҷаҳони моқабли табиат медидааст ва бо он ошноӣ дорад, дар ин дунё, ки барои ӯ мисли хоб аст – чун

اَلنّاسُ نِيامٌ فَإذا ماتُوا انْتَبَهوا

— ба сурати орзуҳо, майлҳо, дардҳо, шавқҳо ва ҳиҷронҳо дар руҳаш мунъакис мешавад. Ғайри инсон инчунин нест. (Хеле олӣ аст!) мегӯяд:

Пил бояд, то чу хусбад ӯ ситон,
*Хоб бинад хиттаи Ҳиндустон.*
*Хар набинад ҳеч Ҳиндустон ба хоб,*
*Хар зи Ҳиндустон накардаст игтироб…*
*Зикри Ҳиндустон кунад пил аз талаб,*
*Пас мусаввар гардад он зикраш ба шаб.*

Мехоҳад бигӯяд, ин ҳолате, ки дар инсон ҳаст мавлуди он собиқае аст, ки аз онҷо омадааст. Ҳофиз ҳам, ки дар ин замина дидем, ки мегӯяд:

*Ки: эй баландназар шоҳбози сидранишин,*
*Нишемани ту на ин кунҷи меҳнатобод аст.*

Боз инсонро мисли як мурғе медонад, ки аз ошёнаи худаш овора шуда, омада дар хароба. Он ошёна аст, ин хароба. Дар мантиқи Ҳофиз, инсон мурғи берун аз ошёна ва ҷогирифта дар хароба аст.

Дар ҷойи дигар, ки ба истилоҳ онро "оҳуи ваҳшӣ" меноманд — ва зиёд ҳам ҳаст — ашъори дубайтӣ-дубайтӣ дорад, ки ғазал нест, ки ҳама радифу қофия дошта бошад. Дар онҷо ба назари ман, Ҳофиз тамоми саъяш ҳамин аст, ки ғурбати инсонро нишон бидиҳад.

Инсонро ташбеҳ мекунад ба он оҳуи ваҳшӣ — яъне оҳуи ғайри аҳлӣ — ки ӯро гирифтаанд ва аз хайли оҳувон ҷудо мондааст, мегӯяд:

*Ало эй оҳуи ваҳшӣ, куҷоӣ?*
*Маро бо туст чандин ошноӣ.*
*Ду танҳову ду саргардон ду бекас,*
*Даду домат камин аз пешу аз пас.*
*Биё, то ҳоли якдигар бидонем,*
*Муроди ҳам биҷӯйем ар тавонем,*
*Ки мебинам, ки ин дашти мушавваш,*
*Чарогоҳе надорад хурраму ха(в)ш,*
*Кӣ хоҳад шуд бигӯед, эй рафиқон!*

*Рафиқи бекасон ёри гарибон?*

Ғариб фақат бо ғариб метавонад рафиқ бошад. Он шеъри маъруфи Имруъулқайс чунин аст:

اَجارَتَنا اَنّا غَريبانِ هيهُنا
وَ كُلُ غَريبٍ لِلْغَريبِ نَسيب

Яъне ғариб бо ғариб қавму хеш аст, дуто ғариб вақте ҳамдигарро пайдо мекунанд, мисли ин аст, ки дуто қавму хеш ҳастанд.

*Кӣ хоҳад шуд бигӯед, эй рафиқон!*

*Рафиқи бекасон ёри гарибон?*

*Магар Хизри муборак пай дарояд,*

*Зи юмни ҳимматаш коре гушояд.*

*Магар вақти вафо парвардан омад,*

*Ки фолам "Ло тазарнӣ фардан" омад?*

"Ло тазарнӣ фардан" дар таъбири ирфонб яъне Худоё маро дар табиат боқӣ нагузор, яъне ба ман тавфиқ бидеҳ, ки аз саройи табиат убур кунам. Агар инсон дар табиат бимонад ва натавонад худашро ба моварои табиат баргардонад, дар воқеъ дар табъидгоҳ ва дар ғурбат ба сар бурдааст, мисли "Сибирӣ" аст.

*Чунинам ҳаст ёд аз пири доно*

*Фаромӯшам нашуд ҳаргиз ҳамоно,*

*Ки рӯзе раҳраве дар сарзамине,*

*Ба лутфаш гуфт: ринде раҳнишине,*

*Ки эй солик чӣ дар анбона дорӣ?*

*Биё доме бинеҳ гар дона дорӣ.*

*Ҷавобаш дод, гуфто: дом дорам,*

*Вале симург мебояд шикорам.*

Ман бо ин дом ғайр аз симурғ, ки подшоҳи мурғон аст, чизи дигар шикор намекунам. Медонед, симурғ зарбулмасали Худованд аст. Аслан "Мантиқуттайр"-и Аттор дар ҳамин заминаи симурғ аст, ки мақсудаш Худост. Ҳофиз ҳам гоҳе таъбир ба "анқо" мекунад, хеле ҷоҳо дорад.